КИТОБХОНАИ МАКТАБ

САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БӮСТОН

КИТОБХОНАИ МАКТАБ

САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БӮСТОН

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2008

ББК – 83.3(0)9+83.2 Тоҷик
С-38

Мураттиб: Саҳобиддин Сиддиқов
Ҳозиркунандаи чоп: Мубашшир Акбарзод

Ҳайати таҳририя:
Маҳмадулло Лутфуллоев, Мирзо Муллоаҳмадов, Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Мубашшир Акбарзод, Наҷмиддин Зайниддинов.

Муҳаррири масъул: Холов Музаффар

С-38. Саъдии Шерозӣ. «Бӯстон». Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2008, 292 саҳ.

“Бӯстон” асари панду андарзии Шайх Саъдии Шерозист, ки аз замонаш то имрӯз ба мардум хизмат мекунад. Он ҳамеша барои тарбияи хонандагон саҳмгузор хоҳад буд.

ISBN 978 -99947- 58-12-8

БЎСТОН

Ба номи Худованди ҷонофарин,
Ҳакими сухан дар забонофарин.
Худованди бахшандаи дастгир,
Карими хатобахши пўзишпазир.
Азизе, ки ҳар к- аз дараш сар битофт,
Ба ҳар дар, ки шуд, ҳеч иззат наёфт.
Сари подшоҳони гарданфароз
Ба даргоҳи ў бар замини ниёз.
На гарданкашонро бигирад ба фавр,
На узроваронро биронад ба ҷавр.
В- агар хашм гирад зи кирдори зишт,
Чу боз омадӣ, моҷаро дарнавишт,
Агар бо падар ҷанг ҷўяд касе,
Падар, бегумон, хашм гирад басе.
В- агар хеш розӣ набошад зи хеш,
Чу бегонагонаш биронад зи пеш.
В- агар банда чобук набошад ба кор,
Азизаш надорад худовандгор.
В- агар бар рафиқон набошӣ шафиқ[1],
Бо фарсанг бигрезад аз ту рафиқ.
В- агар тарки хидмат кунад лашкарӣ,
Шавад шоҳи лашкар-ш аз вай барӣ.
Валекин худованди болову паст
Ба исён дари ризқ бар кас набаст.
Ду кавнаш яке қатра аз баҳри илм,
Гунаҳ бинаду парда пўшад ба ҳилм.
Адими[2] замин суфраи оми ўст,
Бар ин хони яғмо чи душман, чи дўст.

---

[1] Шафиқ - ғамхор
[2] Адими замин – рўи замин

Агар бар чафопеша биштофтӣ,
Кай аз дасти қаҳраш амон ёфтӣ?
Барӣ[1] зоташ аз тухмати зидду чинс,
Ғанӣ мулкаш аз тоати чинну инс.
Парастори амраш ҳама чизу кас,
Банӣ одаму мурғу мӯру магас.
Чунон паҳн хони карам[2] густарад,
Ки Симурғ дар Қоф қисмат х(в)арад.
Латифи карамгустари корсоз,
Ки донои халқ асту донои роз.
Мар ӯро расад кибриёву манӣ,
Ки мулкаш қадим асту зоташ ғанӣ[3].
Якеро ба сар барниҳад тоҷи бахт,
Якеро ба хок-андар орад зи тахт.
Кулоҳи саодат яке бар сараш,
Гилеми шақоват[4] яке дар бараш.
Гулистон кунад оташе бар Халил,
Гурӯҳе бар оташ барад з-оби Нил.
Гар он аст, маншури эҳсони ӯст,
В- ар ин аст, тавқеи фармони ӯст.
Паси парда бинад амалҳои бад,
Ҳам ӯ парда пӯшад ба олои х(в)ад.
Ба таҳдид агар баркашад теғи ҳукм,
Бимонанд каррубиён сумму букм[5].
В- ағар дардиҳад як салои карам,
Азозил гӯяд, насибе барам.

---

[1] Барӣ – пок, мубарро
[2] Карам – бахшиш, саховат
[3] Ғанӣ - доро
[4] Шақоват - бадбахтӣ,сахтӣ
[5] Суму букм - кару гунг

Ба даргоҳи лутфу бузургӣ-ш- бар
Бузургон ниҳода бузургӣ зи сар.
Фурӯмондагонро ба раҳмат қариб,
Тазарруъкунонро ба даъват муҷиб.
Бар аҳволи нобуда илмаш басир,
Ба асрори ногуфта лутфаш хабир.
Ба қудрат нигаҳдори болову шеб,
Худованди девони рӯзи ҳисеб.
На мустағнӣ аз тоаташ пушти кас,
На бар ҳарфи ӯ ҷои ангушти кас.
Қадиме накӯкору некиписанд
Ба килки қазо дар раҳим нақшбанд.
Зи Машриқ ба Мағриб маҳу офтоб
Равон карду бинҳод гетӣ бар об.
Замин аз таби ларза омад сутӯҳ,
Фурӯ кӯфт бар доманаш мехи кӯҳ.
Диҳад нутфаро сурате чун парӣ,
Кӣ кардаст бар об суратгарӣ?
Ниҳад лаълу пирӯза дар салби[1] санг,
Гули лаъл дар шохи пирӯза ранг.
Зи абр афканад қатрае сӯи ям,
Зи салб оварад нутфае дар шикам.
Аз он қатра лӯълӯи лоло кунад,
В-аз ин сурате сарвболо кунад.
Бар ӯ илми як зарра пӯшида нест,
Ки пайдову пинҳон ба наздаш якест.
Муҳайёкуни рӯзии мору мӯр,
Агарчанд бе дасту поянду зӯр,
Ба амраш вуҷуд аз адам нақш баст,
Кӣ донад ҷуз ӯ кардан аз нест ҳаст?

---

[1] Салб - ниҳод

Дигар рах ба катми адам[1]-дарбарад
В- аз он чо ба сахрои махшар барад.
Чахон муттафик бар илохийяташ,
Фурӯ монда дар кунхи мохийяташ.
Башар моварои чалолаш наёфт,
Басар мунтахои чамолаш наёфт.
На бар авчи зоташ парад мурғи вахм,
На дар зайли васфаш расад дасти фахм.
Дар ин варта киштӣ фурӯ шуд хазор,
Ки пайдо нашуд тахтае бар канор.
Чӣ шабхо нишастам дар ин сайр гум,
Ки дахшат гирифт остинам, ки «кум!»
Мухит аст илми малак бар басит,
Киёси ту бар вай нагардад мухит.
На идрок дар кунхи зоташ расид,
На фикрат ба гаври сифоташ расид.
Тавон дар балоғат[2] ба Сахбон расид,
На дар кунхи бечуни субхон расид.
Ки хосон дар ин рах фарас[3] рондаанд,
Ба лоухсӣ аз так фурӯ мондаанд.
На хар чой маркаб тавон тохтан,
Ки чохо сипар бояд андохтан.
В- агар солике махрами роз гашт,
Бибанданд бар вай дари бозгашт.
Касеро дар ин базм соғар диханд,
Ки доруи бехушияш дардиханд.
Яке бозро дида бардӯхтаст,
Яке дидахо бозу пар сӯхтаст.
Касе рах суи ганчи Корун набурд,
В- агар бурд, рах боз берун набурд.

---

[1] Катми Адам - оламм нестӣ
[2] Балоғат - суханварӣ
[3] Фарас – чорпои саворӣ

Бимурдам дар ин мавҷи дарёи хун,
К- аз ӯ кас набурдаст киштӣ бурун.
Агар толибӣ, к-ин замин тай кунӣ,
Нахуст асби бозомадан пай кунӣ.
Тааммул дар оинаи дил кунӣ,
Сафое ба тадриҷ ҳосил кунӣ.
Магар бӯе аз ишқ мастат кунад,
Талабгори аҳди аластат кунад.
Ба пои талаб раҳ бад- он ҷо барӣ,
В- аз он ҷо ба боли муҳаббат парӣ.
Бидаррад яқин пардаҳои хаёл,
Намонад саропарда илло ҷалол.
Дигар маркаби ақлро пӯя нест,
Инонаш бигирад таҳайюр, ки «ист!»
Дар ин баҳр ҷуз марди доъӣ нарафт,
Гум он шуд, ки дунболи роъӣ[1] нарафт.
Касоне, к- аз ин роҳ баргаштаанд,
Бирафтанд бисёру саргаштаанд.
Хилофи паямбар касе раҳ гузид,
Ки ҳаргиз ба манзил нахоҳад расид.
Мапиндор, Саъдӣ, ки роҳи сафо
Тавон рафт ҷуз дар пайи Мустафо.

СИТОИШИ ПАЯМБАР

Каримуссаҷоё, ҷамилушшиям,
Набиюлбароё, шафеъулумам,
Имоми русул, пешвои сабил,
Амини Худо, маҳбити Ҷабраил.
Шафеъулваро, хоҷаи баъсу нашр,
Имомулҳудо, садри девони ҳашр.

---

[1] Роъӣ - чӯпон

Калиме, ки чархи фалак Тури ӯст,
Ҳама нурҳо партави нури ӯст.
Шафеъун, мутоъун, набиюн, карим,
Қасимун, ҷасимун, насимун, васим.
Ятиме, ки нокарда Қуръон дуруст,
Кутубхонаи чанд миллат бишуст.
Чу азмаш баромехт шамшери бим,
Ба муъҷиз миёни қамар зад ду ним.
Чу ситаш[1] дар афвоҳи дунё фитод,
Тазалзул дар айвони Кисро фитод.
Ба «ло» қомати Лот бишкаст хурд,
Ба эъзози дин оби Уззо бибурд.
На аз Лоту Уззо баровард гард,
Ки Тавроту Инҷил мансух кард.
Шабе барнишаст, аз фалак баргузашт,
Ба тамкину ҷоҳ аз малак даргузашт.
Чунон гарм дар тиҳи қурбат биронд,
Ки бар Сидра Ҷабрил аз ӯ бозмонд.
Бад- ӯ гуфт солори байтулҳаром,
Ки эй ҳомили ваҳй, бартар хиром!
Чу дар дӯстӣ мухлисам ёфтӣ,
Инонам зи суҳбат чаро тофтӣ?
Бигуфто: «Фаротар маҷолам намонд,
Бимондам, ки нерӯи болам намонд.
Агар як сари мӯй бартар парам,
Фурӯғи таҷаллӣ бисӯзад парам.
Намонад ба исён касе дар гарав,
Ки дорад чунин саййиде пешрав.
Чӣ наъти писандида гӯям туро?
Алайкассалом, эй набиялвaро!

---

[1] Ситаш – шӯҳрат, овоза.

Дуруди малик бар равони ту бод,
Бар асҳобу бар пайравони ту бод!
Нахустин Абӯбакр пири мурид,
Умар панҷабарпечи деви марид.
Хирадманд Усмони шабзиндадор,
Чаҳорум Алӣ шоҳи Дулдулсавор.
Худоё, ба ҳаққи банӣ Фотима,
Ки бар қавл имон кунам хотима.
Агар даъватам рад кунӣ в- ар қабул,
Ману дасту домони оли расул.
Чӣ кам гардад, эй садри фархундапай,
Зи қадри рафеъат ба даргоҳи ҳай?
Ки бошанд муште гадоёни хайл,
Ба меҳмони доруссаломат туфайл?
Худоят сано гуфту табҷил кард,
Заминбӯси қадри ту Ҷабрил кард.
Баланд осмон пеши қадрат хиҷил,
Ту махлуқу Одам ҳанӯз обу гил.
Ту асли вуҷуд омадӣ аз нахуст,
Дигар ҳар чӣ мавҷуд шуд, фаръи туст.
Надонам, кадомин сухан гӯямат,
Ки волотарӣ, з- он чӣ ман гӯямат.
Туро иззи лавлоки тамкин бас аст,
Санои ту «Тоҳо»- ву «Ёсин» бас аст.
Чӣ васфат кунад Саъдии нотамом?
Алайкассалот, эй набӣ, вассалом!»

САБАБИ НАЗМИ КИТОБ

Дар ақсои олам бигаштам басе,
Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.

Таматтуъ ба ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.
Чу покони Шерози хокиниҳод
Надидам, ки раҳмат бар ин хок бод!
Таваллои мардони ин покбум
Барангехтам хотир аз Шому Рум.
Дареғ омадам з- он ҳама бӯстон
Тиҳидаст рафтан суи дӯстон.
Ба дил гуфтам: Аз Миср қанд оварам,
Бари дӯстон армуғоне барам.
Маро гар тиҳӣ буд аз он қанд даст,
Суханҳои ширинтар аз қанд ҳаст.
На қанде, ки мардум ба сурат х(в)аранд,
Ки арбоби маънӣ ба коғаз баранд.
Чу ин кохи давлат бипардохтам,
Бар ӯ даҳ дар аз тарбият сохтам:
Яке боби адл асту тадбиру рой,
Ниғаҳбонии халқу тарси Худой.
Дувум боби эҳсон ниҳодам асос,
Ки мунъим кунад фазли Ҳақро сипос.
Севум боби ишқ асту мастию шӯр,
На ишқе, ки банданд бар худ ба зӯр.
Чаҳорум тавозуъ, ризо панчумин
Шашум зикри марди қаноатгузин.
Ба ҳафтум дар аз олами тарбият,
Ба ҳаштум дар аз шукр бар офият.
Нуҳум боби тавба-сту роҳи савоб,
Даҳум дар муноҷоту хатми китоб.
Ба рӯзи ҳумоюну соли саъид,
Ба таърихи фаррух миёни ду ид
Зи шашсад фузун буд панҷоҳу панҷ,
Ки пурдур шуд ин номбардор ганҷ.

Бимондаст бо домане гавҳарам,
Ҳанӯз аз хиҷолат ба зону сарам.
Ки дар баҳри лӯълӯ садаф низ ҳаст,
Дарахти баланд аст дар боғу паст.
Ало, эй хирадманди покизахӯй,
Ҳунарманд нашнидаам айбҷӯй.
Қабо гар ҳарир асту гар парниён,
Ба ночор ҳашваш бувад дар миён.
Ту гар парниёне наёбӣ, маҷӯш,
Карам кор фармову ҳашваш бипӯш.
Нанозам ба сармояи фазли хеш,
Ба дарюза овардаам даст пеш.
Шунидам, ки дар рӯзи уммеду бим
Бадонро ба некон бибахшад карим.
Ту низ ар баде бинием дар сухун,
Ба хулқи ҷаҳонофарин кор кун.
Чу байте писанд оядат аз ҳазор,
Ба мардӣ, ки даст аз тааннут бидор.
Ҳамоно, ки дар Форс иншои ман
Чу мушк аст беқимат андар Хутан.
Чу бонги дуҳул ҳавлам аз дур буд,
Ба ғайбат- дарам айб мастур буд.
Гул овард Саъдӣ суи бӯстон
Ба шӯхию фулфул ба Ҳиндустон.
Чу хурмо ба ширинӣ андуда пӯст,
Чу бозаш кунӣ, устухоне дар ӯст.

МАДҲИ АБӮБАКР ИБНИ САЪД ИБНИ ЗАНГӢ

Маро табъ аз ин навъ хоҳон набуд,
Сари мидҳати подшоҳон набуд.

Вале назм кардам ба номи фалон,
Магар боз гӯянд соҳибдилон,
Ки Саъдӣ, ки гӯйи балоғат рабуд,
Дар айёми Бӯбакр бин Саъд буд.
Сазад, гар ба давраш бинозам чунон,
Ки сайийд ба даврони Нӯшинравон.
Ҷаҳонбони динпарвари додгар
Наёмад чу Бӯбакр баъд аз Умар.
Сари сарфарозону тоҷи меҳон,
Ба даврони адлаш биноз, эй ҷаҳон!
Гар аз фитна ояд касе дар паноҳ,
Надорад ҷуз ин кишвар оромгоҳ.
Надидам чунин ганҷу мулку сарир,
Ки вақф аст бар тифлу дарвешу пир.
Наёмад бараш дардноки ғаме,
Ки наниҳод бар хотираш марҳаме.
Талабгори хайр аст уммедвор,
Худоё, умеде ки дорад, барор.
Кулаҳгӯша бар осмони барин,
Ҳанӯз аз тавозуъ сараш бар замин.
Гадо гар тавозуъ кунад, хӯйи ӯст,
Зи гарданфарозон тавозуъ накӯст.
Агар зердасте бияфтад, чӣ хост?
Забардасти афтода марди Худост.
На зикри ҷамилаш ниҳон меравад,
Ки сити карам дар ҷаҳон меравад.
Чун ӯе хирадманду фаррухнажод
Надорад ҷаҳон, то ҷаҳон аст ёд.
Набинӣ дар айёми ӯ ранҷае,
Ки нолад зи бедоди сарпанҷае.
Кас ин расму тартибу оин надид,
Фаридун або он шукӯҳ ин надид.

Аз он пеши Ҳақ пойгоҳаш қавист,
Ки дасти заифон ба ҷоҳаш қавист.
Чунон соя густарда бар оламе,
Ки золе наяндешад аз Рустаме.
Ҳама вақт мардум зи ҷаври замон
Биноланду аз гардиши осмон.
Дар айёми адли ту, эй шаҳрёр,
Надорад шикоят кас аз рӯзгор.
Ба аҳди ту мебинам ороми халқ,
Пас аз ту надонам саранҷоми халқ.
Ҳам аз бахти фархундафарҷоми туст,
Ки таърихи Саъдӣ дар айёми туст,
Ки то бар фалак моҳу хуршед ҳаст,
Дар ин дафтарат зикри ҷовид ҳаст.
Мулук ар накӯномӣ андӯхтанд,
Зи пешинагон сират омӯхтанд.
Ту дар сирати подшоҳии хеш
Сабақ бурдӣ аз подшоҳони пеш.
Сикандар ба девори рӯину санг
Бикард аз ҷаҳон роҳи яъҷуҷ танг.
Туро садди яъҷуҷи куфр ар зар аст,
На рӯин чу девори Искандар аст.
Забоноваре, к- андар ин амну дод
Сипосат нагӯяд, забонаш мабод!
Зиҳӣ, баҳри бахшоишу кони ҷуд,
Ки мустазҳаранд аз вуҷудат вуҷуд.
Бурун бинам авсофи шоҳ аз ҳисоб,
Нагунҷад дар ин танг майдон китоб.
Гар он ҷумларо Саъдӣ иншо кунад,
Магар дафтаре дигар имло кунад.
Фурӯ мондам аз шукри чандин карам,
Ҳамон беҳ, ки дасти дуо густарам.

Ҷаҳонат ба кому фалак ёр бод,
Ҷаҳонофаринат нигаҳдор бод!
Баланд ахтарат олам афрӯхта,
Завол ахтари душманат сӯхта.
Ғам аз гардиши рӯзгорат мабод
В- аз андеша бар дил ғуборат мабод,
Ки бар хотири подшоҳон ғаме
Парешон кунад хотири оламе.
Дилу кишварат ҷамъу маъмур бод,
Зи мулкат парокандагӣ дур бод.
Танат бод пайваста чун дин дуруст,
Бадандешро дил чу тадбир суст.
Дарунат ба таъйиди Ҳақ шод бод,
Дилу дину иқлимат обод бод.
Ҷаҳонофарин бар ту раҳмат кунод,
Дигар ҳар чӣ гӯям, фасона-сту бод.
Ҳаминат бас аз кирдгори маҷид,
Ки тавфиқи хайрат бувад бар мазид.
Нарафт аз ҷаҳон Саъди Зангӣ бадард,
Ки чун ту халаф номбардор кард.
Аҷаб нест ин фаръ аз асли пок,
Ки ҷонаш бар авҷ асту ҷисмаш ба хок.
Худоё, бар он турбати номдор
Ба фазлат, ки борони раҳмат бибор.
Гар аз Саъди Зангӣ масал монду ёд,
Фалак ёвари Саъди Бӯбакр бод!

МАДҲИ САЪД ИБНИ АБИБАКР ИБНИ САЪД

Атобак Муҳаммад шаҳи некбахт,
Худованди тоҷу худованди тахт.
Ҷавону ҷавонбахту равшанзамир,
Ба давлат ҷавону ба тадбир пир.

Ба дониш бузургу ба ҳиммат баланд,
Ба бозу далеру ба дил ҳушманд.
Зиҳӣ давлати модари рӯзгор,
Ки рӯде чунин парварад дар канор.
Ба дасти карам оби дарё бибурд,
Ба рифъат маҳалли Сурайё бибурд.
Зиҳӣ, чашми давлат ба рӯи ту боз,
Сари шаҳрёрони гарданфароз.
Садафро, ки бинӣ зи дурдона пур,
На он қадр дорад, ки якдона дур.
Ту он дурри макнуни якдонаӣ,
Ки пирояи салтанатхонаӣ.
Нигаҳ дор, ё Раб, ба чашми х(в)адаш,
Бипарҳез аз осеби чашми бадаш.
Худоё, дар офоқ номӣ кунаш,
Ба тавфиқи тоат гиромӣ кунаш.
Муқимаш дар инсофу тақво бидор,
Муродаш ба дунёву ақбо барор.
Ғам аз душмани нописандаш мабод,
В-аз андеша бар дил газандаш мабод!
Биҳиштӣ дарахт оварад чун ту бор,
Писар номҷӯю падар номдор.
Аз он хонадон хайр бегона дон,
Ки бошанд бадхоҳи ин хонадон.
Зиҳӣ дину дониш, зиҳӣ адлу дод,
Зиҳӣ мулку давлат, ки поянда бод.
Нагунҷад карамҳои Ҳақ дар қиёс,
Чӣ хидмат гузорад забони сипос.
Худоё, ту ин шоҳи дарвешдӯст,
Ки осоиши халқ дар зилли ӯст,
Басе бар сари халқ поянда дор,
Ба тавфиқи тоат дилаш зинда дор.
Барӯманд дораш дарахти умед,
Сараш сабзу рӯяш ба раҳмат сафед.

Ба роҳи такаллуф марав, Саъдиё,
Агар сидқ дорӣ, биёру биё.
Ту манзилшиносию шаҳ роҳрав,
Ту ҳақгӯю хусрав ҳақоиқшунав.
Чӣ ҳоҷат, ки нуҳ курсии осмон
Ниҳӣ зери пои Қизиларслон?
Магӯ, пои иззат бар афлок неҳ,
Бигӯ, рӯи ихлос бар хок неҳ.
Ба тоат бинеҳ чеҳра бар остон,
Ки ин аст саҷҷодаи[1] ростон.
Агар бандаӣ, сар бар ин дар бинеҳ,
Кулоҳи худовандӣ аз сар бинеҳ.
Ба даргоҳи фармондиҳи зулҷалол
Чу дарвеш пеши тавонгар бинол.
Чу тоат кунӣ, лубси шоҳӣ мапӯш,
Чу дарвеши мухлис баровар хурӯш.
Ки парвардгоро, тавонгар туӣ,
Тавонову дарвешпарвар туӣ.
На кишвархудоям, на фармондиҳам,
Яке аз гадоёни ин даргаҳам.
Ту бар хайру некӣ диҳам дастрас,
Вагарна чӣ хайр ояд аз ман ба кас?
Дуъо кун ба шаб чун гадоён ба сӯз,
Агар мекунӣ подшоҳӣ ба рӯз.
Камарбаста гарданкашон бар дарат,
Ту бар остони ибодат сарат.
Зиҳӣ бандагонро худовандгор,
Худовандро бандаи ҳақгузор.
Ҳикоят кунанд аз бузургони дин,
Ҳақиқатшиносони айнулякин,
Ки соҳибдиле бар паланге нишаст,
Ҳаме ронд раҳвору море ба даст.

---

[1] Саҷҷода - ҷойнамоз

Яке гуфташ: Эй марди роҳи Худой,
Бад- ин раҳ, ки рафтӣ, маро раҳ намой.
Чӣ кардӣ, ки дарранда роми ту шуд,
Нигини саодат ба номи ту шуд?
Бигуфт: Ар палангам забун асту мор
В-агар пилу каргас, шигифтӣ мадор.
Ту ҳам гардан аз ҳукми довар мапеч,
Ки гардан напечад зи ҳукми ту ҳеч.
Чу ҳоким ба фармони довар бувад ,
Худояш нигаҳбону ёвар бувад.
Муҳол аст, чун дӯст дорад туро,
Ки дар дасти душман гузорад туро.
Раҳ ин аст, рӯй аз тариқат матоб,
Бинеҳ гому коме ки дорӣ, биёб.
Насиҳат касе судманд оядаш,
Ки гуфтори Саъдӣ писанд оядаш.

БОБИ АВВАЛ

ДАР АДЛУ ТАДБИРУ РОЙ

Шунидам, ки дар вақти назъи равон
Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯширвон,
Ки хотирнигаҳдори дарвеш бош,
На дар банди осоиши хеш бош.
Наёсояд андар диёри ту кас,
Чу осоиши хеш ҷӯию бас.
Наёяд ба наздики доно писанд,
Шубон хуфтаву гург дар гӯсфанд.
Бирав, поси дарвеши муҳтоҷ дор,
Ки шоҳ аз раият бувад тоҷдор.
Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.

Макун, то тавонӣ, дили халқ реш
В-агар мекунӣ, меканӣ бехи хеш.
Агар ҷодае боядат мустақим,
Раҳи порсоён умед асту бим.
Табиат шавад мардро бихрадӣ
Ба уммеди некию бими бадӣ.
Гар ин ҳар ду дар подшаҳ ёфтӣ,
Дар иқлиму мулкаш бунаҳ ёфтӣ.
Ки бахшоиш орад бар уммедвор
Ба уммеди бахшоиши кирдгор.
Газанди касонаш наёяд писанд,
Ки тарсад, ки дар мулкаш ояд газанд.
В-агар дар сиришти вай ин хӯй нест,
Дар он кишвар осудагӣ бӯй нест.
Агар пойбандӣ, ризо пеш ғир,
В- агар таксаворӣ сари хеш гир.
Фарохӣ дар он марзу кишвар маҳоҳ,
Ки дилтанг бинӣ раият зи шоҳ.
Зи мустакбирони диловар битарс,
Аз он к-ӯ натарсад зи довар, битарс.
Дигар кишвар обод бинад ба хоб,
Ки дорад дили аҳли кишвар хароб?
Харобию бадномӣ ояд зи ҷавр,
Расад пешбин ин суханро ба ғавр.
Раият нашояд ба бедод кушт,
Ки мар салтанатро паноҳанду пушт.
Муроотри деҳқон кун аз баҳри хеш,
Ки муздури хушдил кунад кор беш.
Мурувват набошад бадӣ бо касе,
К- аз ӯ некуӣ дида бошӣ басе.

***

Шунидам, ки Хусрав ба Ширӯя гуфт,
Дар он дам, ки чашмаш зи дидан бихуфт:

«Бар он бош, то ҳар чӣ нийят кунӣ,
Назар дар салоҳи раийят кунӣ».
Ало, то напечӣ сар аз адлу рой,
Ки мардум зи дастат напечанд пой.
Гурезад раият зи бедодгар,
Кунад номи зишташ ба гетӣ самар.
Басе барнаёяд, ки бунёди х(в)ад
Биканд, он кӣ бинҳод бунёди бад.
Харобӣ кунад марди шамшерзан
На чандон ки дуди дили тифлу зан.
Чароғе, ки бевазане барфурӯхт,
Басе дида бошӣ, ки шаҳре бисӯхт.
Аз он баҳравартар дар офоқ кист,
Ки дар мулкронӣ ба инсоф зист?
Чу навбат расад з- ин ҷаҳон ғурбаташ,
Тараҳҳум фиристанд бар турбаташ.
Баду неки мардум чу мебигзаранд,
Ҳамон беҳ, ки номат ба некӣ баранд.

***

Худотарсро бар раият гумор,
Ки меъмори мулк аст парҳезгор.
Бадандеши туст ону хунхори халқ,
Ки нафъи ту ҷӯяд дар озори халқ.
Риёсат ба дасти касоне хатост,
Ки аз дасташон дастҳо бар Худост.
Накӯкорпарвар набинад бадӣ,
Чу бад парварӣ, хасми ҷони х(в)адӣ.
Мукофоти муъзӣ[1] ба молиш макун,

---

[1] Муъзӣ – озордиҳанда, азияткунанда.

Ки бехаш баровард бояд зи бун.
Макун сабр бар омили[1] зулмдӯст,
Ки аз фарбиҳӣ боядаш канд пӯст.
Сари гург бояд ҳам аввал бурид,
На чун гӯсфандони мардум дарид.

***

Чӣ хуш гуфт бозоргоне асир,
Чу гирдаш гирифтанд дуздон ба тир.
Чу мардонагӣ ояд аз раҳзанон,
Чи мардони лашкар, чи хайли занон.
Шаҳаншаҳ, ки бозоргонро бихаст,
Дари хайр бар шаҳру лашкар бибаст.
Кай он ҷо дигар ҳушмандон раванд,
Чу овозаи расми бад бишнаванд?
Накӯ боядат ному некӣ қабул,
Накӯ дор бозоргону расул.
Бузургон мусофир ба ҷон парваранд,
Ки номи накӯӣ ба олам баранд.
Табаҳ гардад он мамлакат анқариб,
К- аз ӯ хотирозурда ояд ғариб.
Ғарибошно бошу сайёҳдӯст,
Ки сайёҳ ҷаллоби номи накӯст.
Накӯ дор зайфу[2] мусофир азиз
В-аз осебашон барҳазар бош низ.
Зи бегона парҳез кардан накӯст,
Ки душман тавон буд дар зии дӯст.

***

Ғарибе, ки пурфитна бошад сараш,
Маёзору берун кун аз кишвараш.

---

[1] Омил – коргузори давлат, ҷамъкунандаи андоз.
[2] Зайф - меҳмон

Ту гар хашм бар вай нагирӣ, равост,
Ки худ хӯи бад душманаш дар қафост.
В- агар порсӣ бошадаш зодбум,
Ба Санъош мафристу Саклобу Рум.
Ҳам он ҷо амонаш бидеҳ то ба чошт,
Нашояд бало бар дигар кас гумошт,
Ки гӯянд, баргашта бод он замин,
К-аз ӯ мардум оянд берун чунин.

***

Қадимони худро бияфзой қадр,
Ки ҳаргиз наёяд зи парварда ғадр[1].
Чу хидматгузорет гардад куҳун,
Ҳақи солиёнаш фаромуш макун.
Гар ӯро ҳарам дасти хидмат бибаст,
Туро бар карам ҳамчунин даст ҳаст.
Шунидам, ки Шопур дам даркашид,
Чу Хусрав ба расмаш қалам даркашид.
Чу шуд ҳолаш аз бенавоӣ табоҳ,
Набишт ин ҳикоят ба наздики шоҳ:
«Чу базли ту кардам ҷавонии хеш,
Ба ҳангоми пирӣ маронам зи пеш.»

***

Амал гар диҳӣ, марди мунъим[2] шинос,
Ки муфлис надорад зи султон ҳарос.
Чу муфлис[3] фурӯ бурд гардан ба дӯш,
Аз ӯ барнаёяд дигар ҷуз хурӯш.

---

[1] Ғадр – макру бевафоӣ
[2] Мунъим – доро, сарватманд.
[3] Муфлис – нодор, тиҳидаст.

Чу мушриф[1] ду даст аз амонат бидошт,
Бибояд бар ӯ нозире баргумошт.
В-ар ӯ низ дарсохт бо хотираш,
Зи мушриф амал баркану нозираш.
Худотарс бояд амонатгузор,
Амин[2], к-аз ту тарсад, аминаш мадор!
Амин бояд аз довар андешанок,
На аз рафъи девону зачру ҳалок.
Бияфшону бишмору фориғ нишин,
Ки аз сад якеро набинӣ амин.
Ду ҳамҷинси деринаро ҳамқалам
Набояд фиристод як ҷо ба ҳам.
Чӣ донӣ, ки ҳамдаст гарданду ёр,
Яке дузд бошад, яке пардадор.
Чу дуздон зи ҳам бок доранду бим,
Равад дар миён корвонӣ салим.
Якеро, ки маъзул кардӣ зи ҷоҳ,
Чу чанде барояд, бибахшаш гуноҳ.
Баровардани коми уммедвор
Беҳ аз қайду банде шикастан ҳазор.
Нависандаро гар сутуни амал
Бияфтад, набуррад таноби амал.
Ба фармонбарон- бар шаҳи додгар
Падарвор хашм оварад бар писар.
Гаҳаш мезанад, то шавад дарднок,
Гаҳе мекунад обаш аз дида пок.
Чу нармӣ кунӣ, хасм гардад далер,
В- агар хашм гирӣ, шаванд аз ту сер.

---

[1] Мушриф – нозири давлат.
[2] Амин – амонатнигаҳдор.

Дуруштию нармӣ ба ҳам-дар беҳ аст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.
Ҷавонмарду хушхӯю бахшанда бош,
Чу Ҳақ бо ту бошад, ту бо банда бош.
Наёмад кас андар ҷаҳон, к-ӯ бимонд,
Магар он, к-аз ӯ номи некӯ бимонд.
Намурд, он кӣ монад пас аз вай ба ҷой,
Пулу хонию[1] хону[2] меҳмонсарой.
Ҳар он к-ӯ намонад пасаш ёдгор,
Дарахти вуҷудаш наёвард бор.
В-агар рафту осори хайраш намонд,
Нашояд паси маргаш алҳамд хонд.
Чу хоҳӣ, ки номат бувад ҷовидон,
Макун номи неки бузургон ниҳон.
Ҳамин нақш бархон пас аз аҳди хеш,
Ки дидӣ пас аз аҳди шоҳони пеш.
Ҳамин кому ному тараб доштанд,
Ба охир бирафтанду бигзоштанд.
Яке номи некӯ бибурд аз ҷаҳон,
Яке расми бад монд аз ӯ ҷовидон.

***

Ба самъи[3] ризо машнав изои[4] кас
В-агар гуфта ояд, ба ғавраш бирас.
Гунаҳкорро узри нисён[5] бинеҳ,
Чу зинҳор хоҳанд, зинҳор деҳ.

---

[1] Хонӣ – чашма.
[2] Хон – корвонсарой.
[3] Самъ – гӯш.
[4] Изо – озор расонидан.
[5] Нисён – фаромӯшӣ.

Гар ояд гунаҳкор андар паноҳ,
На шарт аст куштан ба аввалгуноҳ.
Чу боре бигуфтанду нашнид панд,
Бидеҳ гӯшмолаш ба зиндону банд.
В-агар панду бандаш наёяд ба кор,
Дарахте хабис аст, бехаш барор.
Чу хашм оядат бар гуноҳи касе,
Тааммул кунаш дар укубат басе,
Ки саҳл аст лаъли Бадахшон шикаст,
Шикаста нашояд дигарбора баст.

ҲИКОЯТ

Зи дарёи Уммон баромад касе,
Сафар карда ҳомуну дарё басе.
Араб дидаву турку тоҷику рум,
Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.
Ҷаҳонгаштаву донишандӯхта,
Сафаркардаву суҳбатомӯхта.
Ба ҳайкал қавӣ чун тановар дарахт,
Валекин фурӯ монда бе барг сахт.
Дусад руқъа болои ҳам дӯхта
Зи ҳарроку[1] ӯ дар миён сӯхта.
Ба шаҳре даромад зи дарёканор
Бузурге дар он ноҳият шаҳрёр,
Ки табъе накӯномиандеш дошт,
Сари авҷ дар пои дарвеш дошт.
Бишустанд хидматгузорони шоҳ
Сару тан ба ҳаммомаш аз гарди роҳ.
Чу бар остони малик сар ниҳод,
Ниёишкунон даст бар бар ниҳод.
Даромад ба айвони шоҳаншаҳӣ,
Ки бахтат ҷавон боду давлат раҳӣ.

---

[1] Ҳаррок- кӯҳнаи оташгира.

Шаҳаншоҳ гуфт: «Аз кучо омадӣ?
Чӣ будат, ки наздики мо омадӣ?
Чӣ дидӣ дар ин кишвар аз хубу зишт?
Бигӯ, эй накӯноми некисиришт?»
Бигуфт: «Эй худованди рӯи замин,
Худоят муин[1] боду давлат қарин.
Нарафтам дар ин мамлакат манзиле,
К- аз осеб озурда дидам диле.
Надидам касе саргарон аз шароб,
Магар ҳам харобот дидам хароб.
Маликро ҳамин мулк пироя бас,
Ки розӣ нагардад ба озори кас».
Сухан гуфту домони гавҳар фишонд
Ба нутқе, ки шаҳ остин барфишонд.
Писанд омадаш ҳусни гуфтори мард,
Ба назди худаш хонду икром кард.
Зараш доду гавҳар ба шукри қудум,
Бипурсидаш аз гавҳару зодбум.
Бигуфт, он чӣ пурсидаш аз саргузашт,
Ба қурбат зи дигар касон баргузашт.
Малик бо дили хеш бо гуфтугӯ,
Ки дасти вазорат супорад бад- ӯ.
Валекин ба тадрич, то анчуман
Ба сустӣ нахананданд бар ройи ман,
Ба ақлаш бибояд нахуст озмуд,
Ба қадри ҳунар пойгоҳаш физуд.
Барад бар дил аз чаври ғам борҳо,
Ки ноозмуда кунад корҳо.
Чу қозӣ ба фикрат нависад сичил,
Нагардад зи дасторбандон хичил.
Назар кун, чу сӯфор[2] дорӣ ба шаст,
На он гаҳ, ки партоб кардӣ зи даст.

---

[1] Муин – ёвар.
[2] Сӯфор – сӯрохи даҳони тир, манзур тир аст.

Чу Юсуф касе дар салоҳу тамиз
Ба як сол бояд, ки гардад азиз.
Ба айём то барнаёяд басе,
Нашояд расидан ба ғаври касе.
Зи ҳар навъ ахлоқи ӯ кашф кард,
Хирадманду покизадин буд мард.
Накӯсираташ диду диду равшанқиёс,
Сухансанҷу миқдоримардумшинос.
Ба рой аз бузургон меҳаш диду беш,
Нишондаш забардасти дастури хеш.
Чунон ҳикмату маърифат кор баст,
Ки аз амру наҳйаш даруне нахаст.
Даровард мулке ба зери қалам,
К- аз ӯ бар вуҷуде наёмад алам.
Забони ҳама ҳарфгирон бибаст,
Ки ҳарфе бадаш барнаёмад зи даст.
Ҳасуде, ки як ҷав хиёнат надид,
Ба кораш наёмад, чу гандум тапид.
Зи равшандилаш мулк партав гирифт,
Вазири куҳанро ғами нав гирифт.
Надид он хирадмандро рахнае,
Ки дар вай тавонад задан таънае.
Амину бадандеш таштанду мӯр,
Нашояд дар ӯ рахна кардан ба зӯр.
Маликро ду хуршедталъат ғулом
Ба сар- бар камар баста будӣ мудом.
Ду покизапайкар чу ҳуру парӣ,
Чу хуршеду моҳ аз накӯманзарӣ.
Ду сурат, ки ғуфтӣ яке нест беш,
Намуда дар оина ҳамтои хеш.
Суханҳои донои ширинсухун
Гирифт андар он ҳар ду шамшодбун.

Чу диданд, к-авсофу хулқаш накӯст,
Ба табъаш ҳавохоҳ ғаштанду дӯст.
Дар ӯ ҳам асар кард майли башар,
На майле чу кӯтоҳбинон ба шар (р).
Чу хоҳӣ, ки қадрат бимонад баланд,
Дил, эй хоҷа, дар содарӯён мабанд.
В- агар худ набошад ғараз дар миён,
Ҳазар кун, ки дорад ба ҳайбат зиён.
Аз осоиш он гаҳ хабар доштӣ,
Ки дар рӯи эшон назар доштӣ.
Вазир андар ин шаммае роҳ бурд,
Ба хубс ин ҳикоят бари шоҳ бурд.
Ки инро, надонам, чӣ хонанду кист,
Нахоҳад ба сомон дар ин мулк зист?
Сафаркардагон лоуболӣ зиянд,
Ки парвардаи мулку давлат наянд.
Шунидам, ки бо бандагонаш сар аст,
Хиёнатписанд асту шаҳватпараст.
Нашояд чунин хирарӯи табоҳ,
Ки бадномӣ орад дар айвони шоҳ.
Магар неъмати шаҳ фаромуш кунам,
Ки бинам табоҳию хомуш кунам?!
Ба пиндор натвон сухан гуфт зуд,
Нагуфтам туро, то яқинам набуд.
Зи фармонбаронам касе гӯш дошт,
Ки оғӯшро[1] андар оғӯш дошт.
Ман ин гуфтам, акнун маликрост рой,
Чу ман озмудам, ту низ озмой.
Ба нохубтар сурате шарҳ дод,
Ки бадмардро некрӯзӣ мабод.

---

[1] Оғӯш - банда

Бадандеш бар хурда чун даст ёфт,
Даруни бузургон ба оташ битофт.
Ба хурда тавон оташ афрӯхтан,
Пас он гаҳ дарахти кухан сӯхтан.
Маликро чунон гарм кард ин хабар,
Ки ҷӯшаш баромад чу марҷал[1] ба сар.
Ғазаб даст дар хуни дарвеш дошт,
Валекин сукун даст дар пеш дошт.
Ки парварда куштан на мардӣ бувад,
Ситам дар пайи дод сардӣ бувад.
Маёзор парвардаи хештан,
Чу тири ту дорад, ба тираш мазан.
Ба неъмат набоист парварданаш,
Чу хоҳӣ ба бедод хун х(в)арданаш.
Аз ӯ то ҳунарҳо яқинат нашуд,
Дар айвони шоҳӣ қаринат нашуд.
Кунун то яқинат нагардад гунох,
Ба гуфтори душман газандаш махоҳ.
Малик дар дил ин роз пӯшида дошт,
Ки қавли ҳакимон ниюшида дошт.
Дил аст, эй хирадманд, зиндони роз,
Чу гуфтӣ, наёяд ба занҷир боз.
Назар кард пӯшида дар кори мард,
Халал дид дар ройи ҳушёрмард.
Ки ногаҳ назар зӣ яке банда кард,
Паричеҳра дар зери лаб ханда кард.
Ду касро, ки бо ҳам бувад ҷону ҳуш,
Ҳикояткунонанду эшон хамӯш.
Чу дида ба дидор кардӣ далер,
Нагардӣ чу мустасқӣ[1] аз Даҷла сер.

---

[1] Марҷал – дег.

Маликро гумони баде рост шуд,
Зи савдо бар ӯ хашмгин хост шуд.
Ҳам аз ҳусни тадбиру ройи тамом
Ба оҳистагӣ гуфташ: «Эй некном,
Туро ман хирадманд пиндоштам,
Бар асрори мулкат амин доштам.
Гумон бурдамат зираку ҳушманд,
Надонистамат хираву нописанд.
Чунин муртафеъ поя ҷои ту нест,
Гуноҳ аз ман омад, хатои ту нест.
Ки чун бадгуҳар парварам, лоҷарам
Хиёнат раво дорадам дар ҳарам».
Баровард сар марди бисёрдон,
Чунин гуфт бо хусрави кордон.
Маро чун бувад доман аз ҷурм пок,
Набошад зи хубси бадандеш бок.
Ба хотир-дарам ҳаргиз ин зан нарафт,
Надонам, кӣ гуфт, он чӣ бар ман нарафт?»
Шаҳаншоҳ гуфт: «Он чӣ гуфтам барат,
Бигӯянд хасмон ба рӯй-андарат».
Чунин гуфт бо ман вазири куҳун,
Ту низ он чӣ донӣ, бигӯю бикун».
Табассумкунон даст бар лаб гирифт,
К- аз ӯ ҳар чӣ ояд, наёяд шигифт.
Ҳасуде, ки бинад ба ҷои х(в)адам,
Куҷо бар забон оварад ҷуз бадам?
Ман он гоҳ ангоштам душманаш,
Ки биншонд шаҳ зери дасти манаш.
Чу султон фазилат ниҳад бар ваям,
Надонад, ки душман бувад дар паям?

---

[1] Мустасқӣ – касе ки бемории ташнагӣ дорад.

Маро то қиёмат нагирад ба дӯст,
Чу бинад, ки дар иззи ман зилли ӯст.
Бар инат бигӯям ҳадисе дуруст,
Агар гӯш бо банда дорӣ нахуст:
Надонам, куҷо дидаам дар китоб,
Ки Иблисро дид шахсе ба хоб.
Ба боло санавбар, ба дидан чу ҳур,
Чу хуршедаш аз чеҳра метофт нур.
Фаро рафту гуфт: «Эй, аҷаб ин туӣ?
Фаришта набошад бад-ин некуӣ.
Ту, к- ин рӯй дорӣ ба ҳусни қамар,
Чаро дар ҷаҳонӣ ба зиштӣ самар?[1]
Чаро нақшбандат дар айвони шоҳ
Дижамрӯй кардасту зишту табоҳ?»
Шунид ин сухан бахтбарғашта дев,
Ба зорӣ баровард бонгу ғирев:
«Ки, эй некбахт, ин на шакли ман аст,
Валекин қалам дар кафи душман аст.
Барандохтам бехашон аз биҳишт,
Кунунам ба кин менигоранд зишт.
Маро ҳамчунин ном нек аст, лек
Зи иллат нагӯяд бадандеш нек».
Вазире, ки ҷоҳи ман обаш бирехт,
Ба фарсанг бояд зи макраш гурехт.
Валекин наяндешам аз хашми шоҳ,
Диловар бувад дар сухан бегуноҳ.
Агар муҳтасиб гирад, онро ғам аст,
Ки санги тарозуи бораш кам аст.
Чу ҳарфам барояд дуруст аз қалам,
Маро аз ҳама ҳарфгирон чӣ ғам?»

---

[1] Самад – машҳур.

Малик дар сухан гуфтанаш хира монд,
Сари дасти фармондиҳӣ барфишонд,
Ки муҷрим ба зарқу забоноварӣ
Зи ҷурме, ки дорад, нагардад барӣ.
Зи хасмат ҳамоно ки нашнидаам,
На охир ба чашми худат дидаам,
К-аз ин зумраи халқ дар боргоҳ
Намебошадат ҷуз дар инон нигоҳ?
Бихандид марди сухангӯю гуфт:
«Ҳақ аст ин сухан, ҳақ нашояд ниҳуфт.
Дар ин нуктае ҳаст, агар бишнавӣ,
Ки ҳукмат равон боду давлат қавӣ.
Набинӣ, ки дарвеши бедастгоҳ
Ба ҳасрат кунад дар тавонгар нигоҳ?
Маро дастгоҳи ҷавонӣ бирафт,
Ба лавҳу лаъаб зиндагонӣ бирафт.
Зи дидори инон надорам шикеб,
Ки сармоядорони ҳуснанду зеб.
Маро ҳамчунин чеҳра гулфом буд,
Булӯринам аз хубӣ андом буд.
Дар ин ғоятам ришт бояд кафан,
Ки мӯям чу пунба-сту дукам бадан.
Маро ҳамчунин ҷаъди шабранг буд,
Қабо дар бар аз нозукӣ танг буд.
Ду раста дурам дар даҳон дошт ҷой,
Чу деворе аз хишти симин ба пой.
Кунунам нигаҳ кун ба вақти сухан,
Бияфтода як- як чу сури[1] куҳан.
Дар инон ба ҳасрат чаро нангарам,
Ки умри талафкарда ёд оварам?

---

[1] Сур – девори гирди шаҳр.

Бирафт аз ман он рӯзҳои азиз,
Ба поён расад ногаҳ ин рӯз низ».
Чу донишвар ин дурри маънӣ бисуфт,
Бигуфт ин, к- аз ин беҳ муҳол аст гуфт.
Дар аркони давлат нигаҳ кард шоҳ,
К- аз ин хубтар лафзу маънӣ махоҳ.
Касеро назар сӯи шоҳид равост,
Ки донад бад- ин шоҳидӣ узр хост.
Ба ақл ар на оҳистагӣ кардаме,
Ба гуфтори хасмаш биёзурдаме.
Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ
Ба дандон барад пушти дасти дареғ.
Зи соҳибғараз то сухан нашнавӣ,
Ки гар кор бандӣ, пушаймон шавӣ.
Накӯномро ҷоҳу ташрифу мол
Бияфзуду бадгӯйро гӯшмол.
Ба тадбири дастури донишвараш
Ба некӣ бишуд ном дар кишвараш.
Ба адлу карам солҳо мулк ронд,
Бирафту накӯномӣ аз вай бимонд.
Аз онон набинам дар ин аҳд кас
В-агар ҳаст, Бӯбакри Саъд асту бас.
Биҳиштӣ дарахти ту, эй подшоҳ,
Ки афкандаӣ соя яксола роҳ.
Тамаъ буд аз бахти некахтарам,
Ки боли ҳумой афканад бар сарам.
Хирад гуфт: «Давлат набахшад ҳумой,
Гар иқбол хоҳӣ, дар ин соя ой!»
Худоё, ба раҳмат назар кардаӣ,
Ки ин соя бар халқ густардаӣ.

Дуогӯи ин давлатам бандавор,
Худоё, ту ин соя поянда дор.
Савоб аст, пеш аз кушиш банд кард,
Ки натвон сари кушта пайванд кард.
Худованди фармону рою шукӯҳ
Зи ғавғои мардум нагардад сутӯҳ.
Сари пурғурур аз таҳаммул тиҳӣ,
Ҳаромаш бувад тоҷи шоҳаншаҳӣ.
Нагӯям , чу ҷанг оварӣ, пой дор,
Чу хашм оядат, ақл бар ҷой дор.
Таҳаммул кунад, ҳар киро ақл ҳаст,
На ақле, ки хашмаш кунад зердаст.
Чу лашкар бурун тохт хашм аз камин,
На инсоф монад, на тақво, на дин.
Надидам чунин дев зери фалак,
Ки аз вай гурезанд чандин малак.
На бар ҳукми шаръ об хӯрдан хатост
В- агар хун ба фатво бирезӣ, равост.
Киро шаръ фатво диҳад бар ҳалок,
Ало, то надорӣ зи куштан- ш бок.
В- агар донӣ андар табораш касон,
Бар эшон бибахшою роҳат расон.
Гунаҳ буд марди ситамгорарo,
Чӣ товон зану тифли бечорарo?
Танат зӯрманд асту лашкар гарон,
Валекин дар иқлими душман марон,
Ки вай бар ҳисоре гурезад баланд,
Расад кишваре бегунаҳро газанд.

***

Назар кун дар аҳволи зиндониён,
Ки мумкин бувад бегунаҳ дар миён.
Чу бозоргон дар диёрат бимурд,
Ба молаш хасосат бувад, даст бурд,

К- аз он пас ки бар вай бигирянд зор,
Ба ҳам бозгӯянд хешу табор,
Ки мискин дар иқлими ғурбат бимурд,
Матоъе, к-аз ӯ монд, золим бибурд.
Биёндеш аз он тифлаки бепадар
В- аз оҳи дили дардмандаш ҳазар!
Басо номи некӯи панҷоҳ сол,
Ки як номи зишташ кунад поймол.
Писандидакорони ҷовидном
Татовул накарданд бар моли ом.
Бар офоқ агар сар ба сар подшост,
Чу мол аз тавонгар ситонад, гадост.
Бимурд аз тиҳидастӣ озодмард,
Зи паҳлӯи мискин шикам пур накард.

***

Шунидам, ки фармондиҳе додгар
Қабо доштӣ, ҳар ду рӯй остар.
Яке гуфташ: «Эй хусрави некрӯз,
Зи дебои чинӣ қабое бидӯз!»
Бигуфт: «Ин қадар сатру осоиш аст
В- аз ин бигзарӣ, зебу ороиш аст.
На аз баҳри он меситонам хироҷ,
Ки зинат кунам бар худу тахту тоҷ.
Чу ҳамчун занон ҳулла[1] дар тан кунам,
Ба мардӣ куҷо дафъи душман кунам?
Маро ҳам зи сад гуна озу ҳавост,
Валекин хазина на танҳо марост.
Хазоин пур аз баҳри лашкар бувад,
На аз баҳри озину зевар бувад».

---

[1] Ҳулла – ҷомаи фохир.

***

Сипоҳе, ки хушдил набошад зи шоҳ,
Надорад ҳудуди вилоят нигоҳ.
Чу душман хари рустой барад,
Малик боҷу даҳяк чаро меҳ(в)арад?
Мухолиф хараш бурду султон хироҷ,
Чӣ иқбол монад дар он тахту тоҷ?
Раият дарахт аст, агар парварӣ,
Ба коми дили дӯстон бар х(в)арӣ,
Ба бераҳмӣ аз беху бораш макан,
Ки нодон кунад ҳайф бар хештан.
Мурувват набошад бар афтода зӯр,
Барад мурғи дун дона аз пеши мӯр.
Касон бар хуранд аз ҷавонию бахт,
Ки бар зердастон нагиранд сахт.
Агар зердасте дароянд зи пой,
Ҳазар кун зи нолиданаш бар Худой.

***

Чу шояд гирифтан ба нармӣ диёр,
Ба пайкор хун аз машоме маёр.
Ба мардӣ, ки мулки саросар замин
Наярзад, ки хуне чакад бар замин.
Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт
Ба сарчашмае - бар ба санге навишт:
«Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд, чун чашм бар ҳам заданд.
Гирифтем олам ба мардию зӯр,
Валекин набурдем бо худ ба гӯр!»

***

Чу бар душмане бошадат дастрас,
Маранҷон- ш, к- ӯро ҳамин ғусса бас.
Адӯ зинда саргашта пероманат,
Беҳ аз хуни ӯ кушта дар гарданат.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Дорои фаррухтабор
Зи лашкар ҷудо монд рӯзи шикор.
Давон омадаш галлабоне ба пеш,
Ба дил гуфт Дорои фархундакеш:
«Магар душман аст ин, ки омад ба ҷанг,
Зи дураш бидӯзам ба тири хаданг?»
Камони каёнӣ ба зеҳ рост кард,
Ба як дам вуҷудаш адам хост кард.
Бигуфт: «Эй худованди Эрону Тур,
Ки чашми бад аз рӯзгори ту дур!
Ман онам, ки асбони шаҳ парварам,
Ба хидмат бад- ин марғзор-андарам».
Маликро дили рафта омад ба ҷой,
Бихандиду гуфт: «Эй никӯҳидарой,
Туро ёварӣ кард фаррух суруш
В-агарна зеҳ оварда будам ба гӯш».
Нигаҳбони маръӣ бихандиду гуфт:
«Насиҳат зи мунъим набояд ниҳуфт.
На тадбири маҳмуду рои накӯст,
Ки душман надонад шаҳаншаҳ зи дӯст.
Чунон аст дар меҳтарӣ шарти зист,
Ки ҳар кеҳтареро бидонӣ, ки кист.

Маро борҳо дар ҳазар дидай,
Зи хайлу чарогоҳ пурсидай.
Кунунат ба меҳр омадам пешбоз,
Намедониям аз бадандеш боз.
Тавонам ман, эй номвар шаҳрёр,
Ки асбе бурун орам аз сад ҳазор.
Маро галлабонӣ ба ақл асту рой,
Ту ҳам галлаи хеш боре бипой.
Дар он тахту мулк аз халал ғам бувад,
Ки тадбири шоҳ аз шубон кам бувад».

***

Ту кай бишнавӣ нолаи додхоҳ,
Ба Кайвон – барат қиллаи хобгоҳ?!
Чунон хусб, к- ояд фиғонат ба гӯш,
Агар додхоҳе барорад хурӯш,
Ки нолад зи золим, ки дар даври туст,
Ки ҳар ҷавр, к-ӯ мекунад, ҷаври туст.
На саг домани корвонӣ дарид,
Ки деҳқони нодон, ки саг парварид.
Далер омадӣ, Саъдиё, дар сухун,
Чу теғат ба даст аст, фатҳе бикун!
Бигӯ, он чӣ донӣ, ки ҳақ гуфта беҳ,
На ришваситонию на ишвадеҳ.
Тамаъ банду дафтар зи ҳикмат бишӯй,
Тамаъ бигсилу ҳар чӣ донӣ, бигӯй.

***

Хабар ёфт гарданкаше дар Ироқ,
Ки мегуфт мискине аз зери тоқ:
«Ту ҳам бар даре ҳастӣ уммедвор,
Пас, уммеди бардарнишинон барор!»

***

Нахохй, ки бошад дилат дардманд,
Дили дардмандон баровар зи банд.
Парешонии хотири додхох
Барандозад аз мамлакат подшох,
Ту хуфта хунук дар харам нимрўз,
Ғариб аз бурун, гў, ба гармо бисўз!
Ситонандаи доди он кас Худост,
Ки натвонад аз подшах дод хост.

ҲИКОЯТ

Яке аз бузургони ахли тамиз,
Ҳикоят кунад з- ибни Абдулазиз,
Ки будаш нигине дар ангуштарй,
Фурў монда дар қиматаш чавхарй.
Ба шаб, гуфтй, он чирми гетифурўз
Даре буд аз рўшноии рўз.
Қазоро даромад яке хушксол,
Ки шуд бадри симои мардум хилол.
Чу дар мардум орому қувват надид,
Худ осуда будан мурувват надид.
Бифармуду бифрўхтандаш ба сим,
Ки рахм омадаш бар гарибу ятим.
Ба як хафта накдаш ба тороч дод,
Ба дарвешу мискину мухточ дод.
Фитоданд дар вай маломаткунон,
Ки дигар ба дастат наёяд чунон.
Шунидам, ки мегуфту борони дамъ[1]
Фурў медавидаш ба ораз чу шамъ,
Ки зишт аст пироя бар шахрёр,
Дили шахре аз нотавонй фигор.

---

[1] Дамъ - ашк

Маро шояд ангуштарӣ бе нигин,
Нашояд дили халқе андӯҳгин.
Хунук он кӣ осоиши марду зан
Гузинад бар ороиши хештан.
Накарданд рағбат ҳунарпарварон
Ба шодии хеш аз гами дигарон.

***

Агар хуш бихусбад малик бар сарир[1],
Напиндорам осуда хусбад фақир.
В- агар зинда дорад шаби дерёз,
Бихусбанд мардум ба орому ноз.
Биҳамдиллаҳ, ин сирату роҳи рост
Атобак Абӯбакр бин Саъдрост.
Кас аз фитна дар Порс дигар нишон
Набинад магар қомати маҳвашон.
Яке панҷ байтам хуш омад ба гӯш,
Ки дар маҷлисе месуруданд дӯш:
Маро роҳат аз зиндагӣ дӯш буд,
Ки он моҳрӯям дар оғӯш буд.
Мар-ӯро чу дидам сар аз хоб маст,
Бад- ӯ гуфтам: «Эй сарв пеши ту паст!
Даме наргис аз хоби нӯшин бишӯй,
Чу гулбун биханду чу булбул бигӯй.
Чӣ мехусбӣ, эй фитнаи рӯзгор?
Биёву майи лаъли нӯшин биёр!»
Нигаҳ кард шӯрида аз хобу гуфт:
«Маро фитна хонию гӯӣ: махуфт!
Дар айёми султони равшаннафас
Набинад дигар фитна бедор кас».

---

[1] Сарир - тахт

ҲИКОЯТ

Дар ахбори шоҳони пешина ҳаст,
Ки чун Тукла бар тахти Зангӣ нишаст.
Ба давронаш аз кас наёзурд кас,
Сабақ бурд, агар худ ҳамин буду бас.
Чунин гуфт як раҳ ба соҳибдиле,
Ки умрам ба сар рафт бе ҳосиле.
Бихоҳам ба кунҷи ибодат нишаст,
Ки дарёбам ин панҷ рӯзе, ки ҳаст.
Чу мебигзарад ҷоҳу мулку сарир,
Набурд аз ҷаҳон давлат илло фақир.
Чу бишнид донои равшаннафас
Ба тундӣ дарошуфт, к- эй Тукла, бас!
Тариқат ба ҷуз хидмати халқ нест,
Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.
Ту бар тахти султонии хеш бош,
Ба ахлоқи покиза дарвеш бош.
Ба сидқу иродат миён баста дор,
Зи томоту даъвӣ забон баста дор.
Қадам бояд андар тариқат, на дам,
Ки асле надорад дами беқадам.
Бузургон, ки нақди сафо доштанд,
Чунин хирқа зери қабо доштанд.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки бигрист султони Рум
Бари некмарде зи аҳли улум,

Ки поёбам[1] аз дасти душман намонд,
Ҷуз ин қалъаву шаҳр аз ман намонд.
Басе ҷаҳд кардам, ки фарзанди ман
Пас аз ман бувад сарвари анҷуман.
Кунун душмани бадгуҳар даст ёфт,
Сари дасти мардию ҷаҳдам битофт.
Чӣ тадбир созам, чӣ дармон кунам?
Ки аз ғам бифарсуд ҷон дар танам.
Бигуфт: «Эй бародар, ғами хеш х(в)ар,
Ки аз умр беҳтар шуду бештар.
Туро ин қадар то бимонӣ, бас аст,
Чу рафтӣ, ҷаҳон ҷои дигар кас аст.
Агар ҳушманд асту гар бехирад,
Ғами ӯ махур, к- ӯ ғами худ хурад.
Машаққат наярзад ҷаҳон доштан,
Гирифтан ба шамшеру бигзоштан.
Бад- ин панҷ рӯзи иқомат маноз,
Ба андеша тадбири рафтан бисоз.
Киро донӣ аз хусравони Аҷам
Зи аҳди Фаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Ки бар тахту мулкаш наёмад завол?
Намонад ба ҷуз мулки Эзад таол.
Киро ҷовидон мондан уммед монд,
Чу касро набинӣ, ки ҷовид монд?
Киро симу зар монду ғанҷу манол,
Пас аз вай ба чанде шавад поймол.
В-аз он кас ки хайре бимонад равон,
Дамодам расад раҳматаш бар равон.
Бузурге, к- аз ӯ номи некӯ бимонд,
Тавон гуфт бо аҳли дил, к-ӯ бимонд.

---

[1] Поёб – истодагарӣ, тобу тоқат.

Ало, то дарахти карам парварӣ,
Гар уммедворӣ, к- аз ӯ бар х(в)арӣ,
Карам кун, ки фардо, ки девон ниҳанд,
Манозил ба миқдори эҳсон диҳанд.
Якеро, ки саъйи қадам пештар,
Ба даргоҳи Ҳақ манзалат бештар.
Яке бозпас хоину шармсор,
Битарсад ҳаме марди нокардакор.
Биҳил, то ба дандон газад пушти даст,
Танӯре чунин гарму ноне набаст?
Бидонӣ, гаҳи ғалла бардоштан
Ки сустӣ бувад тухм нокоштан.

ҲИКОЯТ

Хирадманд марде дар ақсои Шом
Гирифт аз ҷаҳон кунҷи ғоре мақом.
Ба сабраш дар он кунҷи торик ҷой,
Ба ганҷи қаноат фурӯ рафта пой.
Шунидам, ки номаш Худодӯст буд,
Малаксирате одамипӯст буд.
Бузургон ниҳоданд сар бар дараш,
Ки дарменаёмад ба дарҳо сараш.
Таманно кунад орифи покбоз
Ба дарюза аз хештан тарки оз.
Чу ҳар соаташ нафс гӯяд: бидеҳ!
Ба хорӣ бигардонадаш деҳ ба деҳ.
Дар он марз, к- ин пири ҳушёр буд,
Яке марзбони ситамгор буд,
Ки ҳар нотавонро, ки дарёфтӣ,
Ба сарпанҷагӣ панҷа бартофтӣ.
Ҷаҳонсӯзу бераҳмату хиракуш,
Зи талхиш рӯи ҷаҳоне туруш.

Гурӯҳе бирафтанд аз он зулму ор,
Бибурданд номи бадаш дар диёр.
Гурӯҳе бимонданд мискину реш,
Паси чарха нафрин гирифтанд пеш.
Яди зулм ҷое, ки гардад дароз,
Набинӣ лаби мардум аз ханда боз.
Ба дидори шайх омадӣ гоҳ- гоҳ,
Худодӯст дар вай накардӣ нигоҳ,
Малик навбате гуфташ: «Эй некбахт,
Ба нафрат зи ман – дар макун рӯй сахт.
Маро бо ту, донӣ, сари дӯстист,
Туро душманӣ бо ман аз баҳри чист?
Гирифтам, ки солори кишвар наям,
Ба иззат зи дарвеш камтар наям?
Нагӯям, фазилат ниҳам бар касе,
Чунон бош бо ман, ки бо ҳар касе».
Шунид ин сухан обиди ҳушёр,
Барошуфту гуфт: «Эй малик, ҳуш дор!
Вуҷудат парешонии халқ аз ӯст,
Надорам парешонии халқ дӯст.
Ту бо он ки ман дӯстам, душманӣ,
Напиндорамат, дӯстдори манӣ.
Чаро дӯст дорам ба ботил манат,
Чу донам, ки дорад Худо душманат!
Мадеҳ бӯса бар дасти ман дӯствор,
Бирав, дӯстдорони ман дӯст дор.
Худодӯстро гар бидарранд пӯст,
Нахоҳад шудан душмани дӯст дӯст.
Аҷаб дорам аз хоби он сангдил,
Ки халқе бихусбанд аз ӯ тангдил».

***

Меҳо, зӯрмандӣ макун бо кеҳон,
Ки бар як намат[1] менамонад ҷаҳон.
Сари панҷаи нотавон бармапеч,
Ки гар даст ёбад, барой ба ҳеч
Адӯро ба кӯчак набояд шумурд,
Ки кӯҳи калон дидам аз санги хурд.
Набинӣ, ки чун бо ҳам оянд мӯр,
Зи шерони ҷангӣ бароранд шӯр.
На мӯре, ки мӯе, к- аз он камтар аст,
Чу пур шуд, зи занҷир муҳкамтар аст.
Мабар, гуфтамат, пои мардум зи ҷой,
Ки оҷиз шавӣ, гар дарой зи пой.
Дили дӯстон ҷамъ беҳтар, ки ганҷ,
Хазина тиҳӣ беҳ, ки мардум ба ранҷ.
Маяндоз дар пой кори касе,
Ки афтад, ки дар пояш афтӣ басе!

***

Таҳаммул кун, эй нотавон, аз қавӣ,
Ки рӯзе тавонотар аз вай шавӣ.
Ба ҳиммат барор аз ситеҳанда[2] шӯр,
Ки бозуи ҳиммат беҳ аз дасти зӯр.
Лаби хушки мазлумро, гӯ, биханд,
Ки дандони золим бихоҳанд канд.
Ба бонги дуҳул хоҷа бедор гашт,
Чӣ донад, шаби посбон чун гузашт.

---

[1] Намат – равиш, ҳолат.
[2] Ситеҳанда – ситезанда.

Хурад корвонӣ ғами бори хеш,
Насӯзад дилаш бар хари пуштреш.
Гирифтам, к- аз афтодагон нестӣ,
Чу афтода бинӣ, чаро бистӣ?
Бар инат бигӯям яке саргузашт,
Ки сустӣ бувад з- ин сухан даргузашт.

ҲИКОЯТ

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.
Чунон осмон бар замин шуд бахил,
Ки лаб тар накарданд заръу нахил[1].
Бихушид сарчашмаҳои қадим,
Намонд об ҷуз оби чашми ятим.
Набудӣ ба ҷуз оҳи бевазане,
Агар бар шудӣ дуде аз равзане.
Чу дарвеш бебарг дидам дарахт,
Қавибозувон сусту дармонда сахт.
На дар кӯҳ сабзӣ, на дар боғ шах,
Малах бӯстон хӯрду мардум малах.
Дар он ҳол пеш омадам дӯсте,
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте.
В-агарчи ба мукнат[2] қавиҳол буд,
Худованди чоҳу зару мол буд,
Бад- ӯ гуфтам: «Эй ёри покизахӯй,
Чӣ дармондагӣ пешат омад, бигӯй.

---

[1] Заръи нахил – кишту хурмо.
[2] Мукнат – дорой.

Битундид бар ман, ки ақлат кучост?
Чу донию пурсӣ, суолат хатост.
Набинӣ, ки сахтӣ ба ғоят расид,
Машаққат ба ҳадди ниҳоят расид.
На борон ҳамеояд аз осмон,
На бармеравад дуди фарёдхон.
Бад- ӯ гуфтам: «Охир, туро бок нест,
Кушад заҳр чое, ки тарёк нест.
Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок,
Туро ҳаст, батро[1] зи тӯфон чӣ бок?»
Нигаҳ кард ранчида дар ман фақеҳ,
Нигаҳ кардани олим андар сафеҳ,
Ки мард арчи бар соҳил аст, эй рафиқ,
Наёсояду дӯстонаш ғариқ.
Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,
Ғами бенавоён рухам зард кард.
Нахоҳад, ки бинад хирадманд реш
На бар узви мардум, на бар узви хеш.
Яке аввал аз тандурустон манам,
Чу реше бибинам, биларзад танам.
Мунағғас[2] бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлӯи бемори суст.
Чу бинам, ки дарвеши мискин нах(в)ард,
Ба ком-андарам луқма заҳр асту дард.
Якеро ба зиндон-дараш дӯстон,
Кучо монадаш айш дар бӯстон?!

---

[1] Бат – мурғобӣ.
[2] Мунағғас – тираву ногувор.

ҲИКОЯТ

Шабе дуди халқ оташе барфурӯхт,
Шунидам, ки Бағдод ниме бисӯхт.
Яке шукр гуфт андар он хоку дуд,
Ки дуккони моро газанде набуд.
Ҷаҳондидае гуфт: «Эй булҳавас,
Туро худ ғами хештан буду бас?
Писандӣ, ки шаҳре бисӯзад ба нор,
Агарчи сароят бувад бар канор?
Ба ҷуз сангдил кӣ кунад меъда танг,
Чу бинад касон бар шикам баста санг?
Тавонгар худ он лукма чун мехурад,
Чу бинад, ки дарвеш хун мехурад.
Магӯ, тандуруст аст ранҷурдор,
Ки мепечад аз ғусса ранҷурвор.
Сабукпай чу ёрон ба манзил расанд,
Нахусбад, ки вомондагон аз пасанд.
Дили подшоҳон шавад боркаш,
Чу бинанд дар гил хари хоркаш.
Агар дар саройи саодат кас аст,
Зи гуфтори Саъдиш ҳарфе бас аст.
Ҳаминат басанда-ст, агар бишнавӣ,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ.

***

Хабар дорӣ аз хусравони Аҷам,
Ки карданд бар зердастон ситам.
На он шавкату подшоӣ бимонд,
На он зулм бар рустоӣ бимонд.
Хато бин, ки бар дасти золим бирафт,
Ҷаҳон монду ӯ бо мазолим бирафт.

Хунук рӯзи маҳшар тани додгар,
Ки дар сояи арш дорад макар[1].
Ба қавме, ки некӣ писандад Худой,
Диҳад хусраве одилу некрой.
Чу хоҳад, ки вайрон шавад оламе,
Кунад мулк дар панҷаи золиме.
Сиголанд аз ӯ некмардон ҳазар,
Ки хашми Худояст бедодгар.
Бузургӣ аз ӯ дону миннат шинос,
Ки зоил шавад неъмати носипос.
Агар шукр кардӣ бар ин мулку мол,
Ба молею мулке расӣ безавол.
В-агар ҷавр дар подшоӣ кунӣ,
Пас аз подшоҳӣ гадоӣ кунӣ.
Ҳаром аст бар подшаҳ хоби х(в)аш,
Чу бошад заиф аз қавӣ боркаш.
Маёзор омӣ ба як хардала,
Ки султон шубон асту омӣ гала.
Чу пархош бинанду бедод аз ӯ,
Шубон нест, гург аст, фарёд аз ӯ!
Баданҷом рафту бад андеша кард,
Ки бо зердастон ҷафо пеша кард.
Ба сахтию сустӣ бар ин бигзарад,
Бимонад бар ӯ солҳо номи бад.
Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд аз пасат,
Накӯ бош, то бад нагӯяд касат.

---

[1] Макар – қароргоҳ.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дар марзе аз Бохтар
Бародар ду буданд аз як падар.
Сипаҳдору гарданкашу пилтан,
Накурӯю донову шамшерзан.
Падар ҳар дуро саҳмгин мард ёфт,
Талабгори ҷавлону навард ёфт.
Бирафт, он заминро ду қисмат ниҳод,
Ба ҳар як писар з-он насибе бидод.
Мабодо, ки бар якдигар сар кашанд,
Ба пайкор шамшери кин баркашанд.
Падар баъд аз он рӯзгоре шумурд,
Ба ҷонофарин ҷони ширин супурд.
Аҷал бигсалондаш таноби амал,
Вафоташ фурӯ баст дасти амал.
Муқаррар шуд он мамлакат бар ду шоҳ,
Ки бе ҳадду мар[1] буд ганҷу сипоҳ.
Ба ҳукми назар дар беҳафтоди хеш
Гирифтанд ҳар як яке роҳ пеш.
Яке адл, то номи некӯ барад,
Яке зулм, то мол гирд оварад.
Яке отифат сирати хеш кард,
Дирам доду темори дарвеш х(в)ард,
Бино карду нон доду лашкар навохт,
Шаб аз баҳри дарвеш шабхона сохт.
Хазоин тиҳӣ карду пур кард ҷайш[2],
Чунон к- аз халоиқ ба ҳангоми айш

---

[1] Мар – адад, миқдор.
[2] Ҷайш – лашкар, сипоҳ.

Барояд ҳаме бонги шодӣ чу раъд
Чу Шероз дар аҳди Бӯбакри Саъд.
Хидеви[1] хирадманди фаррухниҳод,
Ки шохи умедаш барӯманд бод.
Ҳикоят шунав, к-он гави номҷӯй
Писандидае буду фархундахӯй.
Мулозим ба дилдории хосу ом,
Саногӯи Ҳақ бомдодону шом.
Дар он мулк Қорун бирафтӣ далер,
Ки шаҳ додгар буду дарвеш сер.
Наёмад дар айёми ӯ бар диле
Нагӯям, ки хоре, ки барги гуле.
Сар омад ба таъйиди мулк аз сарон,
Ниҳоданд сар бар хаташ сарварон.
Дигар хост, к- афзун кунад тахту тоҷ,
Бияфзуд бар марди деҳқон хироҷ.
Нагӯям, ки бадхоҳи дарвеш буд,
Ҳақиқат, ки ӯ душмани хеш буд.
Тамаъ кард дар моли бозоргон,
Бало рехт бар ҷони бечорагон.
Ба уммеди бешӣ надоду нах(в)ард,
Хирадманд донад, ки нохуб кард,
Ки то ҷамъ кард он зар аз гурбузӣ[2],
Пароканда шуд лашкар аз оҷизӣ.
Шуниданд бозоргонон хабар,
Ки зулм аст дар буми он беҳунар.
Буриданд аз он ҷо хариду фурӯхт,
Зироат наёмад, раият бисӯхт.

---

[1] Хидев – подшоҳ.
[2] Гурбузӣ, ҳушёрӣ, зиракӣ.

Чу иқболаш аз дӯстӣ сар битофт,
Ба ноком душман бар ӯ даст ёфт.
Ситези фалак беху бораш биканд,
Суми асби душман диёраш биканд.
Вафо дар кӣ ҷӯяд, чу паймон гусехт,
Хироҷ аз кӣ хоҳад, чу деҳқон гурехт.
Чӣ некӣ тамаъ дорад он бесафо,
Ки бошад дуои бадаш дар қафо?
Чу бахташ нигун буд дар кофи кун,
Накард он чӣ некон- ш гуфтанд: «Кун!»
Чӣ гуфтанд некон бад- он некмард?
Ту бар хур, ки бедодгар бар нах(в)ард.
Гумонаш хато буду тадбир суст,
Ки дар адл буд, он чӣ дар зулм ҷуст.
Яке бар сари шоху бун мебурид,
Худованди бустон назар карду дид.
Бигуфто, ки ин мард бад мекунад,
На бо ман, ки бо нафси х(в)ад мекунад.
Насиҳат баҷояст, агар бишнавӣ:
Заифон маяфкан ба китфи қавӣ,
Ки фардо ба довар бувад хусраве
Гадое, ки пешат наярзад ҷаве.
Чу хоҳӣ,ки фардо барӣ меҳтарӣ,
Макун душмани хештан кеҳтаре,
Ки чун бигзарад бар ту ин салтанат,
Бигирад ба қаҳр он гадо доманат.
Макун, панҷа аз нотавонон бидор,
Ки гар бифканандат, шавӣ шармсор,
Ки зишт аст дар чашми озодагон
Бияфтодан аз дасти афтодагон.
Бузургони равшандили некбахт
Ба фарзонагӣ тоҷ бурданду тахт.
Ба дунболаи ростон каҷ марав
В- агар рост хоҳӣ, зи Саъдӣ шунав.

***

Магӯ, ҷоҳе аз салтанат беш нест,
Ки эминтар аз мулки дарвеш нест.
Сабукбор мардум сабуктар раванд,
Ҳақ ин асту соҳибдилон бишнаванд.
Тиҳидаст ташвиши ноне хурад,
Ҷаҳонбон ба қадри ҷаҳоне хурад.
Гадоро чу ҳосил шавад нони шом,
Чунон хуш бихусбад, ки султони Шом.
Ғаму шодмонӣ ба сар меравад,
Ба марг ин ду аз сар бадар меравад.
Чӣ онро, ки бар сар ниҳоданд тоҷ,
Чӣ онро, ки бар гардан омад хироҷ?
Агар сарфарозе ба Кайвон - бар аст,
В- агар тангдасте ба зиндон - дар аст.
Чу хайли аҷал бар сари ҳар ду тохт,
Намешояд аз якдигаршон шинохт.

***

Шунидам, ки як бор дар ҳиллае
Сухан гуфт бо обиде каллае,
Ки ман фарру фармондиҳӣ доштам,
Ба сар- бар кулоҳи миҳӣ доштам.
Сипеҳрам мадад карду нусрат вифоқ[1],
Гирифтам ба бозуи давлат Ироқ.
Тамаъ карда будам, ки Кирмон х(в)арам,
Ки ногаҳ бихӯрданд кирмон сарам.
Бикан пунбаи ғафлат аз гӯши хуш,
Ки аз мурдагон пандат ояд ба гӯш.

---

[1] Вифоқ – созгорӣ.

Накўкори мардум набошад бадаш,
Наварзад касе бад, ки нек афтадаш.
Шарангез ҳам бар сари шар шавад,
Чу каждум, ки бо хона камтар шавад.
Агар нафъи кас дар ниҳоди ту нест,
Чунин гавҳару санги хоро якест.
Ғалат гуфтам, эй ёри шоистахўй,
Ки нафъ аст дар оҳану сангу рўй.
Чунин одамӣ мурда беҳ нангро,
Ки бар вай фазилат бувад сангро.
На ҳар одамизода аз дад беҳ аст,
Ки дад з-одамизодаи бад беҳ аст.
Беҳ аст аз дад инсони соҳибхирад,
На инсон, ки дар мардум афтад чу дад.
Чу инсон надонад ба ҷуз хўрду хоб,
Кадомаш фазилат бувад бар давоб[1]?
Савори нигунбахти бероҳрав
Пиёда барад з-ў ба рафтан гарав.
Касе донаи некмардӣ накошт,
К- аз ў хирмани коми дил барнадошт.
На ҳаргиз шунидем дар умри хеш,
Ки бадмардро некӣ омад ба пеш!

ҲИКОЯТ

Гузире[2] ба чоҳе дарафтода буд,
Ки аз ҳавли ў шери нар мода буд.

---

[1] Давоб – чаҳорпоён.
[2] Гузир – сарҳанг, паҳлавон.

Бадандеши мардум ба ҷуз бад надид,
Бияфтоду очизтар аз х(в)ад надид.
Ҳама шаб зи фарёду зорӣ нахуфт,
Яке бар сараш кӯфт сангею гуфт:
«Ту ҳаргиз расидӣ ба фарёди кас,
Ки мехоҳӣ имрӯз фарёдрас?
Ҳама тухми номардумӣ коштӣ,
Бибин лоҷарам бар, ки бардоштӣ.
Кӣ бар ҷони решат ниҳад марҳаме,
Ки дилҳо зи решат бинолад ҳаме?
Ту моро ҳаме чоҳ кандӣ ба роҳ,
Ба сар лоҷарам дарфитодӣ ба чоҳ».
Ду кас чаҳ кананд аз пайи хосу ом:
Яке некмаҳзар, дигар зиштном.
Яке ташнаро то кунад тоза ҳалқ,
Дигар то ба гардан дарафтанд халқ.
Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки ҳаргиз наёрад газ[1] ангур бор.
Напиндорам, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.
Дарахти зақум[2] ар ба ҷон парварӣ,
Мапиндор ҳаргиз, к–аз ӯ бар х(в)арӣ.
Рутаб[3] н- оварад чӯби харзаҳра[4] бор,
Чӣ тухм афканӣ, бар ҳамон чашм дор.

---

[1] Газ – дарахти хордор.
[2] Зақум – дарахтест дар ҷаҳаннам (асл: заққум).
[3] Рутаб – хурмо.
[4] Хорзаҳра – дарахти заҳрнок.

ҲИКОЯТ

Ҳикоят кунанд аз яке некмард,
Ки икроми Ҳаҷҷоҷи Юсуф накард.
Ба сарҳанги девон нигаҳ кард тез,
Ки натъаш[1] бияндозу хунаш бирез.
Чу ҳуҷҷат намонад ҷафоҷӯйро,
Ба пархош дарҳам кашад рӯйро.
Бихандиду бигрист марди Худой,
Аҷаб дошт сангиндили тирарой.
Чу дидаш, ки хандиду дигар гирист,
Бипурсид, к- ин хандаву гиря чист.
Бигуфто: «Ҳамегирям аз рӯзгор,
Ки тифлони бечора дорам чаҳор.
Ҳамехандам аз лутфи Яздони пок,
Ки мазлум рафтам, на золим ба хок».
Писар гуфташ: «Эй номвар шаҳрёр,
Яке даст аз ин марди сӯфӣ бидор,
Ки халқе бар ӯ рӯй доранду пушт,
На рой аст халқе ба якбор кушт.
Бузургию афву карам пеша кун,
Зи хурдони атфолаш андеша кун!
Шунидам, ки нашниду хунаш бирехт,
Зи фармони довар кӣ донад гурехт?
Бузурге дар он фикрат он шаб бихуфт,
Ба хоб-андараш диду пурсиду гуфт.
Даме беш бар ман сиёсат наронд,
Уқубат бар ӯ то қиёмат бимонд.

---

[1] Натъ – суфраи чармӣ, ки гардани маҳкумро ба рӯи он мегузоранд.

Нахуфтаст мазлум, аз оҳаш битарс,
Зи дуди дили субҳгоҳаш битарс.
Натарсӣ, ки покандаруне шабе
Барорад зи сӯзи ҷигар ё рабе?
На Иблис бад карду некӣ надид?
Бари пок н- ояд зи тухми палид.
Мадар пардаи кас ба ҳангоми ҷанг,
Ки бошад туро низ дар парда нанг.
Мазан бонг бар шермардон дурушт,
Чу бо кӯдакон барнаёӣ ба мушт.

***

Яке панд медод фарзандро:
Нигаҳ дор панди хирадмандро.
Макун ҷавр бо хурдгон, эй писар,
Ки як рӯзат афтад бузурге ба сар.
Наметарсӣ, эй гургаки камхирад,
Ки рӯзе палангет бар ҳам дарад?
Ба хурдӣ- дарам зӯру сарпанҷа буд,
Дили зердастон зи ман ранҷа буд.
Бихӯрдам яке мушти зӯроварон,
Накардам дигар зӯр бар лоғарон.

***

Ало, то ба ғафлат нахуфтӣ, ки навм[1],
Ҳаром аст бар чашми солори қавм.
Ғами зердастон бихур, зинҳор,
Битарс аз забардастии рӯзгор.

---

[1] Навм – хоб.

Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз,
Чу доруи талх аст дафъи мараз.

ҲИКОЯТ

Якеро ҳикоят кунанд аз мулук,
Ки бемории ришта кардаш чу дук.
Чунонаш дарандохт заъфи ҷасад,
Ки мебурд бар зердастон ҳасад,
Ки шоҳ арчи бар арса номовар аст,
Чу заъф омад, аз байдақе[1] камтар аст.
Надиме замини малик бӯса дод,
Ки мулки худованд ҷовид бод:
«Дар ин шаҳр марде муборакдам аст,
Ки дар порсоӣ чун ӯе кам аст.
Нарафтаст ҳаргиз раҳи носавоб,
Диле равшану даъвате мустаҷоб.
Набурданд пешаш муҳиммоти кас,
Ки мақсуд ҳосил нашуд дар нафас.
Бихон, то бихонад дуое бар ин,
Ки раҳмат расад з-осмон бар замин».
Бифармуд, то меҳтарони хадам
Бихонданд пири муборакқадам.
Бирафтанду гуфтанду омад фақир,
Тане мӯҳташам дар либосе ҳақир.
Бигуфто: «Дуое кун, эй ҳушманд,
Ки дар ришта чун сӯзанам пойбанд».
Шунид ин сухан пири ҳамбудапушт,
Ба тундӣ баровард бонге дурушт,

---

[1] Байдақ – пиёда, мӯҳраи шоҳмот.

Ки Ҳақ меҳрбон аст бар додгар,
Бибахшояшу бахшиши Ҳақ нигар.
Дуои манат кай шавад судманд,
Асирону муҳтоҷ дар чоҳу банд?
Ту нокарда бар халқ бахшоише,
Куҷо бинӣ аз давлат осоише?
Бибояд-т узри хато хостан,
Пас аз шайхи солиҳ дуо хостан.
Куҷо даст гирад дуои ваят,
Дуои ситамдидагон дар паят?»
Шунид ин сухан шаҳрёри Аҷам,
Зи хашму хиҷолат баромад ба ҳам.
Биранҷиду пас бо дили хеш гуфт:
Чӣ ранҷам, ҳақ аст, ин ки дарвеш гуфт.
Бифармуд, то ҳар кӣ дар банд буд,
Ба фармонаш озод карданд зуд.
Ҷаҳондида баъд аз ду ракъат намоз
Ба довар баровард дасти ниёз,
Ки эй барфарозандаи осмон,
Ба ҷангаш гирифтӣ, ба сулҳаш бимон.
Валӣ ҳамчунон бар дуо дошт даст,
Ки шаҳ сар бароварду бар пой ҷаст.
Ту гуфтӣ, зи шодӣ бихоҳад парид
Чу товус, чун ришта дар по надид.
Бифармуд, ганҷинаи гавҳараш
Фишонданд дар пою зар дар сараш.
Ҳақ аз баҳри ботил нашояд ниҳуфт,
Аз он ҷумла доман бияфшонду гуфт:
Марав бо сари ришта бори дигар,
Мабодо, ки дигар кунад ришта сар.

Чу боре фитодӣ, нигаҳ дор пой,
Ки як бори дигар билағзад зи ҷой.
Зи Саъдӣ шунав, к- ин сухан рост аст,
На ҳар боре афтода бархостаст.

***

Ҷаҳон, эй писар, мулки ҷовид нест,
Зи дунё вафодорӣ уммед нест.
На бар бод рафтӣ саҳаргоҳу шом,
Сарири Сулаймон алайҳиссалом?
Ба охир надидӣ, ки барбод рафт,
Хунук, он кӣ бо донишу дод рафт.
Касе з-ин миён гӯйи давлат рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд.
Ба кор омад, онҳо, ки бардоштанд,
На гирд овариданду бигзоштанд.

***

Шунидам, ки дар Миср мире аҷал[1].
Сипаҳ тохт бар рӯзгораш аҷал.
Ҷамолаш бирафт аз рухи дилфурӯз,
Чу хур зард шуд, бас намонад зи рӯз.
Газиданд фарзонагон дасти фавт,
Ки дар тиб надиданд доруи мавт.
Ҳама тахту мулке пазирад завол,
Ба ҷуз мулки фармондиҳи лоязол.
Чу наздик шуд рӯзи умраш ба шаб,
Шуниданд, мегуфт дар зери лаб,
Ки дар Миср чун ман азизе набуд,
Чу ҳосил ҳамин буд, чизе набуд.

---

[1] Аҷал – бузургтар.

Ҷаҳон гирд кардам, нахӯрдам бараш,
Бирафтам чу бечорагон аз сараш.
Писандидарое, ки бахшиду х(в)ард,
Ҷаҳон аз пайи хештан гирд кард.
Дар ин кӯш, то бо ту монад муқим,
Ки ҳар-ч аз ту монад, дареғ асту бим.
Кунад хоҷа дар бистари ҷонгудоз
Яке даст кӯтоҳу дигар дароз.
Дар ин дам туро менамояд ба даст,
Ки даҳшат забонаш зи гуфтан бибаст,
Ки дасте ба ҷуду карам кун дароз,
Дигар даст кӯтаҳ кун аз зулму оз.
Кунунат, ки даст аст, хоре бикан,
Дигар кай барорӣ ту даст аз кафан?
Битобад басе моҳу парвину ҳур,
Ки сар барнадорӣ зи болини гӯр.

ҲИКОЯТ

Қизиларслон қалъае сахт дошт,
Ки гардан ба Алванд бармефарошт.
На андеша аз кас, на ҳоҷат ба ҳеч,
Чу зулфи арӯсон раҳаш печ-печ.
Чунон нодир афтод дар равзае,
Ки бар лоҷвардӣ табақ байзае.
Шунидам, ки марде муборакҳузур
Ба наздики шоҳ омад аз роҳи дур.
Ҳақоиқшиносе, ҷаҳондидае,
Ҳунарманде, офоқгардидае,
Бузурге, забоноваре кордон,
Ҳакиме, сухангӯи бисёрдон.
Қизил гуфт: «Чандин, ки гардидаӣ,
Чунин ҷои муҳкам дигар дидаӣ?»
Бихандид, к-ин қалъаи хуррам аст,
Валекин напиндорамаш, муҳкам аст.

На пеш аз ту гарданкашон доштанд?
Даме чанд буданду бигзоштанд?
На баъд аз ту шоҳони дигар баранд?
Дарахти умеди туро бар х(в)аранд?
Зи даврони мулки падар ёд кун,
Дил аз банди андеша озод кун.
Чунон рӯзгораш ба кунҷе нишонд,
Ки бар як пашизаш тасарруф намонд.
Чу навмед монд аз ҳама чизу кас,
Умедаш ба фазли Худо монду бас.
Бари марди ҳушёр дунё хас аст,
Ки ҳар муддате ҷои дигар кас аст.
Чунин гуфт шӯридае дар Аҷам
Ба Кисро, ки эй ворисӣ мулки Ҷам.
Агар мулк бар Ҷам намондию бахт,
Туро кай муяссар шудӣ тоҷу тахт.
Агар ганҷи Қорун ба даст оварӣ,
Намонад, магар он чӣ бахшӣ, барӣ.

***

Чу Алпарслон ҷон ба ҷонбахш дод,
Писар тоҷи шоҳӣ ба сар барниҳод,
Ба турбат супурдандаш аз тоҷгоҳ,
На ҷои нишастан буд омоҷгоҳ[1].
Чунин гуфт девонае ҳушёр,
Чу дидаш писар рӯзи дигар савор:
«Зиҳӣ мулку даврони сардарнишеб,
Падар рафту пои писар дар дар рикеб.

---

[1] Омоҷгоҳ – ҳадафгоҳи тир.

Чунин аст гардидани рўзгор,
Сабуксайру бадаҳду нопойдор.
Чу деринарўзе сар оварда аҳд,
Ҷавондавлате сар барорад зи маҳд.
Манеҳ бар ҷаҳон дил, ки бегонаест,
Чу мутриб, ки ҳар рўз дар хонаест.
На лоиқ бувад айш бо дилбаре,
Ки ҳар бомдодаш бувад шавҳаре.
Накўӣ кун имсол, чун деҳ турост,
Ки соли дигар дигаре деҳхудост.

ҲИКОЯТ

Ҳакиме дуо кард бар Кайқубод,
Ки дар подшоҳӣ заволат мабод.
Бузурге дар ин хурда бар вай гирифт,
Ки доно нагўяд муҳол, эй шигифт,
Ки дар тахту мулкаш наёмад завол,
Зи фарзона мардум назебад муҳол.
Киро ҷовидон мондан уммед монд?
Ту дидӣ касеро, ки ҷовид монд?
Чунин гуфт фарзонае ҳушманд,
Ки доно нагўяд сухан ниписанд.
Мар ўро на умри абад хостам,
Ба тавфиқи хайраш мадад хостам,
Ки гар порсо бошаду покрав,
Тариқатшиносу насиҳатшунав,
Аз ин мулк рўзе, ки дил барканад,
Саропарда дар мулки дигар занад.
Пас ин мамлакатро набошад завол,
Зи мулке ба мулке кунад интиқол.

Зи маргаш чӣ нуқсон, агар порсост,
Ки дар дунйию охират подшост.
Касеро, ки ганҷ асту фармону ҷайш,
Ҷаҳондорию шавкату кому айш,
Гараш сирати хубу зебо бувад,
Ҳама вақт айшаш муҳайё бувад.
В-агар зӯрмандӣ кунад бо фақир,
Ҳамин панҷ рӯзаш бувад дору гир.
Чу Фиръавн тарки табоҳӣ накард,
Ба ҷуз то лаби гӯр шоҳӣ накард.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки аз подшоҳони Ғӯр
Яке подшаҳ хар гирифтӣ ба зӯр.
Харон зери бори гарон беалаф,
Ба рӯзе ду мискин шуданди талаф.
Чу мунъим кунад сифларо рӯзгор,
Ниҳад бар дили танги дарвеш бор.
Чу боми баландаш бувад худпараст,
Кунад бавлу хошок бар боми паст.
Шунидам, ки боре ба азми шикор
Бурун рафт бедодгар шаҳрёр,
Таковар ба дунболи сайде биронд,
Шабаш даргирифт, аз ҳашам бозмонд.
Ба танҳо надонист рӯю рахе,
Бияндохт ноком шаб дар деҳе.
Яке пирмард андар он деҳ муқим
Зи пирони мардумшиноси қадим.
Писарро ҳамегуфт, к-эй шодбаҳр,
Харатро мабар бомдодон ба шаҳр,

Ки ин ноҷавонмарди баргаштабахт,
Ки тобут бинам-ш бар ҷои тахт,
Камар баста дорад ба фармони дев,
Ба гардун-бар аз дасти ҷавраш ғирев[1].
Дар ин кишвар осоишу хуррамӣ
Надиду набинад ба чашм одамӣ.
Магар, к-ин сияҳномаи бесафо
Ба дӯзах барад лаънат андар қафо.
Писар гуфт: Роҳи дароз асту сахт,
Пиёда наёрам шуд, эй некбахт,
Тарикҷе биёндешу ройе бизан,
Ки ройи ту равшантар аз ройи ман.
Падар гуфт: Агар панди ман бишнавӣ,
Яке санг бардошт бояд қавӣ.
Задан бар хари номвар чанд бор,
Сару дасту паҳлӯш кардан фигор.
Магар, к-он фурӯмояи зишткеш
Ба кораш наёяд хари пуштреш.
Чу Хизри паямбар, ки киштӣ шикаст
В-аз ӯ дасти ҷаббори золим бибаст.
Ба соле, ки дар баҳр киштӣ гирифт,
Басе солҳо номи зиштӣ гирифт.
Туфу, бар чунон мулку давлат, ки ронд,
Ки шунъат[2] бар ӯ то қиёмат бимонд.
Писар чун шунид ин ҳадис аз падар,
Сар аз хатти фармон набурдаш бадар.
Фурӯ кӯфт бечора харро ба санг,
Хар аз даст оҷиз шуд, аз пой ланг.
Падар гуфташ, акнун сари хеш гир,
Ҳар он раҳ, ки мебоядат, пеш гир.

---

[1] Ғирев – фарёд.
[2] Шунъат – сарзаниш.

Писар дар пайи корвон уфтод,
Зи дашном чандон ки донист, дод.
В-аз он сӯ падар рӯй дар осмон,
Ки ё раб, ба саҷҷодаи ростон.
Ки чандон амонам деҳ аз рӯзгор,
К- аз ин наҳси золим барояд димор.
Агар ман набинам мар ӯро ҳалок,
Шаби гӯр чашмам нахусбад ба хок.
Агар мор зояд зани бордор,
Беҳ аз одамизодаи девсор.
Зан аз марди муъзӣ ба бисёр беҳ,
Саг аз мардуми мардумозор беҳ.
Муханнас, ки бедод бар х(в)ад кунад,
Аз он беҳ, ки бо дигаре бад кунад.
Шаҳ ин ҷумла бишниду чизе нагуфт,
Бибаст асбу сар бар намадзин бихуфт.
Ҳама шаб ба бедорӣ ахтар шумурд,
Зи савдову андеша хобаш набурд.
Чу овози мурғи саҳар гӯш кард,
Парешонии шаб фаромӯш кард.
Саворон ҳама шаб ҳаметохтанд,
Саҳаргаҳ пайи асб биштофтанд.
Бар он арса бар асб диданд шоҳ,
Пиёда давиданд яксар сипоҳ.
Ба хидмат ниҳоданд сар бар замин,
Чу дарё шуд аз мавҷи лашкар замин.
Яке гуфташ аз дӯстони қадим,
Ки шаб ҳоҷибаш буду рӯзаш надим:
Раият чӣ нузлат[1] ниҳоданд дӯш,
Ки моро на чашм орамиду на гӯш?
Шаҳаншаҳ наёраст кардан ҳадис,
Ки бар вай чӣ омад зи хубси хабис.

---

[1] Нузлат – асбоби пазироии меҳмон.

Ҳам оҳиста сар бурд пеши сараш,
Фурӯ гуфт пинҳон ба гӯш - андараш:
Касам пои мурғе наёвард пеш,
Вале дасти хар рафт аз андоза беш.
Бузургон нишастанду хон хостанд,
Бихӯрдаанду маҷлис биёростанд.
Чу шӯру тараб дар ниҳод омадаш,
Зи деҳқони дӯшина ёд омадаш.
Бифармуд, ҷастанду бастанд сахт,
Ба хорӣ фикананд дар пойи тахт.
Сияҳдил бароҳехт шамшери тез,
Надонист бечора роҳи гурез.
Сари ноумедӣ бароварду гуфт:
Нашояд шаби гӯр дар хона хуфт.
На танҳо манат гуфтам, эй шаҳрёр,
Ки баргаштабахтию бадрӯзгор.
Чаро хашм бар ман гирифтию бас,
Манат пеш гуфтам, ҳама халқ пас*
Чу бедод кардӣ, тавақкуъ мадор,
Ки номат ба некӣ равад дар диёр.
В-ар эдун, ки душворат омад сухун,
Дигар ҳар чӣ душворат омад, макун.
Туро чора аз зулм баргаштан аст,
На бечораи бегунаҳ куштан аст.
Маро панҷ рӯзи дигар монда гир,
Ду рӯзи дигар айши хуш ронда гир.
Намонад ситамкори бадрӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати пойдор.
Туро нек панд аст, агар бишнавӣ,
В-агар нашнавӣ, худ пушаймон шавӣ.
Бад-он кай ситуда шавад подшоҳ,
Ки халқаш ситоянд дар боргоҳ?
Чӣ суд офарин бар сари анҷуман,
Паси чарха нафринкунон пирзан?

Ҳамегуфту шамшер болои сар,
Сипар карда ҷон пеши тири қадар.
Набинӣ, ки чун корд бар сар бувад,
Қаламро забонаш равонтар бувад.
Шаҳ аз мастии ғафлат омад ба ҳуш,
Ба гӯшаш фурӯ гуфт фаррух суруш.
К-аз ин пир дасти уқубат бидор,
Яке кушта гир аз ҳазорон ҳазор.
Замоне сар андар ғиребон бимонд,
Пас он гаҳ ба афв остин барфишонд.
Ба дастони худ банд аз ӯ баргирифт,
Сарашро бибӯсиду дар бар гирифт.
Бузургиш бахшиду фармондиҳӣ,
Зи шохи умедаш баромад биҳӣ.
Ба гетӣ ҳикоят шуд ин достон,
Равад некбахт аз паи ростон.
Биёмӯзӣ аз оқилон ҳусни хӯй,
На чандон ки аз ғофили айбҷӯй.
Ситоишсароён на ёри туанд,
Никӯҳишкунон дӯстдори туанд.
Зи душман шунав сирати худ, ки дӯст
Ҳар он-ч аз ту ояд, ба чашмаш накӯст.
Вабол аст додан ба ранҷур қанд,
Ки доруи талхаш бувад судманд.
Турушрӯй беҳтар кунад сарзаниш,
Ки ёрони хуштабъи ширинманиш.
Аз ин беҳ насиҳат нагӯяд касат,
Агар оқилӣ, як ишорат басат.

ҲИКОЯТ

Чу даври хилофат ба Маъмун расид,
Яке моҳпайкар канизак харид.

Ба чеҳр офтобе, ба тан гулбуне,
Ба ақли хирадманд бозикуне.
Ба хуни азизон фурӯ бурда чанг,
Сарангуштҳо карда уннобранг.
Бар абрӯи обидфиребаш хизоб,
Чу қавси кузаҳ буд бар офтоб.
Шаби хилват он луъбати ҳурзод
Магар тан дар огӯши Маъмун надод.
Гирифт оташи хашм дар вай азим,
Сараш хост кардан чу ҷавзо дуним.
Бигуфто: Сар инак ба шамшери тез,
Бияндозу бо ман макун хуфтухез!
Бигуфт: Ар кушӣ, в-ар шикофӣ сарам,
Зи бӯи даҳонат ба ранҷ - андарам.
Кушад тири пайкору теғи ситам
Ба як бору бӯи даҳан дам ба дам.
Шунид ин сухан сарвари некбахт,
Барошуфт тунду биранҷид сахт.
Ҳама шаб дар ин фикр буду нахуфт,
Дигар рӯз бо ҳушмандон бигуфт.
Табиатшиносони ҳар кишваре,
Сухан гуфт бо ҳар як аз ҳар даре.
Дилаш гарчи дарҳол аз ӯ ранҷа шуд,
Даво карду хушбӯй чун ғунча шуд.
Паричеҳраро ҳамнишин карду дӯст,
Ки ин айби ман гуфт, ёри ман ӯст.
Ба назди ман он кас накӯхоҳи туст,
Ки гӯяд фалон хор дар роҳи туст.
Ба гумроҳ гуфтан: «Накӯ меравӣ»
Ҷафое тамом асту ҷавре қавӣ.
Ҳар он гаҳ, ки айбат нагӯянд пеш,
Ҳунар донӣ аз ҷоҳилӣ айби хеш.

Магӯ шаҳд ширин, шакар фоиқ аст
Касеро, ки сақмуниё[1] лоиқ аст.
Чӣ хуш гуфт як рӯз доруфурӯш:
Шифо боядат, доруи талх нӯш.
Агар шарбате боядат судманд,
Зи Саъдӣ ситон талхдоруи панд.
Ба парвезани маърифат бехта,
Ба шаҳди зарофат баромехта.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки аз некмарде фақир
Дилозурда шуд подшоҳе кабир.
Магар бар забонаш ҳақе рафта буд,
Зи гарданкашии вай ошуфта буд.
Ба зиндон фиристодаш аз борғоҳ,
Ки зӯрозмояст бозуи ҷоҳ.
Зи ёрон касе гуфташ андар ниҳуфт,
Масолеҳ набуд ин сухан гуфт. Гуфт:
Расонидани амри ҳақ тоат аст,
Зи зиндон натарсам, ки як соат аст.
Ҳамон дам, ки дар хуфя ин роз рафт,
Ҳикоят ба гӯши малик бозрафт.
Бихандид, к- ӯ занни беҳуда бурд,
Надонад, ки хоҳад дар ин ҳабс мурд.
Ғуломе ба дарвеш бурд ин паём,
Бигуфто: ба Хусрав бигӯ, эй ғулом:
Маро бори гам бар дили реш нест,
Ки дунё ҳамин соате беш нест.
На гар дастгирӣ кунӣ, хуррамам,
На гар сар бурӣ, бар дил ояд ғамам.
Ту гар комронӣ ба фармону ганҷ,
Дигар кас фурӯ монд дар заъфу ранҷ.

---

[1] Сақмуниё – гиёҳе талху заҳрогин.

Ба дарвозаи марг чун даршавем,
Ба як ҳафта бо ҳам баробар шавем.
Манеҳ дил бар ин давлати панҷрӯз,
Ба дуди дили халқ худро масӯз.
На пеш аз ту беш аз ту андӯхтанд,
Ба бедод кардан ҷаҳон сӯхтанд.
Чунон зӣ, ки зикрат ба таҳсин кунанд,
Чу мурдӣ, на бар гӯр нафрин кунанд.
Набояд ба расми бад оин ниҳод,
Ки гӯянд, лаънат бар он, к-ин ниҳод.
В- агар бар сар ояд худованди зӯр,
На зераш кунад оқибат хоки гӯр?
Бифармуд дилтангрӯй аз ҷафо,
Ки берун кунандаш забон аз қафо.
Чунин гуфт марди ҳақоиқшинос,
К-аз ин ҳам, ки гуфтӣ, надорам ҳарос.
Ман аз безабонӣ надорам гаме,
Ки донам, ки ногуфта монад ҳаме.
Агар бенавоӣ барам в-ар ситам,
Гарат оқибат хайр бошад, чӣ ғам?
Арӯсӣ бувад навбати мотамат,
Гарат некрӯзӣ бувад хотамат.

ҲИКОЯТ

Яке муштзан бахту рӯзӣ надошт,
На асбоби шомаш муҳайё, на чошт.
Зи ҷаври шикам гил кашидӣ ба пушт,
Ки рӯзӣ муҳол аст хӯрдан ба мушт.
Мудом аз парешонии рӯзгор
Дилаш ҳасрат оварду тан сӯгвор.
Гаҳаш ҷанг бо олами хиракуш,
Гаҳ аз бахти шӯрида рӯяш туруш.
Гаҳ аз дидани айши ширини халқ
Фурӯ мешудӣ оби талхаш ба ҳалқ.

Гаҳ аз кори ошуфта бигристӣ
Ки кас дид аз ин талхтар зисте?
Касон шаҳд нӯшанду мурғу бара,
Маро рӯи нон менабинад тара.
Гар инсоф пурсӣ, на некӯст ин,
Бараҳна ману гурбаро пӯстин.
Чӣ будӣ, ки поям дар ин кори гил
Ба ганҷе фурӯ рафтӣ аз коми дил.
Магар рӯзгоре ҳавас рондаме,
Зи худ гарди меҳнат[1] бияфшондаме.
Шунидам, ки рӯзе замин мешикофт,
Изоми[2] занахдони пӯсида ёфт.
Ба хок-андараш икд бигсехта,
Гуҳарҳои дандон фурӯ рехта.
Даҳон бе забон панд мегуфту роз,
Ки, эй хоҷа, бо бенавоӣ бисоз!
На ин аст ҳоли даҳан зери гил?
Шакар хӯрда ангор ё хуни дил.
Ғам аз гардиши рӯзгорон мадор,
Ки бе мо бигардад басе рӯзгор.
Ҳамон лаҳза, к-ин хотираш рӯй дод,
Ғам аз хотираш рахт як сӯ ниҳод.
Ки, эй нафси берою тадбиру ҳуш,
Бикаш бори темору худро макуш!
Агар бандае бор бар сар барад,
Вагар сар ба авҷи фалак барбарад.
Дар он дам, ки ҳолаш дигаргун шавад,
Ба марг аз сараш ҳар ду берун шавад.
Ғаму шодмонӣ намонад, валек
Ҷазои амал монаду номи нек.
Карам пой дорад, на дайҳиму тахт,
Бидеҳ, к- аз ту ин монад, эй некбахт.

---

[1] Меҳнат – азоб, машаққат, ғаму андӯҳ.
[2] Изом – устухонҳо.

Макун такя бар мулку чоху ҳашам,
Ки пеш аз ту будасту баъд аз ту ҳам.
Худованди давлат ғами дин х(в)арад,
Ки дунё ба ҳар ҳол мебигзарад.
Нахоҳӣ, ки мулкат барояд ба ҳам,
Ғами мулку дин ҳар ду бояд ба ҳам.
Зар афшон, чу дунё бихоҳӣ гузошт,
Ки Саъдӣ дур афшонд, агар зар надошт.

ҲИКОЯТ

Ҳикоят кунанд аз чафогустаре,
Ки фармондиҳӣ дошт бар кишваре.
Дар айёми ӯ рӯзи мардум чу шом,
Шаб аз бими ӯ хоби мардум ҳаром.
Ҳама рӯз некон аз ӯ дар бало,
Ба шаб дасти покон аз ӯ бар дуо.
Гурӯҳе бари шайхи он рӯзгор
Зи дасти ситамгар гиристанд зор,
Ки, эй пири донои фархундарой!
Бигӯ ин чавонро: битарс аз Худой!
Бигуфто: Дареғ оядам номи дӯст,
Ки ҳар кас на дархурди пайғоми ӯст.
Касеро, ки бинӣ зи ҳақ баркарон,
Манеҳ бо вай, эй хоча, ҳақ дар миён.
Дареғ аст бо сифла гуфт аз улум,
Ки зоеъ шавад тухм дар шӯрабум.
Чу дар вай нагирад, адӯ донадат,
Биранчад ба чону биранчонадат.
Ҳақат гуфтам, эй хусрави некрой,
Тавон гуфт ҳақ пеши марди Худой.

Туро одат, эй подшаҳ, ҳақравист,
Дили марди ҳақгӯй аз ин ҷо қавист.
Нигин хислате дорад, эй некбахт,
Ки дар мум гирад, на дар санги сахт.
Аҷаб нест, гар золим аз ман ба ҷон
Биранҷад, ки дузд асту ман посбон.
Ту ҳам посбонӣ ба инсофу дод,
Ки ҳифзи Худо посбони ту бод!
Туро нест миннат зи рӯи қиёс,
Худовандроманну фазлу сипос,
Ки дар кори хайрат ба хидмат бидошт,
На чун дигаронат муаттал гузошт.
Ҳама кас ба майдони кӯшиш- даранд,
Вале гӯйи бахшиш на ҳар кас баранд.
Ту ҳосил накардӣ ба кӯшиш биҳишт,
Худо дар ту хӯи биҳиштӣ биҳишт.
Дилат равшану вақт маҷмӯъ бод,
Қадам собиту поя марфӯъ[1] бод,
Ҳаётат хушу рафтанат бар савоб,
Ибодат қабулу дуо мустаҷоб.

***

Ҳаме то бարояд ба тадбир кор,
Мудорои душман беҳ аз корзор,
Чу натвон адӯро ба қувват шикаст,
Ба неъмат бибояд дари фитна баст.
Гар андеша бошад зи хасмат газанд,
Ба таъвизи[2] эҳсон забонаш бибанд.

---

[1] Марфӯъ – баланд.
[2] Таъвиз – тӯмор.

Адӯро ба чои хасак[1] зар бирез,
Ки эҳсон кунад кунд дандони тез.
Чу дасте нашояд газидан, бибӯс,
Ки бо ғолибон чора зарқ асту лӯс[2].
Ба тадбири Рустам даромад ба банд
Ки Исфандёраш начаст аз каманд.
Адӯро ба фурсат тавон канд пӯст,
Пас ӯро мудоро чунон кун, ки дӯст.
Ҳазар кун зи пайкори камтар касе,
Ки аз қатра селоб дидам басе.
Мазан, то тавонӣ, ба абрӯ гиреҳ,
Ки душман агарчи забун, дӯст беҳ.
Бувад душманаш тозаву дӯст реш
Касе, к-аш бувад душман аз дӯст беш.
Мазан бо сипоҳе зи худ бештар,
Ки натвон зад ангушт бар нештар.
В- агар з-ӯ тавонотарӣ дар набард,
На мардист, бар нотавон зӯр кард.
Агар пилзӯрию гар шерчанг,
Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки чанг.
Чу даст аз ҳама ҳилате даргусаст,
Ҳалол аст бурдан ба шамшер даст.
Агар сулҳ хоҳад адӯ, сар мапеч,
В-агар чанг чӯяд, инон бармапеч.
Ки гар вай бибандад дари корзор,
Туро қадру ҳайбат шавад як ҳазор.
В- ар ӯ пойи чанг оварад дар рикоб,
Нахоҳад ба ҳашр аз ту довар ҳисоб.

---

[1] Хасак – хор.
[2] Зарқу лус – маллуқу чоплусӣ.

Ту ҳам ҷангро бош, чун кина хост,
Ки бо кинавар меҳрбонӣ хатост.
Чу бо сифла гӯӣ ба лутфу х(в)ашӣ,
Фузун гардадаш кибру гарданкашӣ.
Ба асбони тозию мардони мард
Барор аз ниҳоди бадандеш гард.
В-агар мебарояд ба тадбиру ҳуш,
Ба тундию хашму дуруштӣ макӯш.
Чу душман ба аҷз андаромад зи дар,
Набояд, ки пархош ҷӯӣ дигар.
Чу зинҳор хоҳад, карам пеша кун,
Бибахшою аз макраш андеша кун.
Зи тадбири пири куҳан бармагард,
Ки корозмуда бувад солх(в)ард.
Дароранд бунёди рӯин зи пой
Ҷавонон ба нерӯю пирон ба рой.

***

Биандеш дар қалби ҳайҷо[1] мафар[2],
Чӣ донӣ, ки з-они кӣ бошад зафар?
Чу бинӣ, ки лашкар зи ҳам даст дод.
Ба танҳо мадеҳ ҷони ширин ба бод.
Агар бар канорӣ, ба рафтан бикӯш,
В-агар дар миён, лубси душман бипӯш.
В-агар худ ҳазорию душман дувист,
Чу шаб шуд, дар иқлими душман маист.
Шаби тира панҷаҳ савор аз камин
Чу понсад ба ҳайбат бидаррад замин.
Чу хоҳӣ буридан ба шаб роҳҳо,
Ҳазар кун нахуст аз камингоҳҳо.

---

[1] Ҳайҷо – ҷанг.
[2] Мафар – маҳалли фирор.

Миёни ду лашкар чу якрӯза роҳ
Бимонад, бизан хайма бар ҷойгоҳ.
Гар ӯ пешдастӣ кунад, ғам мадор,
В- ар Афросиёб аст, мағзаш барор.
Надонӣ, ки лашкар чу якрӯза ронд,
Сари панҷаи зӯрмандаш намонд.
Ту осуда бар лашкари монда зан,
Ки нодон ситам кард бар хештан.
Чу душман шикастӣ, бияфкан алам,
Ки бозаш наёяд ҷароҳат ба ҳам.
Басе дар қафои ҳазимат марон,
Набояд, ки дур афтӣ аз ёварон.
Ҳаво бинӣ аз гарди ҳайҷо чу меғ,
Бигиранд гирдат ба зӯбину теғ.
Ба дунболи ғорат наронад сипоҳ,
Ки холӣ бимонад паси пушти шоҳ.
Сипаҳро нигаҳбонии шаҳрёр
Беҳ аз ҷанг дар ҳалқаи корзор.

***

Диловар, ки боре таҳаввур[1] намуд,
Бибояд ба миқдораш андарфузуд.
Ки бори дигар дил ниҳад бар ҳалок,
Надорад зи пайкори яъҷуҷ бок.
Сипоҳӣ дар осудагӣ хуш бидор,
Ки дар ҳолати сахтӣ ояд ба кор.
Сипоҳӣ, ки кораш набошад бабарг,
Чаро дил ниҳад рӯзи ҳайҷо ба марг.
Кунун дасти мардони ҷангӣ бибӯс,
На он гаҳ ки душман фурӯ куфт кӯс.
Навоҳии мулк аз кафи бадсигол
Ба лашкар нигаҳ дору лашкар ба мол.

---

[1] Таҳаввур – далерӣ.

Маликро бувад бар адӯ даст чир,
Чу лашкар дилосуда бошанду сер.
Баҳои сари хештан мех(в)арад,
На инсоф бошад, ки сахтӣ барад.
Чу доранд ганҷ аз сипоҳӣ дареғ,
Дареғ оядаш даст бурдан ба теғ.
Чӣ мардӣ кунад дар сафи корзор,
Ки дасташ тиҳӣ бошаду кор зор?

***

Ба пайкори душман далерон фирист,
Ҳужаброн[1] ба новарди шерон фирист.
Ба раъйи ҷаҳондидагон кор кун,
Ки сайдозмуда-ст гурги куҳун.
Матарс аз ҷавонони шамшерзан,
Ҳазар кун зи пирони бисёрфан.
Ҷавонони пилафкани шергир
Надонанд дастони рӯбоҳи пир.
Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.
Ҷавонони шоистаи бахтвар
Зи гуфтори пирон напечанд сар.
Гарат мамлакат бояд ороста,
Мадеҳ кори муъзам[2] ба навхоста.
Сипаҳро макун пешрав ҷуз касе,
Ки дар ҷангҳо буда бошад басе.
Ба хурдон мафармой кори дурушт,
Ки сандон нашояд шикастан ба мушт.

---

[1] Ҳуҷабр – далер, диловар
[2] Мӯъзам – бузург.

Раиятнавозию сарлашкарӣ
На корест бозичаву сарсарӣ.
Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба нокордида мафармой кор.
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодидаҷанг.
Чу парварда бошад писар дар шикор,
Натарсад, чу пеш оядаш корзор.
Ба куштию нахчиру омоҷу гӯй
Диловар шавад марди пархошҷӯй.
Ба гармоба парвардаи айшу ноз
Биранҷад, чу бинад дари ҷанг боз.
Ду мардаш нишонанд бар пушти зин,
Бувад, к-аш занад кӯдаке бар замин.

***

Якеро, ки дидӣ ту дар ҷанг пушт,
Бикуш, гар адӯ дар масофаш накушт.
Муханнас беҳ аз марди шамшерзан,
Ки рӯзи ваго[1] сар битобад чу зан.
Чӣ хуш гуфт Гургин ба фарзанди хеш,
Чу фармони пайкор барбасту кеш:
«Агар чун занон ҷуст роҳи гурез,
Марав, оби мардони ҷангӣ марез!»
Саворе, ки дар ҷанг бинмуд пушт,
На худро, ки номоваронро бикушт.

***

Шуҷоат наёяд магар з-он ду ёр,
Ки афтанд дар ҳалқаи корзор.

---

[1] Ваго - ҷанг

Ду ҳамчинси ҳамсуфраи ҳамзамон
Бикӯшанд дар қалби ҳайҷо ба ҷон,
Ки нанг оядаш рафтан аз пеши тир,
Бародар ба чанголи душман асир.
Чу бинӣ, ки ёрон набошанд ёр,
Ҳазимат[1] зи майдон ғанимат шумор.

***

Ду тан парвар, эй шоҳи кишваркушой,
Яке аҳли разму дигар аҳли рой[2].
Зи номоварон гӯйи давлат баранд,
Ки донову шамшерзан парваранд.
Ҳар он к- ӯ қаламро наварзиду теғ,
Бар ӯ гар бимирад, магӯ: «Эй дареғ!»
Қаламзан накӯ дору шамшерзан,
На мутриб, ки мардӣ наёяд зи зан.
На мардист, душман дар асбоби ҷанг,
Ту мадҳуши соқию овози чанг.
Басо аҳли давлат ба бозӣ нишаст,
Ки давлат бирафташ ба бозӣ зи даст.

***

Нагӯям, зи ҷанги бадандеш тарс,
Дар овозаи сулҳ аз ӯ беш тарс.
Басо кас ба рӯз ояти сулҳ хонд,
Чу шаб шуд, сипаҳ бар сари хуфта ронд.
Зиреҳпӯш хусбанд мардавжанон,
Ки бистар бувад хобгоҳи занон.

---

[1] Ҳазимат – фирор, гурез.
[2] Рой – андеша, хирад.

Ба хайма - дарун марди шамшерзан
Бараҳна нахусбад чу дар хона зан.
Бибояд ниҳон ҷангро сохтан,
Ки душман ниҳон оварад тохтан.
Ҳазар кори мардони корогаҳ аст,
Язак[1] садди рӯини лашкаргаҳ аст.

***

Миёни ду бадхоҳи кӯтоҳдаст
На фарзонагӣ бошад, эмин нишаст,
Ки гар ҳар ду бо ҳам сиголанд роз,
Шавад дасти кӯтоҳи эшон дароз.
Якеро ба найранг машғул дор,
Дигарро баровар зи ҳастӣ димор.
Агар душмане пеш гирад ситез,
Ба шамшери тадбир хунаш бирез.
Бирав, дӯстӣ гир бо душманаш,
Ки зиндон шавад пираҳан бар танаш.
Чу дар лашкари душман афтад хилоф,
Ту бигзор шамшери худ дар ғилоф.
Чу гурғон писанданд бар ҳам газанд,
Баросояд андар миён гӯсфанд.
Чу душман ба душман бувад муштағил[2],
Ту бо дӯст биншин ба ороми дил.

***

Чу шамшери пайкор бардоштӣ,
Нигаҳ дор пинҳон раҳи оштӣ,

---

[1] Язак – дидбон.
[2] Муштағил – машғул, гирифтор.

Ки лашкаршикуфони миғфаршикоф
Ниҳон сулҳ ҷустанду пайдо масоф.
Дили марди майдон ниҳонӣ биҷӯй,
Ки бошад, ки дар поят афтад чу гӯй.
Чу солоре аз душман афтад ба чанг,
Ба куштан- дараш кард бояд даранг.
Ки афтад, к- аз ин нима ҳам сарваре,
Бимонад гирифтор дар чанбаре.
Агар куштӣ ин бандии решро,
Набинӣ дигар бандии хешро.
Натарсад, ки даврон-ш бандӣ кунад,
Ки бар бандиён зӯрмандӣ кунад.
Касе бандиёнро бувад дастгир,
Ки худ буда бошад ба банде асир.
Агар сар ниҳад бар хатат сарваре,
Чу некаш бидорӣ, ниҳад дигаре.
Агар хуфя даҳ дил ба даст оварӣ,
Аз он беҳ, ки сад раҳ шабехун барӣ.

***

Гарат хеши душман шавад дӯстдор,
Зи талбисаш[1] эмин машав зинҳор.
Ки гардад дарунаш ба кини ту реш,
Чу ёд оядаш меҳри пайванди хеш.
Бадандешро лафзи ширин мабин,
Ки мумкин бувад заҳр дар ангабин.
Касе ҷон аз осеби душман бибурд,
Ки мар дӯстонро ба душман шумурд.

---

[1] Талбис – макру найранг.

Нигаҳ дорад он шӯх дар киса дур,
Ки бинад ҳама халқро кисабур.

***

Сипоҳӣ, ки осӣ шавад дар амир,
Варо, то тавонӣ, ба хидмат магир.
Надонист солори худро сипос,
Туро ҳам надонад, зи узраш ҳарос.
Ба савганду аҳд устувораш мадор,
Нигаҳбони пинҳон бар ӯ баргумор.
Навомӯзро ресмон кун дароз,
Набигсил, ки дигар набиниш боз.

***

Чу иқлими душман ба ҷангу ҳисор,
Гирифтӣ, ба зиндониёнаш супор,
Ки бандӣ чу дандон ба хун дарбарад,
Зи ҳалқуми бедодгар хун х(в)арад.

***

Чу баркандӣ аз дасти душман диёр,
Раият басомонтар аз вай бидор.
Ки гар бозкӯбад дари корзор,
Баророанд ом аз димоғаш димор.
В- агар шаҳриёнро расонӣ газанд,
Дари шаҳр бар рӯи душман мабанд.
Магӯ душмани теғзан бар дар аст,
Ки анбори душман ба шаҳр - андар аст.

***

Ба тадбири ҷанги бадандеш кӯш,
Масолиҳ бияндешу нийят бипӯш.
Манеҳ дар миён роз бо ҳар касе,
Ки ҷосус ҳамкоса дидам басе.
Сикандар, ки бо шарқиён ҳарб дошт,
Дари хайма, гӯянд, дар ғарб дошт.
Чу Баҳман ба Зобулситон хост шуд,
Чап овоза афканду аз рост шуд.
Агар ҷуз ту донад, ки азми ту чист,
Бар он рою дониш бибояд гирист.

***

Карам кун, на пархошу киноварӣ,
Ки олам ба зери нигин оварӣ.
Чу коре барояд ба лутфу х(в)ашӣ,
Чӣ ҳоҷат ба тундию гарданкашӣ?!
Нахоҳӣ, ки бошад дилат дардманд,
Дили дардмандон баровар зи банд.
Ба бозу тавоно набошад сипоҳ,
Бирав, ҳиммат аз нотавонон бихоҳ.
Дуои заифони уммедвор
Зи бозуи мардӣ беҳ ояд ба кор.
Ҳар он к- истионат[1] ба дарвеш бурд,
Агар бар Фаридун зад, аз пеш бурд.

---

[1] Истионат – ёрӣ хостан.

БОБИ ДУВУМ

ДАР ЭҲСОН

Агар ҳушмандӣ, ба маънӣ гарой,
Ки маънӣ бимонад зи сурат ба ҷой.
Киро донишу ҷуду[1] тақво набуд,
Ба сурат- дараш ҳеч маъно набуд.
Касе хусбад осуда дар зери гил,
Ки хусбад аз ӯ мардум осудадил.
Ғами хеш дар зиндагӣ хур, ки хеш
Ба мурда напардозад аз ҳирси хеш.
Нахоҳӣ, ки бошӣ парокандадил,
Парокандагонро зи хотир маҳил[2].
Парешон кун имрӯз ганҷина чуст,
Ки фардо калидаш на дар дасти туст.
Ту бо худ бибар тӯшаи хештан,
Ки шафқат наёяд зи фарзанду зан.
Касе гӯйи давлат зи дунё барад,
Ки бо худ насибе ба уқбо[3] барад.
Ба ғамхорагӣ чун сарангушти ман
Нахорад кас андар ҷаҳон пушти ман.
Макун, бар кафи даст неҳ ҳар чӣ ҳаст,
Ки фардо ба дандон барӣ пушти даст.
Ба пӯшидани ситри[4] дарвеш кӯш,
Ки ситри Худоят бувад пардапӯш.
Магардон ғариб аз дарат бенасиб,
Мабодо, ки гардӣ ба дарҳо ғариб.

---

[1] Ҷуд – саховат.
[2] Маҳил – фурӯ магзор.
[3] Уқбо – охират.
[4] Ситр – парда.

Бузурге расонад ба муҳтоҷ хайр,
Ки тарсад, ки муҳтоҷ гардад ба ғайр.
Ба ҳоли дили хастагон дарнигар,
Ки рӯзе ту дилхаста бошӣ магар.
Даруни фурӯмондагон шод кун,
Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун.
На хоҳандаӣ бар дари дигарон?
Ба шукрона хоҳанда аз дар марон.

***

Падармурдаро соя бар сар фикан,
Ғубораш бияфшону хораш бикан.
Надонӣ, чӣ будаш фурӯ монда сахт,
Бувад тоза бе беx ҳаргиз дарахт?!
Чу бинӣ ятиме сар афканда пеш,
Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.
Ятим ар бигиряд, кӣ нозаш харад?
В-агар хашм гирад, кӣ бораш барад?
Ало, то нагиряд, ки арши азим
Биларзад ҳама, гар бигиряд ятим.
Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок,
Ба шафқат бияфшонаш аз чеҳра хок.
Агар сояи худ бирафт аз сараш,
Ту дар сояи хештан парвараш.
Ман он гаҳ сари тоҷвар доштам,
Ки сар дар канори падар доштам.
Агар бар вуҷудам нишастӣ магас,
Парешон шудӣ хотири чанд кас.
Кунун душманон гар барандам асир,
Набошад кас аз дӯстонам насир[1].

---

[11] Насир – ёвар.

Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар.
Яке хори пои ятиме биканд,
Ба хоб-андараш дид Садри Хуҷанд.
Ҳаме гуфту дар равзаҳо мечамид,
К- аз он хор бар ман чӣ гулҳо дамид.

***

Машав, то тавонӣ, зи раҳмат барӣ,
Ки раҳмат барандат, чу раҳмат барӣ.
Чу инъом кардӣ, машав худпараст,
Ки ман сарварам, дигарон зердаст.
Агар теғи давронаш андохтаст,
На шамшери даврон ҳанӯз охтаст[1].
Чу бинӣ дуогӯи давлат ҳазор,
Худовандро шукри неъмат гузор.
Ки чашм аз ту доранд мардум басе,
На ту чашм дорӣ зи дасти касе.
Карам хондаам сирати сарварон,
Ғалат гуфтам, ахлоқи пайғамбарон.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки як ҳафта ибнуссабил
Наёмад ба меҳмонсаройи Халил.
Зи фархундахӯӣ нахӯрдӣ пагоҳ,
Магар бенавое дарояд зи роҳ.
Бурун рафту ҳар ҷонибе бингарид,
Бар атрофи водӣ нигаҳ карду дид:
Ба танҳо яке дар биёбон чу бед
Сару мӯяш аз гарди пирӣ сапед.

---

[1] Охта – баркашида.

Ба дилдорияш марҳабое бигуфт,
Ба расми каримон салое бигуфт.
Ки, эй чашмҳои маро мардумак,
Яке мардумӣ кун ба нону намак.
«Наъам» гуфту барҷасту бардошт гом,
Ки донист хулқаш алайҳиссалом.
Рақибони меҳмонсаройи Халил
Ба иззат нишонданд пири залил.
Бифармуду тартиб карданд хон,
Нишастанд бар ҳар тараф ҳамгинон.
Чу бисмиллаҳ оғоз карданд ҷамъ,
Наёмад зи пираш ҳадисе ба самъ.
Чунин гуфташ: «Эй пири деринарӯз,
Чу пирон намебинамат сидқу сӯз.
На шарт аст, вақте ки рӯзӣ х(в)арӣ,
Ки номи худованди рӯзӣ барӣ?»
Бигуфто: «Нагирам тарике ба даст,
Ки нашнидам аз пири озарпараст».
Бидонист пайғамбари некфол,
Ки ғабр аст пири табаҳбудаҳол.
Ба хорӣ бирондаш, чу бегона дид,
Ки мункир бувад пеши покон палид.
Суруш омад аз кирдгори ҷалил,
Ба ҳайбат маломаткунон, к- эй Халил!
Манаш дода сад сол рӯзию ҷон,
Туро нафрат омад аз ӯ як замон?!
Гар ӯ мебарад пеши оташ суҷуд,
Ту вопас чаро мебарӣ дасти ҷуд?
Гиреҳ бар сари банди эҳсон мазан,
Ки ин зарқу шайд асту он макру фанд.

***

Зиён мекунад марди тафсирдон,
Ки илму адаб мефурӯшад ба нон.

Кучо ақл ё шаръ фатво диҳад,
Ки аҳли хирад дин ба дунё диҳад?
Валекин ту бистон, ки соҳибхирад
Аз арзонфурӯшон ба рағбат харад.

ҲИКОЯТ

Забондоне омад ба соҳибдиле,
Ки муҳкам фурӯ мондаам дар гиле.
Яке сифлаоро даҳ дирам бар ман аст,
Ки донге аз ӯ бар дилам даҳ ман аст.
Ҳама шаб парешон аз ӯ ҳоли ман,
Ҳама рӯз чун соя дунболи ман.
Бикард аз суханҳои хотирпареш
Даруни дилам чун дари хона реш.
Худояш магар то зи модар бизод,
Ҷуз ин даҳ дирам чизи дигар надод?
Надониста аз дафтари дин алиф,
Нахонда ба ҷуз боби «ло янсариф»,
Хур аз кӯҳ як рӯз сар барназад,
Ки он қалтабон ҳалқа бар дар назад.
Дар андешаам, то кадомам карим
Аз он сангдил даст гирад ба сим.
Шунид ин сухан пири фаррухниҳод,
Дурусте ду дар остинаш ниҳод.
Зар афтод дар дасти афсонагӯй,
Бурун рафт аз он ҷо чу зар тозарӯй.
Яке гуфт: «Шайх ин надонӣ, ки кист?
Бар ӯ, гар бимирад, набояд гирист.
Гадое, ки бар шери нар зин ниҳад,
Абӯзайдро асбу фарзин ниҳад?
Барошуфт обид, ки хомӯш бош,
Ту марди забон нестӣ, гӯш бош.

Агар рост буд, он чӣ пиндоштам,
Зи халқ обрӯяш нигаҳ доштам.
В-агар шӯхчашмию солус кард,
Ало, то напиндорӣ, афсӯс кард,
Ки худро нигаҳ доштам обрӯй
Зи дасти чунон гурбузи ёвагӯй.
Баду некро базл[1] кун симу зар,
Ки ин касби хайр асту он дафъи шар.
Хунук[2] он ки дар суҳбати оқилон
Биёмӯзад ахлоқи соҳибдилон.
Гарат ақлу роясту тадбиру ҳуш,
Ба иззат кунӣ панди Саъдӣ ба гӯш,
Ки ағлаб дар ин шева дорад мақол,
На дар чашму зулфу буногӯшу хол.

ҲИКОЯТ

Яке рафту динор аз ӯ сад ҳазор
Халаф бурд[3] соҳибдиле ҳушёр.
На чун мумсикон даст бар зар гирифт,
Чу озодагон даст аз ӯ баргирифт.
Зи дарвеш холӣ набудӣ дараш,
Мусофир ба меҳмонсарой - андараш.
Дили хешу бегона хурсанд кард,
На ҳамчун падар симу зар банд кард.
Маломаткуне гуфташ: «Эй боддаст,
Ба як раҳ парешон макун, ҳар чӣ ҳаст.
Ба соле тавон хирман андӯхтан,
Ба як дам на мардӣ бувад сӯхтан.

---

[1] Базл – бахшишу эҳсон.
[2] Хунук – хушбахт.
[3] Халаф – фарзанд ё пасованди бозмондаи шоиста.

Зару нозу неъмат намонад басе,
Магар к- ин ҳикоят нагуфтат касе?
Дар ин рӯзҳо зоҳиде бо писар
Шунидам, ки мегуфт: «Ҷони падар,
Муҷаррадрави[1] хонапардоз бош,
Ҷавонмарди дунёбарандоз бош.
Писар пешбин буду корозмой,
Падарро сано гуфт, к- эй некрой,
Чу дар тангдастӣ надорӣ шикеб,
Нигаҳ дор вақти фароҳӣ ҳисеб».
Ба духтар чӣ хуш гуфт бонуи деҳ,
Ки рӯзи наво барги сахтӣ бинеҳ.
Ҳама вақт бардор машку сабӯй,
Ки пайваста дар деҳ равон нест ҷӯй.
Ба дунё тавон охират ёфтан,
Ба зар панҷаи шер бартофтан.
Ба як бор бар дӯстон зар мапош,
В-аз осеби душман ба андеша бош.
Агар рӯй бар хоки пояш ниҳӣ,
Ҷавобат нагӯяд ба дасти тиҳӣ.
Худовнди зар барканад чашми дев,
Ба дом оварад Сахри Ҷиннӣ[2] ба рев[3].
Тиҳидаст дар хубрӯён мапеч,
Ки бе сим мардум наярзанд ҳеч.
Ба дасти тиҳӣ барнаёяд умед,
Ба зар барканӣ чашми деви сафед.
В-агар ҳар чӣ ёбӣ, ба каф барниҳӣ,
Кафат вақти ҳоҷат бимонад тиҳӣ.
Гадоён ба саъйи ту ҳаргиз қавӣ
Нагарданд, тарсам, ту лоғар шавӣ.

---

[1] Муҷаррадрав – касе, ки аз дунё ва моли он алоқа баркандааст.
[2] Сахри Ҷиннӣ – девест, ки бо найранг ангуштарии Сулаймонро рабуд ва чанде ба ҷои ӯ нишаст.
[3] Рев – найранг.

Чу манноъи хайр[1] ин ҳикоят бигуфт,
Зи ғайрат ҷавонмардро раг нахуфт.
Парокандадил гашт аз он айбҷӯй,
Барошуфту гуфт: «Эй парокандагӯй,
Маро дастгоҳе, ки пироман аст,
Падар гуфт: Мероси ҷадди ман аст.
На эшон ба хиссат[2] нигаҳ доштанд,
Ба ҳасрат бимурданду бигзоштанд?
Ба дастам наяфтод моли падар,
Ки баъд аз ман афтад ба дасти писар.
Ҳамон беҳ, ки имрӯз мардум х(в)аранд,
Ки фардо пас аз ман ба яғмо баранд».
Хуру пӯшу бахшою роҳат расон,
Нигаҳ ме чӣ дорӣ зи баҳри касон?
Баранд аз ҷаҳон бо худ асҳоби рой,
Фурӯмоя монад ба ҳасрат ба ҷой.
Зару неъмат акнун бидеҳ, к-они туст,
Ки баъд аз ту берун зи фармони туст.
Ба дунё тавонӣ, ки уқбо харӣ,
Бихар, ҷони ман, в-арна ҳасрат барӣ.
Чунон хӯрду бахшид, к-аҳли назар
Надиданд аз он айн бо ӯ асар.
Ба озодмардӣ ситудаш касе,
Ки дар роҳи ҳақ саъй кардӣ басе.
Ҷавобаш нигар, то чӣ мардона гуфт,
Ки чандин ситоиш чӣ гӯӣ, бихуфт!
Ҳамегуфт сар дар гиребон хиҷил,
Чӣ кардам, ки бар вай тавон баст дил?
Умеде, ки дорам, ба фазли Худост,
Ки бар саъйи худ такя кардан хатост.
Тариқат ҳамин аст, к-аҳли яқин
Накӯкор буданду тақсирбин.

---

[1] Маноъи хайр – боздоронда аз некӣ.
[2] Хиссат – хасисӣ, фурӯмоягӣ.

Машоих ҳама шаб дуо хондаанд,
Саҳаргоҳ саҷҷода афшондаанд.
Мақомоти мардон ба мардӣ шунав,
На аз Саъдӣ, аз Суҳравардӣ шунав.
Маро шайхи донои муршид Шиҳоб,
Ду андарз фармуд бар рӯи об:
«Яке он ки дар ҷамъ бадбин мабош,
Дувум он, ки дар нафс х(в)адбин мабош!»
Шунидам, ки бигристӣ шайх зор,
Чу бархондӣ оёти асҳоби нор[1].
Шабе, донам, аз ҳавли дӯзах нахуфт,
Ба гӯш омадам субҳгоҳӣ, ки гуфт:
«Чӣ будӣ, ки дӯзах зи ман пур шудӣ,
Магар дигаронро раҳоӣ будӣ».
Касе гӯйи давлат зи майдон рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд.

ҲИКОЯТ

Бизорид вақте зане пеши шӯй,
Ки дигар махар нон зи баққоли кӯй.
Ба бозори гандумфурӯшон гарой,
Ки ин ҷавфурӯшест гандумнамой.
На аз муштарӣ, к-издиҳоми магас
Ба як ҳафта рӯяш надидаст кас.
Ба дилдорӣ он марди соҳибниёз
Ба зан гуфт, к-эй равшаноӣ, бисоз!
Ба уммеди мо кулба ин ҷо гирифт,
На мардӣ бувад нафъ аз ӯ во гирифт.
Раҳи некмардони озода гир,
Чу истодаӣ[2], дасти афтода гир.

---

[1] Асқоби нор – дӯзахиён.
[2] Истода – бапой, қоим, рост.

Бибахшой, к-онон ки марди ҳақанд,
Харидори дуккони беравнақанд.
Ҷавонмард, агар рост хоҳӣ, валист,
Карам пешаи шоҳи мардон- Алист.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки пире ба роҳи Ҳиҷоз
Ба ҳар хутва[1] кардӣ ду ракъат намоз.
Чунон гармрав дар тариқи Худой,
Ки хори муғелон накандӣ зи пой.
Ба охир зи васвоси хотирпареш
Писанд омадаш дар назар кори хеш.
Ба талбиси[2] Иблис дар чоҳ рафт,
Ки натвон аз ин хубтар роҳ рафт.
Гараш раҳмати Ҳақ надарёфтӣ,
Ғурураш сар аз ҷода бартофтӣ.
Яке ҳотиф[3] аз ғайбаш овоз дод,
Ки, эй некбахти муборакниҳод!
Мапиндор агар тоате кардаӣ,
Ки нузле бад- ин ҳазрат овардаӣ.
Бар эҳсоне осуда кардан диле,
Беҳ аз алф ракъат ба ҳар манзиле.

ҲИКОЯТ

Ба сарҳанги султон чунин гуфт зан,
Ки хез, эй муборак, дари ризқ зан.
Бирав, то зи хонат насибе диҳанд,
Ки фарзандгонат назар бар раҳанд.

---

[1] Хутва – қадам, гом.
[2] Талбис – фиребу найранг.
[3] Ҳотиф – нидодиҳандаи ғайб.

Бигуфто: Бувад матбах имрӯз сард,
Ки султон ба шаб нийяти рӯза кард.
Зан аз ноумедӣ сар андохт пеш,
Ҳамегуфт бо худ, дил аз фоқа[1] реш.
Ки султон аз ин рӯза гӯӣ чӣ хост,
Ки ифтори ӯ иди тифлони мост?
Хуранда, ки хайраш барояд зи даст,
Беҳ аз соимуддаҳри[2] дунёпараст.
Мусаллам касеро бувад рӯза дошт,
Ки дармондаеро диҳад нони чошт.
В-агарна чӣ лозим, ки саъйе барӣ,
Зи худ бозгирию ҳам худ х(в)арӣ.
Хаёлоти нодони хилватнишин
Ба ҳам баркунад оқибат куфру дин.
Сафоест дар обу оина низ,
Валекин сафоро бибояд тамиз.

ҲИКОЯТ

Якеро карам буду қувват набуд,
Кафофаш[3] ба қадри мурувват набуд.
Ки сифла худованди ҳастӣ мабод,
Ҷавонмардро тангдастӣ мабод.
Касеро, ки ҳиммат баланд уфтад.
Муродаш кам андар каманд уфтад.
Чу селоби резон, ки дар кӯҳсор
Нагирад ҳаме бар баландӣ қарор.
На дархурди сармоя кардӣ карам,
Тунукмоя[4] будӣ аз ин лоҷарам.

---

[1] Фоқа – нодорӣ, тиҳидастӣ.
[2] Соиммуддаҳр – касе, ки доим рӯзадор аст.
[3] Капшоф – он миқдори рӯзӣ, ки инсонро бас бошад.
[4] Тунукмоя – камчиз.

Бараш тангдасте ду ҳарфе навишт,
Ки, эй хубфарҷоми некӯсиришт,
Яке даст гирам ба чандин дирам,
Ки чандест, то ман ба зиндон-дарам.
Ба чашм-андараш қадри чизе набуд,
Валекин ба дасташ пашизе набуд.
Ба хасмони бандӣ фиристод мард,
Ки, эй некномони озодмард,
Бидоред чанде каф аз доманаш,
В-агар мегурезад, замон бар манаш!
В-аз он ҷо ба зиндонӣ омад, ки «Хез,
В-аз ин шаҳр, то пой дорӣ, гурез!»
Чу гунҷишк дар боз дид аз қафас,
Қарораш намонд андар он як нафас.
Чу боди сабо з-он заман сайр кард,
На сайре, ки бодаш расидӣ ба гард.
Гирифтанд ҳолӣ ҷавонмардро,
Ки ҳосил кунӣ сим ё мардро?
Ба бечорагӣ роҳи зиндон гирифт,
Ки мурғ аз қафасрафта натвон гирифт.
Шунидам, ки дар ҳабс чанде бимонд,
На шикват навишту на фарёд хонд.
Замонҳо наёсуду шабҳо нахуфт,
Бар ӯ порсое гузар карду гуфт:
«Напиндорамат моли мардум х(в)арӣ,
Чӣ пеш омадат, то ба зиндон- дарӣ?»
Бигуфт: «Эй ҷалиси[1] муборакнафас,
Нахӯрдам ба ҳилагарӣ моли кас.
Яке нотавон дидам аз банд реш,
Халосаш надидам ба ҷуз банди хеш.
Надидам ба наздики роям писанд
Ман осудаву дигаре пойбанд».

---

[1] Ҷалис – ҳамнишин.

Бимурд охиру некномӣ бибурд,
Зиҳӣ зиндагонӣ, ки номаш намурд.
Тане зиндадил хуфта дар зери гил
Беҳ аз олими зиндаи мурдадил.
Дили зинда ҳаргиз нагардад ҳалок,
Тани зиндадил гар бимирад, чӣ бок.

ҲИКОЯТ

Яке дар биёбон саге ташна ёфт,
Бурун аз рамақ[1] дар ҳаёташ наёфт.
Кулаҳ далв кард он писандидакеш,
Чу ҳабл[2] андар он баст дастори хеш.
Ба хидмат миён басту бозу кушод,
Саги нотавонро каме об дод.
Хабар дод пайғамбар аз ҳоли мард,
Ки довар гуноҳон аз ӯ афв кард.
Ало, гар ҷафокорӣ, андеша кун,
Вафо пеш гиру карам пеша кун.
Ки Ҳақ бо саге некуӣ гум накард,
Куҷо гум шавад хайр бо некмард?
Карам кун чунон, к-ат бароян зи даст,
Ҷаҳонбон дари хайр бар кас набаст.
Гарат дар биёбон набошад чаҳе,
Чароғе бинеҳ дар зиёратгаҳе.
Ба қинтор[3] зар бахш кардан зи ганҷ
Набошад чу қироте[4] аз дастранҷ.
Барад ҳар касе бор дархурди зӯр,
Гарон аст пои малах пеши мӯр.

---

[1] Рамақ – ними ҷон.
[2] Ҳабл – ресмон.
[3] Қинтор – миқдори вазн.
[4] Қирот – миқдори вазн.

***

Ту бо ҳалқ саҳлӣ кун, эй некбахт,
Ки фардо нагирад Худо бар ту сахт.
Гар аз по дарояд, намонад асир,
Кӣ афтодагонро бувад дастгир.
Ба озор фармон мадеҳ бар раҳӣ[1],
Ки бошад, ки афтад ба фармондиҳӣ.
Чу тамкину ҷоҳат бувад бардавом,
Макун зӯр бар марди дарвешу ом.
Ки афтад, ки бо ҷоҳу тамкин шавад,
Чу байдақ, ки ногоҳ фарзин шавад.
Насиҳатшунав, мардуми дурбин
Напошанд дар ҳеч дил тухми кин.
Худованди хирман зиён мекунад,
Ки бар хӯшачин сар гарон мекунад.
Натарсад, ки неъмат ба мискин диҳанд
В-аз он бори гам бар дили ин ниҳанд.
Басо зӯрмандо, ки афтода сахт,
Бас афтодаро ёварӣ кард бахт.
Дили зердастон набояд шикаст,
Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст.

ҲИКОЯТ

Бинолид дарвеше аз заъфи ҳол
Бари тундрӯе худованди мол.
На динор додаш сияҳдил, на донг[2],
Бар ӯ зад ба сарборӣ аз тайра[3] бонг.
Дили соил аз ҷаври ӯ хун гирифт,
Сар аз ғам бароварду гуфт: «Эй шигифт,

[1] Раҳӣ – банда.
[2] Донг – шашяки динор ё дирҳам.
[3] Тайра – сабукӣ, хашм.

Тавонгар турушрӯй боре чарост,
Магар менатарсад зи талхии хост?»
Бифармуд кӯтаҳназар, то ғулом
Бирондаш ба хорию зачри[1] тамом.
Ба нокардани шукри Парвардгор
Шунидам, ки баргашт аз ӯ рӯзгор.
Бузургиш сар дар табоҳӣ ниҳод,
Уторид қалам дар сиёҳӣ ниҳод.
Шақоват бараҳна нишондаш чу сир,
На бораш раҳо карду на боргир.
Фишондаш қазо бар сар аз фоқа хок,
Мушаъбидсифат[2] кисаву даст пок.
Саропой ҳолаш дигаргуна гашт,
Бар ин мочаро муддате баргузашт.
Ғуломаш ба дасти кариме фитод,
Тавонгар дилу дасту равшан ниҳод.
Ба дидори мискин шуд ошуфтаҳол,
Чунон шод будӣ, ки мискин ба мол.
Шабонгаҳ яке бар дараш луқма чуст,
Зи сахтӣ кашидан қадамҳош суст.
Бифармуд соҳибназар бандаро,
Ки хушнуд кун марди дармондаро.
Чу наздик бурдаш зи хон баҳрае,
Баровард бехештан наърае.
Шикастадил омад бари хоча боз,
Аён карда ашкаш ба дебоча[3] роз.
Бипурсид солори фархундахӯй,
Ки ашкат зи чаври кӣ омад ба рӯй?

---

[1] Зачр – ранч.
[2] Мушаъбид – шӯъбадабоз.
[3] Дебоча – ин чо ба маънии чеҳра аст.

Бигуфт: «Андарунам бишӯрид сахт
Бар аҳволи ин пири шӯридабахт,
Ки мамлуки вай будам андар қадим,
Худованди амлоку асбобу сим.
Чу кӯтоҳ шуд дасташ аз иззу ноз,
Кунад дасти хоҳиш ба дарҳо дароз.
Бихандиду гуфт: «Эй писар, ҷавр нест,
Ситам бар кас аз гардиши давр нест.
На он тундрӯяст бозоргон,
Ки бурдӣ сар аз кибр бар осмон?
Ман онам, ки он рӯз аз дар биронд,
Ба рӯзи манаш даври гетӣ нишонд.
Нигаҳ кард боз осмон сӯи ман,
Фурӯ шуст гарди ғам аз рӯи ман.
Худой ар ба ҳикмат бибандад даре,
Кушояд ба фазлу карам дигаре.
Басо муфлиси бенаво сер шуд,
Басо кори мунъим сарозер шуд.

ҲИКОЯТ

Яке сирати некмардон шунав,
Агар некбахтию мардонарав.
Ки Шиблӣ зи ҳонути[1] гандумфурӯш
Ба деҳ бурд анбони гандум ба дӯш.
Нигаҳ кард, мӯре дар он ғалла дид,
Ки саргашта ҳар гӯшае медавид.
Зи раҳмат бар ӯ шаб наёраст хуфт,
Ба маъвои худ бозаш оварду гуфт:
«Мурувват набошад, ки ин мӯри реш
Пароканда гардонам аз ҷои хеш».
Даруни парокандагон ҷамъ дор,
Ки ҷамъийятат бошад аз рӯзгор.

---

[1] Ҳонут – дукон.

Чӣ хуш гуфт Фирдавсии покзод,
Ки раҳмат бар он турбати пок бод:
«Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст».
Сияҳандарун бошаду сангдил,
Ки хоҳад, ки мӯре шавад тангдил.
Мазан бар сари нотавон дасти зӯр,
Ки рӯзе ба пояш дарафтӣ чу мӯр.
Даруни фурӯмондагон шод кун,
Зи рӯзи фурӯмондагон ёд кун.
Набахшуд бар ҳоли парвона шамъ,
Нигаҳ кун, ки чун сӯхт дар пеши ҷамъ.
Гирифтам, зи ту нотавонтар басест,
Тавонотар аз ту ҳам охир касест.

***

Бибахш, эй писар, к- одамизода сайд
Ба эҳсон тавон карду вахшӣ ба қайд.
Адӯро ба алтоф[1] гардан бибанд,
Ки натвон буридан ба теғ ин каманд.
Чу душман карам бинаду лутфу ҷуд,
Наёяд дигар хубс[2] аз ӯ дар вуҷуд.
Макун бад, ки бад бинӣ аз ёри нек,
Нарӯяд зи тухми бадӣ бори нек.
Чу бо дӯст душхор гирию танг,
Нахоҳад, ки бинад туро нақшу ранг.
В- агар хоҷа бо душманон некхӯст,
Басе барнаёяд, ки гарданд дӯст.

---

[1] Алтоф – ҷамъи лутф, меҳрубонӣ.
[2] Хубс – барӣ.

ҲИКОЯТ

Ба раҳ- бар яке пешам омад ҷавон,
Ба так дар паяш гӯсфанде давон.
Бад- ӯ гуфтам: «Ин ресмон асту банд,
Ки меояд андар паят гӯсфанд?»
Сабук тавқу занҷир аз ӯ боз кард,
Чапу рост пӯидан оғоз кард.
Ҳанӯз аз паяш тозиён медавид,
Ки ҷав хӯрда буд аз кафи марду хед.
Чу боз омад аз айшу шодӣ ба ҷой,
Маро диду гуфт: «Эй худованди рой,
На ин ресмон мебарад бо манаш,
Ки эҳсон камандест дар гарданаш.
Ба лутфе, ки дидаст, пили дамон
Наёрад ҳаме ҳамла бар пилбон».
Бадонро навозиш кун, эй некмард,
Ки саг пос дорад, чу нони ту х(в)ард.
Бар он мард кунд аст дандони юз[1],
Ки молад забон бар панираш ду рӯз.

ҲИКОЯТ

Яке рӯбаҳе дид бе дасту пой,
Фурӯ монд дар лутфу сунъи Худой.
Ки чун зиндагонӣ ба сар мебарад,
Бад-ин дасту пой аз куҷо мех(в)арад?
Дар ин буд дарвеши шӯридаранг,
Ки шере даромад, шағоле ба чанг.
Шағоли нигунбахтро шер хӯрд,
Бимонд он чӣ, рӯбоҳ аз он сер хӯрд.

---

[1] Юз – ҷонваре шабеҳи паланг

Дигар рӯз боз иттифоқ уфтод,
Ки рӯзирасон қути рӯзаш бидод.
Яқин мардро дида бинанда кард,
Шуду такя бар офаринанда кард.
К-аз ин пас ба кунҷе нишинам чу мӯр,
Ки рӯзӣ нахӯрданд пилон ба зӯр.
Занахдон фурӯ бурд чанде ба ҷайб,
Ки бахшанда рӯзӣ фиристад зи ғайб.
На бегона темор хӯрдаш, на дӯст,
Чу чангаш рагу устухон монду пӯст.
Чу сабраш намонд аз заифию ҳуш,
Зи девораш овозе омад ба гӯш:
«Бирав, шери дарранда бош, эй дағал,
Маяндоз худро чу рӯбоҳи шал.
Чунон саъй кун, к- аз ту монад чу шер,
Чӣ бошӣ чу рӯбаҳ ба вомонда сер?
Чу шер он киро гардане фарбеҳ аст,
Гар афтад чу рӯбаҳ, саг аз вай беҳ аст.
Ба чанг ору бо дигарон нӯш кун,
На бар фузлаи дигарон гӯш кун.
Бихӯр, то тавонӣ, ба бозуи хеш,
Ки саъят бувад дар тарозуи хеш.
Чу мардон бибар ранҷу роҳат расон,
Муханнас хурад дастранҷи касон.
Бигир, эй ҷавон, дасти дарвеши пир,
На худро бияфкан, ки дастам бигир.
Худоро бар он банда бахшоиш аст,
Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст.
Карам варзад он сар, ки мағзе дар ӯст,
Ки дунҳимматонанд бемағзу пӯст.
Касе нек бинад ба ҳар ду сарой,
Ки некӣ расонад ба халқи Худой.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки мардест покизабум,
Шиносову раҳрав дар ақсои Рум.
Ману чанд сайёҳи саҳронаворд
Бирафтем қосид ба дидори мард.
Сару чашми ҳар як бибӯсиду даст,
Ба тамкину иззат нишонду нишаст.
Зараш дидаму заръу шогирду рахт,
Вале бемурувват чу бебар дарахт.
Ба лутфу сухан гармрӯ мард буд,
Вале дегдонаш аҷаб сард буд.
Ҳама шаб набудаш қарору ҳуҷӯъ.[1]
Зи тасбеҳу таҳлилу моро зи ҷӯъ[2].
Саҳаргаҳ миён басту дар боз кард,
Ҳамон лутфу бӯсидан оғоз кард.
Яке буд, ки ширину хуштабъ буд,
Ки бо мо мусофир дар он рабъ[3] буд.
Маро бӯса, гуфто, ба тасҳиф[4] деҳ,
Ки дарвешро тӯша аз бӯса беҳ.
Ба хидмат манеҳ даст бар риши ман,
Маро нон деҳу кафш бар сар бизан.
Ба исор мардон сабақ бурдаанд,
На шабзиндадорони дилмурдаанд.
Ҳамин дидам аз посбони татор,
Дили мурдаву чашми шабзиндадор.
Каромат ҷавонмардию нондиҳист,
Мақолоти беҳуда табли тиҳист.

---

[1] Ҳуҷӯъ – хобидан.
[2] Ҷӯъ – гуруснагӣ.
[3] Рабъ – маҳал, манзил.
[4] Тасҳиф – тағйир додани шакли калимот бо дигар кунонидани ҷои нуқтаҳо.

Қиёмат касе бинӣ андар биҳишт,
Ки маънӣ талаб карду даъвӣ биҳишт.
Ба маънӣ тавон кард даъвӣ дуруст,
Дами беқадам такягоҳест суст.

ҲИКОЯТ

Шунидам дар айёми Ҳотам, ки буд
Ба хайл - андараш бодпое чу дуд.
Сабосуръате, раъдбонг адҳаме[1],
Ки бар барқ пешӣ гирифтӣ ҳаме.
Ба таг жола мерехт бар кӯҳу дашт,
Ту гуфтӣ, магар абри найсон гузашт?
Яке селрафтори ҳомуннаворд,
Ки бод аз паяш бозмондӣ чу гард.
Зи авсофи Ҳотам ба ҳар марзу бум
Бигуфтанд бархе ба султони Рум,
Ки ҳамтои ӯ дар карам мард нест,
Чу асбаш ба ҷавлону новард[2] нест.
Биёбоннаварде чу киштӣ бар об,
Ки болои сайраш напаррад уқоб.
Ба дастури доно чунин гуфт шоҳ,
Ки даъвӣ хиҷолат бувад бе гувоҳ.
Ман аз Ҳотам он асби тозинажод
Бихоҳам, гар ӯ макрамат[3] карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист,
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист.
Расуле ҳунарманду олим ба Тай,
Равон карду даҳ мард ҳамроҳи вай.

---

[1] Адҳам – асби сиёҳ.
[2] Новард – ҷанг.
[3] Макрамат – лутфу карам.

Замин мурдаву абр гирён бар ӯ,
Сабо карда бори дигар ҷон дар ӯ.
Ба манзилгаҳи Ҳотам омад фуруд,
Баросуд чун ташна бар Зиндарӯд.
Симоте[1] бияфканду асбе бикушт,
Ба доман шакар додашон, зар ба мушт.
Шаб он ҷо бибуданду рӯзи дигар
Бигуфт, он чӣ донист соҳибхабар.
Ҳамегуфт Ҳотам парешон чу маст,
Ба дандон зи ҳасрат ҳамеканд даст.
Ки, эй баҳравар мӯбади некном,
Чаро пеш аз инам нагуфтӣ паём?
Ман он бодрафтори дулдулшитоб,
Зи баҳри шумо дӯш кардам кабоб,
Ки донистам аз ҳавли борону сайл,
Нашояд шудан дар чарогоҳи хайл.
Ба навъе дигар рӯю роҳам набуд,
Ҷуз ӯ бар дари боргоҳам набуд.
Мурувват надидам дар оини хеш,
Ки меҳмон бихусбад дил аз фоқа реш.
Маро ном бояд дар иқлим фош,
Дигар маркаби номвар, гӯ, мабош.
Касонро дирам доду ташрифу асб,
Табиист ахлоқи некӯ, на касб.
Хабар шуд ба Рум аз ҷавонмарди Тай,
Ҳазор офарин гуфт бар табъи вай.
Зи Ҳотам бад- ин нукта розӣ машав,
Аз ин хубтар моҷарое шунав.

---

[1] Симот – суфра.

ҲИКОЯТ

Надонам, кӣ гуфт ин ҳикоят ба ман,
Ки будаст фармондиҳе дар Яман.
Зи номварон гӯи давлат рабуд,
Ки дар ганҷбахшӣ назираш набуд.
Тавон гуфт ӯро саҳоби карам,
Ки дасташ чу борон фишондӣ дирам.
Касе номи Ҳотам набурдӣ бараш,
Ки савдо нарафтӣ аз ӯ бар сараш,
Ки чанд аз мақолоти он бодсанҷ?
Ки на мулк дорад, на фармон, на ганҷ?
Шунидам, ки ҷашне мулукона сохт,
Чу чанг андар он базм халқе навохт.
Дари зикри Ҳотам касе боз кард,
Дигар кас сано гуфтан оғоз кард.
Ҳасад мардро бар сари кина дошт,
Якеро ба хун хӯрданаш баргумошт,
Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Нахоҳад ба некӣ шудан номи ман.
Балоҷӯй роҳи бани Тай гирифт,
Ба куштан ҷавонмардро пай гирифт.
Ҷавоне ба раҳ пешбоз омадаш,
К-аз ӯ бӯи унсе фароз омадаш.
Накӯрӯю донову ширинзабон,
Бари хеш бурд он шабаш меҳмон.
Карам карду ғам хӯрду пӯзиш намуд,
Бадандешро дил ба некӣ рабуд.
Ниҳодаш саҳар бӯса бар дасту пой,
Ки наздики мо чанд рӯзе бипой.
Бигуфто: «Наёрам шуд ин ҷо муқим,
Ки дар пеш дорам муҳимме азим».
Бигуфт: «Ар ниҳӣ бо ман андар миён,
Чу ёрони якдил бикӯшам ба ҷон».

Ба ман дор, гуфт, эй ҷавонмард, гӯш,
Ки донам ҷавонмардро пардапӯш:
Дар ин бум Ҳотам шиносӣ магар?
Ки фархундароясту некӯсияр?
Сараш подшоҳи Яман хостаст,
Надонам, чӣ кин дар миён хостаст?
Гарам раҳ намоӣ бад-он ҷо, ки ӯст,
Ҳамин чашм дорам зи лутфи ту, дӯст!
Бихандид барно, ки Ҳотам манам,
Сар инак ҷудо кун ба теғ аз танам.
Набояд, ки чун субҳ гардад сафед,
Газандат расад, ё шавӣ ноумед.
Чу Ҳотам ба озодагӣ сар ниҳод,
Ҷавонро баромад хурӯш аз ниҳод.
Ба хок-андар афтоду бар пой ҷаст,
Гаҳаш хок бӯсиду гаҳ пою даст.
Бияндохт шамшеру таркаш ниҳод,
Чу бечорагон даст бар каш ниҳод,
Ки ман гар гуле бар вуҷудат занам,
Ба наздики мардон на мардам, занам.
Ду чашмаш бибӯсиду дар бар гирифт,
В-аз он ҷо тариқи Яман баргирифт.
Малик дар миёни ду абрӯи мард
Бидонист ҳоле, ки коре накард.
Бигуфто: «Биё, то чӣ дорӣ хабар?
Чаро сар набастӣ ба фитрок-бар?
Магар бар ту номоваре ҳамла кард?
Наёвардӣ аз заъф тоби набард?»
Ҷавонмарди шотир замин бӯса дод,
Маликро сано гуфту тамкин ниҳод,
Ки дарёфтам Ҳотами номҷӯй,
Ҳунарманду хушманзару хубрӯй.
Ҷавонмарду соҳибхирад дидамаш,
Ба мардонагӣ фавқи х(в)ад дидамаш.

Маро бори лутфаш дуто кард пушт,
Ба шамшери эҳсону фазлам бикушт.
Бигуфт, он чӣ дид аз карамҳои вай,
Шаҳаншаҳ сано гуфт бар оли Тай.
Фиристодаро дод муҳрии[1] дирам,
Ки муҳр аст бар номи Ҳотам карам.
Мар ӯро сазад, гар гувоҳӣ диҳанд,
Ки маънию овозааш ҳамраҳанд.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Тай дар замони расул
Накарданд маншури имон қабул.
Фиристод лашкар баширу назир,
Гирифтанд аз эшон гурӯҳе асир.
Бифармуд куштан ба шамшери кин,
Ки нопок буданду нопокдин.
Зане гуфт: «Ман духтари Ҳотамам,
Бихоҳед аз ин номвар ҳокимам.
Карам кун ба ҷони ман, эй муҳтарам,
Ки мавлои ман буд аз аҳли карам».
Ба фармони пайғамбари некрой
Кушоданд занҷираш аз дасту пой.
Дар он қавми боқӣ ниҳоданд теғ,
Ки ронанд селоби хун бедареғ.
Ба зорӣ ба шамшерзан гуфт зан:
«Маро низ бо ҷумла гардан бизан!
Мурувват набинам раҳоӣ зи банд,
Ба танҳову ёронам андар каманд».
Ҳамегуфту гирён бар аҳволи Тай,
Ба самъи расул омад овози вай.
Бибахшуд он қавму дигар ато,
Ки ҳаргиз накард аслгавҳар хато.

---

[1] Мӯҳрӣ – кисаи сарбамӯҳри пур аз дирҳам.

ҲИКОЯТ

Зи бунгоҳи Ҳотам яке пирмард
Талаб даҳ дирамсанг фониз[1] кард.
Зи ровӣ чунон ёд дорам хабар,
Ки пешаш фиристод тунге шакар.
Зан аз хайма гуфт: «Ин чӣ тадбир буд,
Ҳамон даҳ дирам ҳоҷати пир буд?
Шунид ин сухан номбардори Тай,
Бихандиду гуфт: «Эй дилороми ҳай!
Гар ӯ дархури ҳоҷати хеш хост,
Ҷавонмардии оли Ҳотам куҷост?
Чу Ҳотам ба озодмардӣ дигар
Зи даврони гетӣ наёмад магар?

***

Абӯбакри Саъд, он ки дасти навол[2]
Ниҳад ҳимматаш бар даҳони суол.
Раиятпаноҳо, дилат шод бод,
Ба саъят мусулмонӣ обод бод.
Сар афрозад ин хоки фархундабум
Зи адлат ба иклими Юнону Рум.
Чу Ҳотам агар нестӣ, коми вай,
Набурдӣ кас андар ҷаҳон номи Тай.
Сано монд аз он номвар дар китоб,
Туро ҳам сано мондаву ҳам савоб,
Ки Ҳотам бад- он ному овоз хост,
Туро саъю ҷаҳд аз барои Худост.
Такаллуф бари марди дарвеш нест,
Васият ҳамин як сухан беш нест.
Ки чандон ки ҷаҳдат бувад, хайр кун,
Зи ту хайр монад, зи Саъдӣ сухун.

---

[1] Фониз – ҳалво.
[2] Навол – атову бахшиш.

ҲИКОЯТ

Якеро харе дар гил афтода буд,
Зи савдош хун дар дил афтода буд.
Биёбону борону сармову сайл
Фурӯхишта зулмат бар офоқ зайл[1].
Ҳама шаб дар ин ғусса то бомдод
Сақат гуфту нафрину дашном дод.
На душман бираст аз забонаш, на дӯст,
На султон, ки ин буму бар з-они ӯст.
Қазоро худованди он паҳндашт
Дар он ҳоли мункар бар ӯ баргузашт.
Шунид ин суханҳои дур аз савоб,
На сабри шунидан, на рӯи ҷавоб.
Малик шармгин дар ҳашам бингарист,
Ки савдои ин бар ман аз баҳри чист?
Яке гуфт: «Шоҳо, ба теғаш бизан,
Ки нагзошт касро на марду на зан».
Нигаҳ кард султони олимаҳал,
Худаш дар бало диду хар дар ваҳал.
Бибахшуд дар ҳоли мискини мард,
Фурӯ хӯрд хашми суханҳои сард.
Зараш доду асбу қабо, пӯстин,
Чӣ некӯ бувад меҳр дар вақти кин!
Яке гуфташ: «Эй пири беақлу ҳуш,
Аҷаб растӣ аз қатл!» Гуфто: «Хамӯш,
Агар ман бинолидам аз дарди хеш,
Вай инъом фармуд дарх(в)арди хеш.
Бадиро бадӣ саҳл бошад ҷазо,
Агар мардӣ, «аҳсин ило ман асо».

---

[1] Зайл – доман.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки мағруре аз кибр маст,
Дари хона бар рӯи соил[1] бибаст.
Ба кунҷе фурӯ монду биншаст мард,
Ҷигар гарму оҳ аз тафи сина сард.
Шунидаш яке марди пӯшидачашм,
Бипурсидаш аз мӯҷиби кину хашм.
Фурӯ гуфту бигрист бар хоки кӯй,
Ҷафое, к-аз он шахсаш омад ба рӯй.
Бигуфт: Эй фалон, тарки озор кун,
Як имшаб ба назди ман ифтор кун».
Ба хулқу фиребаш гиребон кашид,
Ба хона даровардашу хон кашид.
Баросуд дарвеши равшанниҳод,
Бигуфт: «Эзадат равшаной диҳод!»
Шаб аз аз наргисаш қатра чанде чакид,
Саҳар дида баркарду дунё бидид.
Ҳикоят ба шаҳр - андар афтоду ҷӯш,
Ки бедидае дида баркарда дӯш.
Шунид ин сухан хоҷаи сангдил,
Ки баргашт дарвеш аз ӯ тангдил.
Бигуфто: «Ҳикоят кун, эй некбахт,
Ки чун саҳл шуд бар ту ин кори сахт?
Кӣ баркардат ин шамъи гетифурӯз?»
Бигуфт: «Эй ситамгори ошуфтарӯз!
Ту кӯтаҳназар будию сустрой,
Ки машғул гаштӣ ба ҷуғд аз ҳумой.

---

[1] Соил – дарёзагар, садақахоҳ.

Ба рӯи ман ин дар касе кард боз,
Ки кардӣ ту бар рӯи вай дар фароз.
Агар бӯса бар хоки мардон занӣ,
Ба мардӣ, ки пеш оядат равшанӣ.
Касоне, ки пӯшида чашми диланд,
Ҳамоно, к- аз ин тӯтиё ғофиланд».
Чу баргаштадавлат маломат шунид,
Сарангушти ҳайрат ба дандон газид,
Ки шаҳбози ман сайди доми ту шуд,
Маро буд давлат, ба номи ту шуд.
Касе чун ба даст оварад чуррабоз,
Фурӯ бурда чун муш дандони оз?

***

Ало, гар талабгори аҳли дилӣ,
Зи хидмат макун як замон ғофилӣ.
Хуриш деҳ ба гунҷишку кабку ҳамом[1],
Ки як рӯзат афтад ҳумое ба дом.
Чу ҳар гӯша тири ниёз афканӣ,
Умед аст, ногаҳ ки сайде занӣ.
Дуре ҳам барояд зи чандин садаф,
Зи сад чӯба ояд яке бар ҳадаф.

ҲИКОЯТ

Якеро писар гум шуд аз роҳила,
Шабонгаҳ бигардид дар қофила.
Зи ҳар хайма пурсиду ҳар сӯ шитофт,
Ба торикӣ он равшаноӣ биёфт.

---

[1] Ҳамом – кабӯтар.

Чу омад бари мардуми корвон,
Шунидам, ки мегуфт бар сорвон:
«Надонӣ, ки чун роҳ бурдам ба дӯст?
Ҳар он кас ки пеш омадам, гуфтам, ӯст».
Аз он аҳли дил дар пайи ҳар касанд,
Ки бошад, ки рӯзе ба марде расанд.
Баранд аз барои диле борҳо,
Хуранд аз барои гуле хорҳо.

ҲИКОЯТ

Зи тоҷи маликзодае дар мунох[1]
Шабе лаъле афтод дар санглох.
Падар гуфташ: «Андар шаби тирарант
Чӣ донӣ, ки гавҳар кадом асту санг?»
Ҳама сангҳо пос дор, эй писар,
Ки лаъл аз миёнаш набошад бадар.
Дар ӯ бош, покони шӯридаранг
Ҳамон ҷои торику лаъланду санг.
Чу покизанафсону соҳибдилон
Баромехтандӣ або ҷоҳилон,
Ба рағбат бикаш бори ҳар ҷоҳиле,
Ки афтӣ ба сарвақти соҳибдиле.
Касеро, ки бо дӯстӣ сар х(в)аш аст,
Набинӣ, ки чун бори душманкаш аст.
Надаррад чу гул ҷома аз дасти хор,
Ки хун дар дил афтода, хандад чу нор.
Ғами ҷумла хур дар ҳавои яке,
Муроoти сад кун барои яке.
Гарат хокипоёни шӯридасар
Ҳақиру фақир ояд андар назар,

---

[1] Мунох - маҳалли хобонидани шутурон.

Ба мардӣ, к- аз эшон бадар нест он,
Ба хидмат камар бандашон дар миён.
Ту ҳаргиз мабиншон ба чашми писанд,
Ки эшон писандидаи Ҳақ басанд.
Касеро, ки наздик заннат бад-ӯст,
Чӣ донӣ, ки соҳибвилоят х(в)ад ӯст?

***

Дари маърифат бар касонест боз,
Ки дарҳост бар рӯи эшон фароз.
Басо талхайшони талхичашон,
Ки оянд дар ҳулла[1] доманкашон.
Бибӯсӣ, гарат ақлу тадбир ҳаст,
Маликзодаро дар навохона даст,
Ки рӯзе бурун ояд аз шаҳрбанд,
Баландит бахшад, чу гардад баланд.
Масӯзон дарахти гул андар хариф[2],
Ки дар навбаҳорат намояд зариф.

ҲИКОЯТ

Яке заҳраи харҷ кардан надошт,
Зараш буду ёрои х(в)ардан надошт.
На хӯрдӣ, ки хотир баросоядаш,
На додӣ, ки фардо ба кор оядаш.
Шабу рӯз дар банди зар буду сим,
Зару сим дар банди марди лаим.
Бидонист рӯзе писар дар камин,
Ки мумсик кучо карда зар дар замин.
Зи хокаш бароварду бар бод дод,
Шунидам, ки санге дар он ҷо ниҳод.

---

[1] Ҳулла – либоси фохир.
[2] Хариф – тирамоҳ.

Ҷавонмардро зар бакое намард.
Ба як дасташ омад, ба дигар бих(в)ард,
К-аз ин камзане буд нопокрав,
Кулоҳаш ба бозору майзар[1] гарав.
Ниҳода падар чанг дар нойи хеш,
Писар чангию ной оварда пеш.
Падар зору гирён ҳама шаб нахуфт,
Писар бомдодон бихандиду гуфт:
«Зар аз бахри хӯрдан бувад, эй падар,
Зи бахри ниҳодан чӣ сангу чӣ зар.
Зар аз санги хоро бурун оваранд,
Ки бо дӯстону азизон х(в)аранд».
Зар андар кафи марди дунёпараст
Ҳанӯз, эй бародар, ба санг андар аст.
Чу дар зиндагонӣ будӣ бо иёл,
Гарат марг хоҳанд, аз эшон манол.
Чу хашм орӣ, он гаҳ хуранд аз ту сер,
Ки аз бом панҷаҳ газ афтӣ ба зер.
Бахили тавонгар ба динору сим
Тилисмест болои ганҷе муқим.
Аз он солҳо мебимонад зараш,
Ки гардад тилисме чунин бар сараш.
Ба санги аҷал ногаҳаш бишкананд,
Ба осудагӣ ганҷ қисмат кунанд.
Пас аз бурдану гирд кардан чу мӯр
Бихур пеш аз он, к-ат хурад кирми гӯр.
Суханҳои Саъдӣ мисол асту панд,
Ба кор оядат, гар шавӣ корбанд.
Дареғ аст, аз ин рӯй бартофтан,
К-аз ин рӯй давлат тавон ёфтан.

---

[1] Майзар – либоси зер.

ҲИКОЯТ

Ҷавоне ба донге карам карда буд,
Таманнои пире баровардa буд.
Ба ҷурме гирифт осмон ногаҳаш,
Фиристод султон ба куштангаҳаш.
Такопӯи туркону гавғои ом
Тамошокунон бар дару кӯю бом,
Чу дид андар ошӯб дарвеши пир
Ҷавонро ба дасти халоиқ асир,
Дилаш бар ҷавонмарди мискин бихаст,
Ки боре дил оварда будаш ба даст.
Баровард зорӣ, ки султон бимурд,
Ҷаҳон монду хӯи писандида бурд.
Ба ҳамбар ҳамесуд дасти дареғ,
Шуниданд туркони оҳихтатеғ[1].
Ба фарёд аз эшон баромад хурӯш,
Тапончазанон бар сару рӯю дӯш.
Пиёда ба сар то дари боргоҳ
Давиданду бар тахт диданд шоҳ.
Ҷавон аз миён рафту бурданд пир,
Ба гардан бари тахти султон асир.
Ба ҳавлаш бипурсиду ҳайбат намуд,
Ки марги манат хостан бар чӣ буд?
Чу нек аст хӯи ману ростӣ,
Бади мардум охир чаро хостӣ?
Баровард пири диловар забон,
Ки, эй ҳалқадаргӯши ҳукмат ҷаҳон!
Ба қавли дурӯғе, ки султон бимурд,
Намурдию бечорае ҷон бибурд.
Малик з-ин ҳикоят чунон баршукуфт,
Ки чизаш бибахшуду чизе нагуфт.

---

[1] Оҳехта – баркашида.

В-аз ин ҷониб афтону хезон ҷавон
Ҳамерафт бечора ҳар сӯ давон.
Яке гуфташ аз чорсӯи қасос:
«Чӣ кардӣ, ки омад ба ҷонат халос?»
Ба гӯшаш фурӯ гуфт, к-эй ҳушманд,
Ба ҷоне зи донге раҳидам зи банд».
Яке тухм дар хок аз он мениҳад.
Ки рӯзи фурӯмондагӣ бар диҳад.
Ҷаве боздорад балое дурушт,
Асое, шунидӣ, ки Авҷе бикушт?
Ҳадиси дуруст охир аз Мустафост:
Ки бахшоишу хайр дафъи балост.
Адӯро набинӣ дар ин буқъа пой,
Ки Бӯбакри Саъд аст кишвархудой.
Бигир, эй ҷаҳоне ба рӯи ту шод,
Ҷаҳоне, ки шодӣ бар рӯи ту бод.
Кас аз кас ба даври ту боре набурд,
Гуле дар чаман ҷаври хоре набурд.
Туӣ сояи лутфи ҳақ бар замин,
Паямбарсифат раҳмат-ул-оламин.
Туро қадр агар кас надонад, чӣ ғам?
Шаби қадрро менадонанд ҳам.

ҲИКОЯТ

Касе дид саҳрои маҳшар ба хоб,
Миси тафта рӯи замин з-офтоб.
Ҳаме бар фалак шуд зи мардум хурӯш,
Димоғ аз тапиш мебаромад ба ҷӯш.
Яке шахе аз ин ҷумла дар сояе
Ба гардан-бар аз хулд пирояе,
Бипурсид, к-эй маҷлисорой мард!
Кӣ буд андар ин маҷлисат поймард?»

Разе доштам бар дари хона, - гуфт, -
Ба соя-дараш некмарде бихуфт.
Дар ин вақти навмедӣ он марди рост
Гуноҳам зи додори довар бихост,
Ки ё Раб, бар ин банда бахшоише,
К-аз ӯ дидаам вақте осоише.
Чӣ гуфтам, чу ҳал кардам ин розро,
Башорат худованди Шерозро,
Ки ҷумҳӯр дар сояи ҳимматаш
Муқиманду бар суфраи неъматаш.
Дарахтест марди карам бордор,
В-аз ӯ бигзарӣ, ҳезуми кӯҳсор.
Ҳатабро[1] агар теша бар пай зананд,
Дарахти барӯмандро кай зананд?
Басе пой дор, эй дарахти ҳунар,
Ки ҳам мева дорию ҳам соявар.

***

Бигуфтем дар боби эҳсон басе,
Валекин на шарт аст бо ҳар касе.
Бихур мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол.
Якеро, ки бо хоҷаи туст ҷанг,
Ба дасташ чаро медиҳӣ чӯбу санг?
Барандоз бехе, ки хор оварад,
Дарахте бипарвар, ки бор оварад.
Касеро бидеҳ пояи меҳтарон,
Ки бар кеҳтарон сар надорад гарон.
Мабахшой, бар ҳар куҷо золимест,
Ки раҳмат бар ӯ, ҷавр бар олимест.

---

[1] Ҳатаб – ҳезум.

Ҷаҳонсӯзро кушта беҳтар чароғ,
Яке беҳ дар оташ, ки халқе ба доғ.
Ҳар он кас, ки бар дузд раҳмат кунад,
Ба бозуи худ корвон мезанад.
Ҷафопешагонро бидеҳ сар ба бод,
Ситам бар ситампеша адл асту дод.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки марде ғами хона х(в)ард,
Ки занбӯр бар сақфи ӯ лона кард.
Занаш гуфт: «Аз инон чӣ хоҳӣ, макан,
Ки мискин парешон шаванд аз ватан».
Бишуд марди нодон паси кори хеш,
Гирифтанд як рӯз занро ба неш.
Зани бехирад бар дару бому кӯй
Ҳамекард фарёду мегуфт: «Шӯй!»
Макун рӯй бар мардум, эй зан, туруш,
Ту гуфтӣ, ки занбӯри мискин макуш.
Касе бо бадон некуӣ чун кунад,
Бадонро таҳаммул бад афзун кунад.
Чу андар саре бинӣ озори халқ,
Ба шамшери тезаш биёзор ҳалқ.
Саг, охир, кӣ бошад, ки хонаш ниҳанд?
Бифармой, то устухонаш диҳанд.
Чӣ некӯ задаст ин масал пири деҳ:
«Сутури лагадзан гаронбор беҳ!»
Агар некмардӣ намояд асас,
Наёрад ба шаб хуфтан аз дузд кас.
Наю найза дар ҳалқаи корзор
Бақиматтар аз найшакар сад ҳазор.
На ҳар кас сазовор бошад ба мол,
Яке мол хоҳад, яке гӯшмол.

Чу гурба навозӣ, кабӯтар барад,
Чу фарбеҳ кунӣ гург, Юсуф дарад.
Биное, ки муҳкам надорад асос,
Баландаш макун, гар кунӣ, з-ӯ ҳарос..

***

Чӣ хуш гуфт Баҳроми саҳронишин,
Чу якрони тавсан задаш бар замин:
Дигар асбе аз галла бояд гирифт,
Ки гар сар кашад, боз шояд гирифт.
Ба банд, эй писар, Даҷла дар об кост,
Ки суде надорад, чу селоб хост.
Чу гурги хабис омадат дар каманд,
Бикуш, в-арна дил баркан аз гӯсфанд.
Аз Иблис ҳаргиз наёяд суҷуд,
На аз бадгуҳар некуӣ дар вуҷуд.
Бадандешро ҷоҳу фурсат мадеҳ,
Адӯ дар чаҳу дев дар шиша беҳ.
Магӯ, шояд ин мор куштан ба чӯб,
Чу сар зери санги ту дорад, бикӯб,
Қаламзан, ки бад кард бо зердаст,
Қалам беҳтар ӯро ба шамшер даст.
Мудаббир, ки қонуни бад мениҳад,
Туро мебарад, то ба дӯзах диҳад.
Магӯ, мулкро ин мудаббир бас аст,
Мудаббир махонаш, музаввир кас аст.
Саъид оварад қавли Саъдӣ ба ҷой,
Ки тартиби мулк асту тадбири рой.

БОБИ СЕВУМ

ДАР ИШҚУ МАСТИЮ ШӮР

Хушо вақти шӯридагони ғамаш,
Агар захм бинанду гар марҳамаш.
Гадоёне аз подшоҳӣ нафур[1],
Ба уммед андар гадоӣ сабур.
Дамодам шароби алам даркашанд,
В-агар талх бинанд, дам даркашанд.
Балои хумор аст дар айши мул,
Силаҳдор хор аст бо шохи гул.
На талх аст сабре, ки бар ёди ӯст,
Ки талхӣ шакар бошад аз дасти дӯст.
Маломаткашонанд мастони ёр,
Сабуктар барад уштури маст бор.
Асираш нахоҳад раҳоӣ зи банд,
Шикораш начӯяд халос аз каманд.
Салотини узлат, гадоёни ҳай,
Манозилшиносони гумкардапай,
Ба сарвақташон халқ раҳ кай баранд,
Ки чун оби ҳайвон ба зулмат-даранд?
Чу Байтулмуқаддас-дарун пурқибоб[2]
Раҳо карда девори берун хароб.
Чу парвона оташ ба худ дарзананд,
На чун кирми пила ба худ барғананд.
Дилором дар бар дилоромҷӯй,
Лаб аз ташнагӣ хушк бар тарфи ҷӯй.
Нагӯям, ки бар об қодир наянд,
Ки бар шотии[3] Нил мустасқиянд.

---

[1] Нафур – гурезанда, раманда.
[2] Қибоб – қубба.
[3] Шотӣ – соҳил.

***

Туро ишқи ҳамчун худе з-обу гил
Рабояд ҳаме сабру ороми дил.
Ба бедорияш фитна бар хадду[1] хол,
Ба хоб-андараш пойбанди хаёл.
Ба сидқаш чунон сарниҳӣ дар қадам,
Ки бинӣ ҷаҳон бо вуҷудаш адам.
Чу дар чашми шоҳид наёяд зарат,
Зару хок яксон намояд барат.
Дигар бо касат дарнаёяд нафас.
Ки бо ӯ намонад дигар ҷои кас.
Ту гӯӣ, ба чашм-андараш манзил аст,
В-агар дида бар ҳам ниҳӣ, дар дил аст.
На андеша аз кас, ки расво шавӣ,
На қувват, ки як дам шикебо шавӣ,
Гарат ҷон бихоҳад, ба лаб барниҳӣ,
В-арат теғ бар сар ниҳад, сар ниҳӣ.
Чу ишқе, ки бунёни он бар ҳавост,
Чунин фитнаангезу фармонравост,
Аҷаб дорам аз соликони тариқ,
Ки бошанд дар баҳри маънӣ ғариқ.
Ба савдои ҷонон зи ҷон муштағил,
Ба зикри ҳабиб аз ҷаҳон муштағил.
Ба ёди Ҳақ аз халқ бигрехта,
Чунон масти соқӣ, ки май рехта.
Нашояд ба дору даво кардашон,
Ки кас муттали нест бар дардашон.
Аласт аз азал ҳамчунон шон ба гӯш,
Ба фарёди «қолу бало» дар хурӯш.
Гурӯҳе амалдори узлатнишин,
Қадамҳои хокӣ, дами оташин.

---

[1] Хад – рухсора, гуна.

Ба як наъра кӯҳе зи ҷо баркананд,
Ба як нола шаҳре ба ҳам барзананд.
Чу боданд пинҳону чолокпӯй,
Чу сангаид хомӯшу тасбеҳгӯй.
Саҳарҳо бигирянд чандон, ки об
Фурӯ шӯяд аз дидашон куҳли[1] хоб.
Фарас кушта, азбаски шаб рондаанд,
Саҳаргаҳ хурӯшон, ки вомондаанд.
Шабу рӯз дар баҳри савдову сӯз,
Надонанд аз ошуфтагӣ шаб зи рӯз.
Чунон фитна бар ҳусни суратнигор,
Ки бо ҳусни сурат надоранд кор.
Надоданд соҳибдилон дил ба пӯст
В-агар аблаҳе дод, бемағз ӯст.
Майи сирфи ваҳдат касе нӯш кард,
Ки дунёву уқбо фаромӯш кард.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки вақте гадозодае
Назар дошт бо подшозодае.
Ҳамерафту мепухт савдои хом,
Хаёлаш фурӯ бурда дандон ба ком.
Зи майдон-ш холӣ набудӣ чу мил,
Ҳама вақт паҳлӯи асбаш чу пил.
Дилаш хун шуду роз дар дил бимонд,
Вале пояш аз гиря дар гил бимонд.
Рақибон хабар ёфтандаш зи дард,
Дигарбора гуфтандаш: «Ин ҷо магард!»
Даме рафту ёд омадаш рӯи дӯст,
Дигар хайма зад бар сари кӯи дӯст.

[1] Кӯҳл – сурма.

Ғуломе шикасташ сару дасту пой,
Ки боре нагуфтемат, эдар мапой?
Дигар рафту сабру қарораш набуд,
Шикебой аз рӯи ёраш набуд.
Магасвораш аз пеши шаккар ба ҷавр
Биронданди ю бозгаштӣ ба фавр.
Касе гуфташ: «Эй шӯхи девонаранг,
Аҷаб сабр дорӣ ту бар чӯбу санг?»
Бигуфт: «Ин ҷафо бар ман аз дасти ӯст,
На шарт аст нолидан аз дасти дӯст.
Ман инак дами дӯстӣ мезанам.
Гар ӯ дӯст дорад в-агар душманам.
Зи ман сабр бе ӯ таваққуъ мадор,
Ки бо ӯ ҳам имкон надорад қарор.
На нерӯи сабрам, на ҷои ситез,
На имкони будан, на пои гурез.
Магӯ: з-ин дари боргаҳ сар битоб,
В-агар сар чу меҳам ниҳад дар таноб.
На парвона ҷон дода дар пои дӯст?
Беҳ аз зинда дар кунҷи торик ӯст.
Бигуфт: «Ар хурӣ захми чавгони ӯй?»
Бигуфто: «Ба пояш дарафтам чу гӯй».
Бигуфто: «Сарат гар бибуррад ба теғ?»
Бигуфт: «Ин қадар набвад аз вай дарег.
Маро худ зи сар нест чандон хабар,
Ки тоҷ аст бар торакам, ё табар.
Макун бо мани ношикебо итеб,
Ки дар ишқ сурат набандад шикеб[1].
Чу Яъқубам ар дида ғардад сафед,
Набуррам зи дидори Юсуф умед.
Якеро, ки сар хуш бувад бо яке,
Наёзорад аз вай ба ҳар андаке».

---

[1] Шикеб – сабр.

Рикобаш бибӯсид рӯзе ҷавон,
Барошуфту бартофт аз вай инон.
Бихандиду гуфто: «Инон бармапеч,
Ки султон инон барнапечад зи ҳеч».
Маро бо вуҷуди ту ҳастӣ намонд,
Ба ёди туам худпарастӣ намонд.
Гарам ҷурм бинӣ, макун айби ман,
Туӣ сар бароварда аз ҷайби ман.
Бад-он заҳра дастат задам дар рикоб,
Ки худро наёвардам андар ҳисоб.
Кашидам қалам бар сари номи хеш,
Ниҳодам қадам бар сари коми хеш.
Маро худ кушад тири он чашми маст,
Чӣ ҳоҷат, ки орӣ ба шамшер даст?
Ту оташ ба най дарзану даргузар,
Ки на хушк дар беша монад, на тар.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки бар лаҳни хунёгаре
Ба рақс-андар омад парипайкаре.
Зи дилҳои шӯрида пироманаш
Гирифт оташи шамъ дар доманаш.
Парокандахотир шуду дарднок,
Яке гуфташ: «Аз дӯстдорон чӣ бок?
Туро оташ, эй дӯст, доман бисӯхт,
Маро худ ба якбора хирман бисӯхт.
Агар ёрӣ, аз хештан дам мазан,
Ки ширк аст бо ёру бо хештан».

ҲИКОЯТ

Чунин дорам аз пири донанда ёд,
Ки шӯридае сар ба саҳро ниҳод.
Падар дар фироқаш на хӯрду на хуфт,
Писарро маломат бикарданду гуфт:
«Аз он гаҳ ки ёрам каси хеш хонд,
Дигар бо касам ошноӣ намонд.
Ба ҳаққаш, ки то ҳақ ҷамолам намуд,
Дигар ҳар чӣ дидам, хаёлам намуд».
Нашуд гум, ки рӯй аз халоиқ битофт,
Ки гумкардаи хешро бозёфт.
Парокандагонанд зери фалак,
Ки ҳам дад тавон хондашон, ҳам малак.
Зи ёди малик чун малак н-ораманд,
Шабу рӯз чун дад зи мардум раманд.
Қавибозувонанду кӯтоҳдаст,
Хирадманду шайдову ҳушёру маст.
Гаҳ осуда дар гӯшае хирқадӯз,
Гаҳ ошуфта дар маҷлисе хирқасӯз,
На савдои худшон, на парвои кас,
На дар кунҷи тавҳидашон ҷои кас.
Парешидааклу парокандаҳуш,
Зи қавли насиҳатгар оганда гӯш.
Ба дарё нахоҳад шудан бат ғариқ,
Самандар[1] чӣ донад азоби ҳариқ?
Тиҳидаст мардони пурҳавсала,
Биёбоннавардони беқофила,
Азизони пӯшида аз чашми халқ,
На зуннордорони пӯшидадалқ,
Надоранд чашм аз халоиқ писанд,
Ки эшон писандидаи Ҳақ басанд.

---

[1] Самандар – мурғе, ки дар оташ зияд.

Пур аз меваву соявар чун разанд,
На чун мо сияҳкору азрақразанд.
Ба худ сар фурӯ бурда ҳамчун садаф,
На монанди дарё бароварда каф.
На мардум ҳамин устухонанду пӯст,
На ҳар сурате ҷони маънӣ дар ӯст.
На султон харидори ҳар бандаест,
На дар зери ҳар жандае зиндаест.
Агар жола ҳар қатрае дур шудӣ,
Чу хармуҳра бозор аз ӯ пур шудӣ.
Чу хоре ба худ барнабананд пой,
Ки муҳкам равад пои ҷӯбин зи ҷой.
Ҳарифони хилватсарои аласт
Ба як ҷуръа то нафхаи сур маст.
Ба теғ аз ғараз барнагиранд чанг,
Ки парҳезу ишқ обгина-сту санг.

ҲИКОЯТ

Яке шоҳиде дар Самарқанд дошт,
Ки гӯӣ ба ҷои самар қанд дошт.
Ҷамоле ғарав бурда аз офтоб,
Зи шӯхиш бунёди тақво хароб.
Таолаллаҳ аз ҳусн то ғояте,
Ки пиндорӣ аз раҳмат аст ояте.
Ҳамерафтию дидаҳо дар пайяш,
Дили дӯстон карда ҷон бар хаяш.
Назар кардӣ он дӯст дар вай ниҳуфт,
Нигаҳ кард боре ба тундию гуфт,
Ки, эй хирасар, чанд пӯӣ паям?
Надонӣ, ки ман мурғи домат наям?
Гарат бори дигар бибинам, ба теғ
Чу душман бибуррам сарат бедареғ!

Касе гуфташ: «Акнун сари хеш гир,
Аз ин саҳлтар матлабе пеш гир.
Напиндорам, ин ком ҳосил кунӣ,
Мабодо, ки ҷон дар сари дил кунӣ».
Чу мафтуни содиқ маломат шунид,
Ба дард аз дарун нолае баркашид,
Ки бигзор, то захми теғи ҳалок
Биғалтонадам лоша дар хуну хок!
Магар пеши душман бигӯянду дӯст,
Ки ин куштаи дасту шамшери ӯст.
Намебинам аз хоки кӯяш гурез,
Ба бедод, гӯ, обрӯям бирез.
Маро тавба фармоӣ, эй худпараст,
Туро тавба з-ин гуфта авлотар аст.
Бибахшой бар ман, ки ҳар ч-ӯ кунад,
В-агар қасди хун аст, некӯ кунад
Бисӯзонадам ҳар шабе оташаш,
Саҳар зинда гардам ба бӯи х(в)ашаш.
Агар мирам имрӯз дар кӯи дӯст,
Қиёмат занам хайма паҳлӯи дӯст.
Мадеҳ, то тавонӣ, дар ин ҷанг пушт,
Ки зинда-ст, Саъдӣ, ки ишқаш бикушт.
Яке ташна мегуфту ҷон месупурд,
Хунук некбахте, ки дар об мурд.
Бад-ӯ гуфт ноболиғе, к-эй аҷаб,
Чу мурдӣ, чи серобу чи хушклаб!
Бигуфто: «На охир даҳон тар кунам,
Ки то ҷони ширин-ш дар сар кунам?
Фитад ташна дар обдони амиқ,
Ки донад, ки сероб мирад ғариқ,
Агар ошиқӣ, домани ӯ бигир,
В-агар гӯядат: «Ҷон бидеҳ!» Гӯ: «Бигир!»

Биҳишти таносонӣ он гаҳ х(в)арӣ,
Ки бар дӯзахи нестӣ бигзарӣ.
Дили тухмкорон бувад ранҷкаш.
Чу хирман бароянд, бихусбанд х(в)аш.
Дар ин маҷлис он кас ба коме расид,
Ки дар даври охир ба ҷоме расид.

ҲИКОЯТ

Чунин нақл дорам зи мардони роҳ,
Фақирони мунъим, гадоёни шоҳ,
Ки пире ба дарюза шуд бомдод,
Дари масҷиде диду овоз дод.
Яке гуфташ: «Ин хонаи халқ нест,
Ки чизе диҳандат ба шӯхӣ, маист».
Бад-ӯ гуфт: «Ин хонаи кист пас,
Ки бахшоишаш нест бар ҳоли кас?»
Бигуфто: «Хамӯш, ин чӣ лафзи хатост?
Худованди хона худованди мост!»
Нигаҳ кард, қандилу меҳроб дид,
Ба сӯз аз ҷигар наърае баркашид,
Ки ҳайф аст аз ин ҷо фаротар шудан,
Дарег аст маҳрум аз ин дар шудан.
Нарафтам ба маҳрумӣ аз ҳеч кӯй,
Чаро аз дари Ҳақ шавам зардрӯй?
Ҳам ин ҷо кунам дасти хоҳиш дароз,
Ки донам, нагардам тиҳидаст боз.
Шунидам, ки соле муҷовир нишаст
Чу фарёдхоҳон бароварда даст.
Шабе пои умраш фурӯ шуд ба гил,
Тапидан гирифт аз заифиш дил.
Саҳар бурд шахсе чароғе ба сар,
Рамақ дид аз ӯ чун чароғи саҳар.

Ҳамегуфт ғулғулкунон аз фараҳ.
Ва ман даққа бобалкарим анфатаҳ.
Талабгор бояд сабуру ҳамул[1],
Ки нашнидаам кимиёгар малул.
Чӣ зарҳо ба хоки сияҳ даркунад,
Ки бошад, ки рӯзе мисе зар кунад.
Зар аз баҳри чизе харидан накӯст,
Нахоҳӣ харидан беҳ аз нози дӯст.
Гар аз дилбаре дил ба танг оядат,
Дигар ғамгусоре ба чанг оядат.
Мабар талхайшӣ зи рӯи туруш,
Ба оби дигар оташаш бозкуш.
Вале гар ба хубӣ надорад назир,
Ба андак дилозор таркаш магир.
Тавон аз касе дил бипардохтан,
Ки донӣ, ки бе ӯ тавон сохтан.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки пире шабе зинда дошт,
Саҳар дасти ҳоҷат ба Ҳақ барфарошт.
Яке ҳотиф андохт дар гӯши пир,
Ки беҳосилӣ, рав, сари хеш гир!
Бар ин дар дуои ту мақбул нест,
Ба хорӣ бирав, ё ба зорӣ биист.
Шаби дигар аз зикру тоат нахуфт,
Муриде зи ҳолаш хабар ёфт, гуфт:
«Чу дидӣ, к-аз он рӯй бастаст дар,
Ба беҳосилӣ саъй чандин мабар».
Ба дебоча – бар ашки ёқутфом
Ба ҳасрат бибориду гуфт: «Эй ғулом,
Ба навмедӣ он гаҳ бигардидаме
Аз ин раҳ, ки роҳе дигар дидаме.

---

[1] Ҳамул – ботаҳаммул, босабр.

Мапиндор, ғар вай инон баршикаст,
Ки ман боздорам зи фитрок даст.
Чу хоҳанда маҳрум гашт аз даре,
Чӣ ғам, гар шиносад дари дигаре?
Шунидам, ки роҳам дар ин кӯй нест,
Вале ҳеч роҳи дигар рӯй нест».
Дар ин буд сар дар замини фидо,
Ки гуфтанд дар гӯши ҷонаш нидо:
«Қабул аст, агарчи ҳунар несташ,
Ки ҷуз мо паноҳе дигар несташ».
Яке дар Нишопур, донӣ, чӣ гуфт,
Чу фарзандаш аз фарзи хуфтан бихуфт:
«Таваққуъ мадор, эй писар, гар касӣ,
Ки бе саъй ҳаргиз ба ҷое расӣ?»
Сумайлон[1] чу бар менагирад қадам,
Вуҷудест беманфиат чун адам.
Тамаъ дор суду битарс аз зиён,
Ки бебаҳра бошанду фориғзнён.

ҲИКОЯТ

Шикоят кунад наварӯсе ҷавон
Ба пире зи домоди номеҳрбон,
Ки мапсанд чандин, ки бо ин писар
Ба талхӣ равад рӯзгорам ба сар.
Касоне, ки бо мо дар ин манзиланд,
Набинам, ки чун ман парешондиланд.
Зану мард бо ҳам чунон дӯстанд,
Ки гӯӣ ду мағзу яке пӯстанд.
Надидам дар ин муддат аз шӯи ман,
Ки боре бихандид дар рӯи ман.

---

[1] Сумайлон – касе, ки чашмашро кандаанд, қудрати роҳ рафтан надорад.

Шунид ин сухан пири фархундафол,
Сухандон бувад марди деринасол.
Яке посухаш дод ширину х(в)аш,
Ки гар хубрӯяст, бораш бикаш.
Дареғ аст, рӯй аз касе тофтан,
Ки дигар нашояд чун ӯ ёфтан.
Ризо деҳ ба фармони Ҳақ бандавор,
Ки чун ӯ набинӣ худовандгор.
Чаро сар кашӣ з-он, ки гар сар кашад,
Ба ҳарфи вуҷудат қалам даркашад.
Якам рӯз бар бандае дил бисӯхт,
Ки мегуфту фармондиҳаш мефурӯхт:
Туро банда аз ман беҳ афтад басе,
Маро чун ту дигар наяфтад касе».

ҲИКОЯТ

Табибе паричеҳра дар Марв буд,
Ки дар боғи дил қоматаш сарв буд.
На аз дарди дилҳои решаш хабар,
На аз чашми бемори хешаш хабар.
Ҳикоят кунад дардманде ғариб,
Ки хуш буд чанде сарам бо табиб.
Намехостам тандурустии хеш,
Ки дигар наёяд табибам ба пеш.
Басо ақли зӯровари чирадаст,
Ки савдои ишқаш кунад зердаст.
Чу савдо хирадро бимолид гӯш,
Наёрад дигар сар баровард ҳуш.

ҲИКОЯТ

Яке панчаи оҳанин рост кард,
Ки бо шер зӯроварӣ хост кард.
Чу ширин ба сарпанча дар худ кашид,
Дигар зӯр дар панчаи худ надид.
Яке гуфташ: «Охир, чӣ хусбӣ чу зан?
Ба сарпанчаи оҳанинаш бизан!»
Шунидам, ки мискин дар он зер гуфт:
«Нашояд бад-ин панча бо шер гуфт».
Чу бар акли доно шавад ишқ чир,
Ҳамон панчаи оҳанин асту шер.
Ту дар панчаи шери мардавжанӣ,
Чӣ судат кунад панчаи оҳанӣ?
Чу ишқ омад, аз акл дигар магӯй,
Ки дар дасти чавгон асир аст гӯй.

ҲИКОЯТ

Миёни ду амзодаваслат фитод,
Ду хуршедсимои меҳтарнажод.
Якеро бағоят х(в)аш афтода буд,
Дигар нофиру саркаш афтода буд.
Яке хулқу лутфи паривор дошт,
Яке рӯй дар рӯи девор дошт.
Яке хештанро биёростӣ,
Дигар марги хеш аз Худо хостӣ.
Писарро нишонданд пирони деҳ,
Ки меҳрат бар ӯ нест, маҳраш бидеҳ.

Бихандиду гуфто: «Ба сад гӯсфанд
Тағобун[1] набошад раҳой зи банд».
Ба нохун паричеҳра меканд пӯст,
Ки ҳаргиз бад-ин кай шикебам зи дӯст.
На сад гӯсфандам, ки сесад ҳазор
Набояд ба нодидани рӯи ёр.
Туро ҳар чӣ машғул дорад зи дӯст,
Агар рост хоҳӣ, дилоромат ӯст.
Яке пеши шӯридаҳоле набишт,
Ки дӯзах таманно кунӣ, ё биҳишт?
Бигуфто: «Мапурс аз ман ин моҷаро,
Писандидам он-ч ӯ писандад маро».

ҲИКОЯТ

Ба Маҷнун касе гуфт, к-эй некпай,
Чӣ будат, ки дигар наёӣ ба Ҳай?
Магар дар сарат шӯри Лайлӣ намонд?
Хаёлат дигар гашту майле намонд?»
Чу бишнид, бечора бигрист зор,
Ки, эй хоҷа, дастам зи доман бидор!
Маро худ диле дардманд асту реш,
Ту низам намак бар ҷароҳат мареш!
На дурӣ далели сабурӣ бувад,
Ки бисёр дурӣ зарурӣ бувад».
Бигуфт: «Эй вафодори фархундахӯй,
Паёме, ки дорӣ ба Лайлӣ, бигӯй».
Бигуфто: «Мабар номи ман пеши дӯст,
Ки ҳайф аст номи ман, он ҷо ки ӯст.

---

[1] Тағобун – зиён.

ҲИКОЯТ

Яке хурда бар шоҳи Ғазнин гирифт,
Ки ҳусне надорад Аёз, эй шигифт!
Гулеро, ки на ранг бошад, на бӯй,
Ғариб аст савдои булбул бар ӯй.
Ба Маҳмуд гуфт ин ҳикоят касе,
Бипечид аз андеша бар худ басе,
Ки ишқи ман, эй хоҷа, бар хӯи ӯст,
На бар қадду болои некӯи ӯст.
Шунидам, ки дар тангное шутур
Бияфтоду бишкаст сандуқи дур.
Ба яғмо малик остин барфишонд
В-аз он ҷо ба таъҷил маркаб биронд.
Саворон пайи дурру марҷон шуданд,
Зи султон ба яғмо парешон шуданд.
Намонд аз вушоқони[1] гарданфароз
Касе дар қафои малик ҷуз Аёз.
Нигаҳ кард, к-эй дилбари печ-печ,
Зи яғмо чӣ овардаӣ? Гуфт: «Ҳеҷ
Ман андар қафои ту метохтам,
Зи хидмат ба неъмат напардохтам»,
Гарат қурбате ҳаст дар боргоҳ,
Ба хилъат машав ғофил аз подшоҳ.
Хилофи тариқат бувад, к-авлиё
Таманно кунанд аз Худо ҷуз Худо.
Гар аз дӯст ҳашмат ба эҳсони ӯст,
Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст.
Туро то даҳан бошад аз ҳирс боз,
Наёяд ба гӯши дил аз ғайб роз.
Ҳақиқат сароест ороста,
Ҳавову ҳавас гарди бархоста.

---

[1] Вушқон – ғуломон.

Набинӣ, ки ҷое ки бархост гард,
Набинад назар, гарчи биност мард.

ҲИКОЯТ

Қазоро ману пире аз Форёб
Расидем дар хоки Мағриб ба об.
Маро як дирам буд, бардоштанд
Ба киштию дарвеш бигзоштанд.
Сиёҳон биронданд киштӣ чу дуд,
Ки он нохудо нохудотарс буд.
Маро гиря омад зи тимори ҷуфт,
Бар он гиря қаҳ-қаҳ бихандиду гуфт:
Махур ғам барои ман, эй пурхирад,
Маро он кас орад, ки киштӣ барад,
Бигустард саҷҷода бар рӯи об,
Хаёл аст, пиндоштам, ё ба хоб?
Зи мадҳушиям дида он шаб нахуфт,
Нигаҳ бомдодон ба ман карду гуфт:
«Ту лангӣ, ба чӯб омадӣ, ман ба пой,
Туро киштӣ оварду моро Худой».
Чаро аҳли маънӣ бад-ин нагаванд,
Ки абдол[1] дар обу оташ раванд.
На тифле, к-аз оташ надорад хабар,
Нигаҳ дорадаш модари меҳрвар?
Пас онон, ки дар ваҷд мустағрақанд,
Шабу рӯз дар айни ҳифзи Ҳақанд.
Нигаҳ дорад аз тоби оташ Халил
Чу тобути Мӯсо зи ғарқоби Нил.

---

[1] Абдол – мардони Худо, орифони баргузида.

Чу кўдак ба дасти шиновар-дар аст,
Натарсад в-агар Дачла пахновар аст.
Ту бар рўи дарё қадам чун занӣ
Чу мардон, ки бар хушк тардоманӣ?!

***

Рахи акл чуз печ дар печ нест,
Бари орифон чуз Худо хеч нест.
Тавон гуфтан ин бо хақоикшинос,
Вале хурда гиранд ахли қиёс,
Ки пас, осмону замин чистанд?
Банӣ одаму дому дад кистанд?
Писандида пурсидаш, эй хушманд,
Бигўям чавобат, гар ояд писанд,
Ки хомуну дарёву кўху фалак,
Парӣ в-одамизоду деву малак-
Хама, хар чӣ хастанд, аз он камтаранд,
Ки бо хастияш номи хастӣ баранд.
Азим аст пеши ту дарё ба мавч,
Баланд аст хуршеди тобон ба авч,
Вале ахли сурат кучо пай баранд,
Ки арбоби маънӣ ба мулке – даранд,
Ки гар офтоб аст, як зарра нест
В-агар хафт дарёст, як қатра нест.
Чу султони иззат алам баркашад.
Чахон сар ба чайби адам даркашад.

ХИКМАТ

Раиси дехе бо писар дар рахе
Гузаштанд бар қалби шоханшахе
Писар човушон диду теғу табар,
Қабохои атлас, камархои зар.

Ялони камондори нахчирзан,
Ғуломони таркашкаши тирзан.
Яке дар бараш парниёнӣ қабоҳ,
Яке бар сараш хусравонӣ кулоҳ.
Писар, к-он ҳама шавкату поя дид,
Падарро бағоят фурӯмоя дид,
Ки ҳолаш бигардиду рангаш бирехт,
Зи ҳайбат ба байғулае[1] даргурехт.
Писар гуфташ: «Охир, бузурги деҳӣ,
Ба сардорӣ аз сарбузургон меҳӣ,
Чӣ будат, ки бибридӣ аз ҷон умед?
Биларзидӣ аз боди ҳайбат чу бед?»
Бале, - гуфт, - солору фармондиҳам,
Вале иззатам ҳаст, то дар деҳам.
Бузургон аз он даҳшатолудаанд,
Ки дар боргоҳи малик будаанд.
Ту, эй бехабар, ҳамчунон дар деҳӣ,
Ки бар хештан мансабе мениҳӣ.
Нагуфтанд ҳарфе забоноваорон,
Ки Саъдӣ нагӯяд мисоле бар он.

***

Магар дида бошӣ, ки дар боғу роғ
Битобад ба шаб кирмаке чун чароғ?
Яке гуфташ: «Эй кирмаки шабфурӯз,
Чӣ будат, ки берун наёӣ ба рӯз?
Бибин, к-оташӣ кирмаки хокзод
Ҷавоб аз сари рӯшноӣ чӣ дод,
Ки ман рӯзу шаб ҷуз ба саҳро наям,
Вале пеши хуршед пайдо наям.

---

[1] Байғула – гӯшаи матрук.

ҲИКОЯТ

Сано гуфт бар Саъди Зангӣ касе,
Ки бар турбаташ бод раҳмат басе!
Дирам доду ташрифу бинвохташ,
Ба миқдори худ манзалат сохташ.
Чу Аллоҳу бас дид бар нақши зар.
Бишӯриду барканд хилъат зи бар.
Зи сӯзаш чунон шуъла дар ҷон гирифт,
Ки барҷасту роҳи биёбон гирифт.
Яке гуфташ аз ҳамнишинони дашт:
«Чӣ дидӣ, ки ҳолат дигаргуна гашт?
Ту аввал замин бӯса додӣ ба ҷой,
Набоистӣ охир задан пушти пой?»
Бихандид, к-Аввал зи биму умед
Ҳаме ларза бар тан фитодам чу бед.
Ба охир зи тамкини Аллоҳу бас
На чизам ба чашм андар омад, на кас.

ҲИКОЯТ

Ба шаҳре-дар аз Шом ғавғо фитод,
Гирифтанд пире муборакниҳод.
Ҳанӯз он ҳадисам ба гӯш-андар аст,
Чу қайдаш ниҳоданд бар пою даст,
Ки гуфт: «Ар на султон ишорат кунад,
Киро заҳра бошад, ки ғорат кунад?»
Бибояд чунин душмане дӯст дошт,
Ки медонамаш дӯст бар ман гумошт.
Агар иззу ҷоҳ асту гар зиллу қайд,
Ман аз Ҳақ шиносам, на аз Амру Зайд.

Зи иллат мадор, эй хирадманд, бим,
Чу доруи талхат фиристад ҳаким.
Бихур, ҳар чӣ ояд зи дасти ҳабиб,
На бемор донотар аст аз табиб.

ҲИКОЯТ

Якеро чу ман дил ба дасти касе
Гарав буду мебурд хорӣ басе.
Пас аз ҳушмандию фарзонагӣ
Чӣ дар барзадандаш ба девонагӣ.
Зи душман ҷафо бурдӣ аз баҳри дӯст,
Ки тарёки акбар бувад заҳри дӯст.
Қафо хӯрдӣ аз дасти ёрони хеш,
Чу мисмор[1] пешонӣ оварда пеш.
Хаёлаш чунон бар сар ошӯб кард,
Ки боми димоғаш лагадкӯб кард.
Набудаш зи ташнеъи[2] ёрон хабар,
Ки ғарқа надорад зи борон хабар.
Киро пои хотир баромад ба санг,
Наяндешад аз шишаи ному нанг.
Шабе дев худро париҷеҳра сохт
Дар оғӯши он марду бар вай битохт.
Саҳаргаҳ маҷоли намозаш набуд,
Зи ёрон кас огаҳ зи розаш набуд.
Ба обе фурӯ рафт наздики бом,
Бар ӯ баста сармо даре аз рухом[3].
Насиҳатгаре лавмаш[4] оғоз кард,
Ки худро бикуштӣ дар ин оби сард.

---

[1] Мисмор – мех.
[2] Ташнеъ – сарзаниш.
[3] Рухом – санги мармар.
[4] Лавм – сарзаниш.

Зи барнои мунсиф баромад хурӯш,
Ки, эй ёр, чанд аз маломат? Хамӯш!
Маро панҷ рӯз ин писар дил фирефт,
Зи меҳраш чунонам, ки натвон шикефт.
Напурсид боре ба хулқи х(в)ашам,
Бибин, то чӣ бораш ба ҷон мекашам?
Пас онро, ки шахсам зи хок офарид,
Ба қудрат дар ӯ ҷони пок офарид.
Аҷаб дорӣ, ар бори амраш барам,
Ки доим ба эҳсону фазлаш-дарам!

***

Агар марди ишқӣ, кам аз хеш гир,
В-агарна раҳи офият пеш гир.
Матарс аз муҳаббат, ки хокат кунад,
Ки боқӣ шавӣ, гар ҳалокат кунад.
Нагӯяд набот аз хубуби дуруст,
Магар ҳол бар вай бигардад нахуст.
Туро бо Ҳақ он ошноӣ диҳад,
Ки аз дасти хешат раҳоӣ диҳад,
Ки то бо худӣ, дар худат роҳ нест
В-аз ин нукта ҷуз бехуд огоҳ нест.
На мутриб, ки овози пои сутур
Самоъ аст, ағар ишқ дорию шӯр.
Магас пеши шӯридадил пар назад,
Ки ӯ чун магас даст бар сар назад.
На бам донад ошуфтасомон, на зер,
Ба овози мурғе бинолад фақир.
Сароянда худ менагардад хамӯш,
Валекин на ҳар вақт боз аст гӯш.

Чу шӯридагон майпарастӣ кунанд,
Ба овози дӯлоб[1] мастӣ кунанд.
Ба чарх андароянд дӯлобвор,
Чу дӯлоб бар худ бигирянд зор.
Ба таслим сар дар гиребон баранд,
Чу тоқат намонад, гиребон даранд.
Макун айби дарвеши мадҳуши маст,
Ки ғарқ аст, аз он мезанад пову даст.
Нагӯям, самоъ, эй бародар, ки чист,
Магар мустамеъро[2] бидонам, ки кист.
Гар аз бурҷи маънӣ парад тайри[3] ӯ,
Фаришта фурӯ монад аз сайри ӯ.
В-агар марди лаҳв асту бозию лоғ[4],
Қавитар шавад деваш андар димоғ.
Чу марди самоъ аст шаҳватпараст,
Ба овози хуш хуфта хезад, на маст.
Парешон шавад гул ба боди саҳар,
На ҳезум, ки нашкофадаш ҷуз табар.
Ҷаҳон пурсамоъ асту мастию шӯр,
Валекин чӣ бинад дар ойина кӯр?
Набинӣ, шутур бар навои араб,
Ки чунаш ба рақс - андар орад тараб.
Шутурро чу шӯру тараб дар сар аст,
Агар одамиро набошад, хар аст.

ҲИКОЯТ

Шакарлаб ҷавоне най омӯхтӣ,
Ки дилҳо дар оташ чу най сӯхтӣ.

---

[1] Дӯлоб – чархи чоҳи обкашӣ.
[2] Мустамеъ – шунаванда.
[3] Тайр – паранда.
[4] Лоғ – шӯхӣ, беҳудагардӣ.

Падар борҳо бонг бар вай задӣ
Ба тундию оташ дар он най задӣ.
Шабе бар адои писар гӯш кард,
Самоъаш парешону мадҳуш кард.
Ҳамегуфт бар чеҳра афканда хай,
Ки оташ ба ман дарзад ин бор най.
Надонӣ ки шӯридаҳолони маст
Чаро барфишонанд дар рақс даст?
Кушояд даре бар дил аз воридот,
Фишонад сари даст бар коинот.
Ҳалолаш бувад рақс бар ёди дӯст,
Ки ҳар остинеш ҷоне дар ӯст.
Гирифтам, ки мардонаӣ дар шино,
Бараҳна тавонӣ задан дасту по.
Бикан хирқаи ному номусу зарқ,
Ки оҷиз бувад марди боҷома ғарқ.
Таллуқ ҳиҷоб асту беҳосилӣ,
Чу пайвандҳо бигсилӣ, восилӣ.

ҲИКОЯТ

Касе гуфт парвонаро, к-эй ҳақир,
Бирав, дӯсте дархури хеш гир.
Раҳе рав, ки бинӣ тариқи риҷо,
Туву меҳри шамъ аз куҷо то куҷо?
Самандар наӣ, гирди оташ магард,
Ки мардонагӣ бояд, он гаҳ набард.
Зи хуршед пинҳон шавад муши кӯр,
Ки ҷаҳл аст бо оҳанипанҷа зӯр.
Касеро, ки донӣ, ки хасми ту ӯст,
На аз ақл бошад, гирифтан ба дӯст.
Туро кас нагӯяд, накӯ мекунӣ,
Ки ҷон дар сари кори ӯ мекунӣ.

Гадое, ки аз подшаҳ хост духт,
Қафо хӯрду савдои беҳуда пухт.
Куҷо дар ҳисоб орад ӯ чун ту дӯст,
Ки рӯи мулуку салотин дар ӯст.
Мапиндор, к-ӯ дар чунон маҷлисе
Мудоро кунад бо чу ту муфлисе.
В-агар бо ҳама халқ нармӣ кунад,
Ту бечораӣ, бо ту гармӣ кунад.
Нигаҳ кун, ки парвонаи сӯзнок
Чӣ гуфт: «Эй аҷаб, гар бисӯзам, чӣ бок?
Маро чун Халил оташе дар дил аст,
Ки пиндорӣ, ин шуъла бар ман гил аст.
На дил домани дилситон мекашад,
Ки меҳраш гиребони ҷон мекашад.
На худро бар оташ ба худ мезанам,
Ки занҷири шавқ аст дар гарданам.
Маро ҳамчунон дур будам, ки сӯхт,
На ин дам, ки оташ ба ман дарфурӯхт,
На он мекунад ёр дар шоҳидӣ,
Ки бо ӯ тавон гуфтан аз зоҳидӣ.
Кӣ айбам кунад бар таваллои дӯст,
Ки ман розиям кушта дар пои дӯст.
Маро бар талаф ҳирс, донӣ, чарост?
Чу ӯ ҳаст, агар ман набошам, равост.
Бисӯзам, ки ёри писандида ӯст,
Ки дар вай сироят кунад сӯзи дӯст.
Маро чанд гӯӣ, ки дархурди хеш
Ҳарифе ба даст ору ҳамдарди хеш?
Бад-он монад андарзи шӯридаҳол,
Ки гӯӣ ба каждумгазида: Манол!
Касеро насиҳат магӯ, эй шигифт,
Ки донӣ, ки дар вай нахоҳад гирифт.

Зи каф рафта бечораеро лигом,
Нагӯянд, к-охиста рон, эй ғулом!
Чӣ нағз омад ин нукта дар Синдбод,
Ки ишқ оташ аст, эй писар, пандбод.
Ба бод оташи тез бартар шавад,
Паланг аз задан кинавартар шавад.
Чу некат бидидам, баде мекунӣ,
Ки рӯям фаро чун х(в)аде мекунӣ.
Зи худ беҳтаре ҷӯю фурсат шумор,
Ки бо чун худе гум кунӣ рӯзгор.
Пайи чун худе худпарастон раванд,
Ба кӯи хатарнок мастон раванд.
Ман аввал, ки ин кор сар доштам,
Дил аз сар ба як бор бардоштам.
Сарандоз дар ошиқӣ содиқ аст,
Ки бадзаҳра бар хештан ошиқ аст.
Аҷал ноғаҳон дар каминам кушад,
Ҳамон беҳ, ки он нозанинам кушад.
Чу бешак набиштаст бар сар ҳалок,
Ба дасти дилором хуштар ҳалок.
На рӯзе ба бечорагӣ ҷон диҳӣ?
Ҳамон беҳ, ки дар пои ҷонон диҳӣ.

ҲИКОЯТ

Шабе, ёд дорам, ки чашмам нахуфт,
Шунидам, ки парвона бо шамъ гуфт,
Ки ман ошиқам, гар бисӯзам, равост,
Туро гиряву сӯз боре чарост?
Бигуфт: «Эй ҳаводори мискини ман,
Бирафт ангабин – ёри ширини ман.

Чу ширинӣ аз ман бадар меравад,
Чу Фарҳодам оташ ба сар меравад».
Ҳамегуфту ҳар лаҳза селоби дард
Фурӯ медавидаш ба рухсори зард,
Ки, эй муддаӣ, ишқ кори ту нест,
Ки на сабр дорӣ, на ёрои ист.
Ту бигрезӣ аз пеши як шуъла хом,
Ман истодаам, то бисӯзам тамом.
Туро оташи ишқ агар пар бисӯхт,
Маро бин, ки аз пой то сар бисӯхт.
Ҳама шаб дар ин гуфтугӯ буд шамъ,
Ба дидори ӯ вақти асҳоб ҷамъ.
Нарафта зи шаб ҳамчунон баҳрае,
Ки ногаҳ бикушташ паричеҳрае.
Ҳамегуфту мерафт дудаш ба сар,
Ки ин аст поёни ишқ, эй писар!
Агар ошиқӣ хоҳӣ омӯхтан,
Ба куштан фараҷ[1] ёбӣ аз сӯхтан.
Макун гиря бар гӯри мақтули дӯст,
Бирав, хуррамӣ кун, ки мақбули ӯст.
Агар ошиқӣ, сар машӯй аз мараз,
Чу Саъдӣ фурӯ шӯй даст аз ғараз.
Фидоӣ надорад зи мақсуд чанг
В-агар бар сараш тир боранду санг.
Ба дарё марав, гуфтамат, зинҳор
В-агар меравӣ, тан ба тӯфон супор!

---

[1] Фараҷ- кушоиш, раҳоӣ, осоиш.

БОБИ ЧАҲОРУМ

ДАР ТАВОЗУЪ

Зи хок офаридат Худованди пок,
Пас, эй банда, афтодагӣ кун чу хок.
Ҳарису ҷаҳонсӯзу саркаш мабош,
Зи хок офаридандат, оташ мабош!
Чу гардан кашид оташи ҳавлнок,
Ба бечорагӣ тан бияндохт хок.
Чу он сарфарозӣ намуд, ин камӣ,
Аз он дев[1] карданд, аз ин одамӣ.

***

Яке қатраборон зи абре чакид,
Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид,
Ки ҷое, ки дарёст, ман кистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам.
Чу худро ба чашми ҳақорат бидид,
Садаф дар канораш ба ҷон парварид.
Сипеҳраш ба ҷое расонид кор,
Ки шуд номвар луълуи шоҳвор.
Баландӣ аз он ёфт, к-ӯ паст шуд,
Дари нестӣ кӯфт, то ҳаст шуд.

ҲИКОЯТ

Ҷавоне хирадманду покизабум
Зи дарё баромад ба дарбанди Рум.
Дар ӯ фазл диданду ақлу тамиз,
Ниҳоданд рахташ ба ҷое азиз.

---

[1] Дев – мурод шайтон аст, ки аз оташ офарида шуда.

Сари солиҳон гуфт рӯзе ба мард,
Ки хошоки масҷид бияфшону гард.
Ҳамон, к-ин сухан марди раҳрав шунид,
Бурун рафту бозаш кас он ҷо надид.
Бар он ҳамл карданд ёрону пир,
Ки парвои хидмат набудаш фақир.
Дигар рӯз ходим гирифташ ба роҳ,
Ки нохуб кардӣ ба ройи табоҳ.
Надонистӣ, эй кӯдаки худписанд,
Ки мардон зи хидмат ба ҷое расанд.
Гиристан гирифт аз сари сидқу сӯз,
Ки, эй ёри ҷонпарвари дилфурӯз!
На гард андар он буқъа дидам, на хок,
Ман олуда будам, дар он ҷои пок.
Гирифтам қадам лоҷарам бозпас,
Ки покиза беҳ масҷид аз хору хас.
Тариқат ҷуз ин нест дарвешро,
Ки афканда дорад тани хешро.
Баландит бояд, тавозуъ гузин,
Ки он бомро нест суллам[1] ҷуз ин.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки вақте саҳаргоҳи ид
Зи гармова омад бурун Боязид.
Яке ташти хокистараш бехабар
Фурӯ рехтанд аз сарое ба сар.
Ҳаме гуфт жӯлида – дастору мӯй
Кафи дасти шукрона молон ба рӯй,
Ки, эй нафс, ман дархури оташам,
Ба хокистаре рӯй дарҳам кашам?

---

[1] Суллам – нардбон.

***

Бузургон накарданд дар худ нигоҳ,
Худобинӣ аз хештанбин маҳоҳ!
Бузургӣ ба номусу гуфтор нест,
Баландӣ ба даъвию пиндор нест.
Қиёмат касе бинӣ андар биҳишт,
Ки маънӣ талаб карду даъвӣ биҳишт.
Тавозуъ[1] сари рифъат афрозадат,
Такаббур ба хок-андар андозадат.
Ба гардан фитад саркаши тандхӯй,
Баландит бояд, баландӣ маҷӯй.
Зи мағрури дунё раҳи дин маҷӯй,
Худобинӣ аз хештанбин маҷӯй.
Гарат ҷоҳ бояд, макун чун хасон
Ба чашми ҳақорат нигаҳ дар касон.
Гумон кай барад мардуми ҳушманд,
Ки дар саргаронист қадри баланд?
Аз ин номвартар маҳалле маҷӯй,
Ки хонанд халқат писандидахӯй.
На гар чун туе бар ту кибр оварад,
Бузургаш набинӣ ба чашми хирад,
Ту низ ар такаббур кунӣ, ҳамчунон
Намоӣ, ки пешат такаббуркунон.
Чу истодаӣ бар мақоме баланд,
Бар афтода, гар ҳушмандӣ, маханд.
Басо йстода даромад зи пой,
Ки афтодагонаш гирифтанд ҷой.
Гирифтам, ки худ ҳастӣ аз айб пок,
Таъаннут[2] макун бар мани айбнок.

---

[1] Тавозуъ – хоксорӣ, фурӯтанӣ.
[2] Таъаннут – сахтгирӣ, айбҷӯӣ.

Яке ҳалқаи Каъба дорад ба даст,
Яке дар хароботе афтода маст.
Гар онро бихонад, кӣ нагзорадаш?
В-ар инро биронад, кӣ боз орадаш?
На мустазҳир[1] аст он ба аъмоли хеш,
На инро дари тавба бастаст пеш.

ҲИКОЯТ

Шунидастам аз ровиёни калом,
Ки дар аҳди Исо, алайҳи-с-салом
Яке зиндагонӣ талаф карда буд,
Ба ҷаҳлу залолат сар оварда буд.
Далере сияҳномаи сахтдил,
Зи нопокӣ Иблис аз вай хиҷил,
Ба сар бурда айём бе ҳосиле.
Наёсуда, то буда, аз вай диле.
Сараш холӣ аз ақлу аз эҳтишом,
Шикам фарбиҳ аз лукмаҳои ҳаром.
Ба норостӣ доманолудае.
Ба нодоштӣ дудаандудае.
На чашме чу бинандагон ростав,
На гӯше чу мардум насиҳатшунав.
Чу соли бад аз вай халоиқ нафур,
Намоён ба ҳам чун маҳи нав зи дур.
Ҳавову ҳавас хирманаш сӯхта,
Ҷаве некномӣ наяндӯхта.
Сияҳнома чандон танаъъум биронд,
Ки дар нома ҷои набиштан намонд.
Гунаҳкору худрою шаҳватпараст,
Ба ғафлат шабу рӯз махмуру маст.

---

[1] Мустазҳир – умедвор ба касе ё чизе, бархурдор.

Шунидам, ки Исо даромад зи дашт,
Ба мақсураи обиде даргузашт.
Ба зер омад аз ғурфа хилватнишин,
Ба пояш дарафтод сар бар замин,
Гунаҳкори баргаштаахтар зи дур
Чу парвона ҳайрон дар эшон зи нур.
Тааммул ба ҳасраткунон шармсор
Чу дарвеш дар дасти сармоядор,
Хиҷил зери лаб, узрхоҳон ба сӯз
Зи шабҳои дар гафлат оварда рӯз,
Сиришки ғам аз дида борон чу мег,
Ки умрам ба ғафлат ғузашт, эй дареғ!
Барандохтам нақди умри азиз,
Ба даст аз накӯӣ наёварда чиз.
Чу ман зинда ҳаргиз мабодо касе,
Ки маргаш беҳ аз зиндагонӣ басе.
Бираст, он ки дар аҳди тифлӣ бимурд,
Ки пиронасар шармсорӣ набурд.
Гуноҳам бибахш, эй ҷаҳонофарин,
Ки гар бо ман ояд, фабиъс-ал-қарин.
Нигун монда аз шармсорӣ сараш,
Равон оби ҳасрат ба рӯю бараш.
Дар ин гӯша нолон гунаҳкори пир,
Ки фарёди ҳолам рас, эй дастгир!
В-аз он нима обид саре пурғурур
Туруш карда бо фосиқ абрӯ зи дур,
Ки ин мудбир[1] андар пайи мо чарост?
Нигунбахти ҷоҳил чӣ дархурди мост?
Ба гардан дар оташ дарафтодае,
Ба боди ҳаво умр бардодае?
Чӣ хайр омад аз нафси тардоманаш,
Ки суҳбат бувад бо Масеҳу манаш?

---

[1] Мудбир – касе, ки ба Худову аъмоли нек пушт намуда.

Чӣ будӣ, ки захмат бибурдӣ зи пеш?
Ба дӯзах барафтӣ паси кори хеш.
Ҳаме ранҷам аз талъати нох(в)ашаш,
Мабодо, ки дар ман фитад оташаш.
Ба машҳар, ки ҳозир шаванд анҷуман,
Худоё, ту бо ӯ макун ҳашри ман.
Дар ин буду ваҳӣ аз ҷалилуссифот
Даромад ба Исо, алайҳиссалот,
Ки гар олим аст ину гар вай ҷаҳул[1],
Маро даъвати ҳар ду омад қабул.
Табаҳкардаайёми баргаштарӯз
Бинолид бар ман ба зорию сӯз.
Ба бечорагӣ ҳар кӣ омад барам,
Наяндозамаш з-остони карам.
Аз ӯ афв кардам амалҳои зишт,
Ба инъоми хеш орамаш дар биҳишт.
В-агар ор дорад ибодатпараст,
Ки дар хулд бо вай бувад ҳамнишаст,
Бигӯ: «Нанг аз ӯ дар қиёмат мадор,
Ки онро ба ҷаннат баранд, ин ба нор,
Ки онро ҷигар хун шуд аз сӯзу дард,
Гар ин такя бар тоати хеш кард.
Надонист дар боргоҳи ғанӣ,
Ки бечорагӣ беҳ зи кибру манӣ».
Киро ҷома пок асту сират палид,
Дари дӯзахашро набояд калид.
Бар ин остон аҷзу мискинният
Беҳ аз тоату хештанбиният.
Чу худро зи некон шумурдӣ, бадӣ,
Намегунҷад андар худой х(в)адӣ.
Агар мардӣ, аз мардии худ магӯй,
На ҳар шаҳсаворе бадар бурд гӯй.

---

[1] Ҷаҳул – ҷоҳили гузаро.

Пиёз омад он беҳунар ҷумла пӯст,
Ки пиндошт, чун писта мағзе дар ӯст.
Аз ин навъ тоат наёяд ба кор,
Бирав, узри тақсири тоат биёр.
Чи ринди парешони шӯридабахт,
Чи зоҳид, ки бар худ кунад кор сахт.
Ба зуҳду вараъ кӯшу сидқу сафо,
Валекин маяфзой бар Мустафо.
Нахӯрд аз ибодат бар он бехирад,
Ки бо ҳақ накӯ буду бо халқ бад.
Сухан монад аз оқилон ёдгор,
Зи Саъдӣ ҳамин як сухан ёд дор:
Гунаҳкори андешанок аз Худой
Беҳ аз порсои ибодатнамой.

ҲИКОЯТ

Фақеҳе кухан ҷомаи тангдаст
Дар айвони қозӣ ба саф барнишаст.
Нигаҳ кард қозӣ дар ӯ тез-тез,
Муарриф гирифт остинаш, ки хез!
Надонӣ, ки бартар мақоми ту нест,
Фурӯтар нишин, ё бирав, ё биист.
На ҳар кас сазовор бошад ба садр,
Каромат ба ҷоҳ асту манзил ба қадр.
Дигар раҳ чӣ ҳоҷат ба панди касат,
Ҳамин шармсорӣ уқубат басат.
Ба иззат ҳар он, к-ӯ фурӯтар нишаст,
Ба хорӣ наяфтад зи боло ба паст.
Ба ҷои бузургон далерӣ макун,
Чу сарпанҷаат нест, шерӣ макун.
Чу дид он хирадманди дарвешранг,
Ки биншасту бархост бахташ ба ҷанг,

Чу оташ баровард бечора дуд,
Фурӯтар нишаст аз мақоме, ки буд.
Фақеҳон тариқи ҷадал сохтанд,
Ламу лоусаллим дарандохтанд.
Кушоданд бар ҳам дари фитна боз,
Ба лову наам карда гардан дароз.
Ту гуфтӣ, хурӯсони шотир ба ҷанг
Фитоданд дар ҳам ба минқору чанг.
Яке бехуд аз хашмнокӣ чу маст,
Яке бар замин мезанад ҳар ду даст.
Фитоданд дар укдаи печ-печ,
Ки дар ҳалли он раҳ набурданд ҳеч.
Куҳанҷома дар саффи охиртарин
Ба ғурриш даромад чу шери арин.
Бигуфт: «Эй санодиди шаъри расул,
Ба иблоғи танзилу фиқҳу усул.
Далоил қавӣ бояду маънавӣ,
На рагҳои гардан ба ҳуҷҷат қавӣ.
Маро низ чавгони лаъб асту гӯй»,
Бигуфтанд: «Агар нек донӣ, бигӯй!»
Пас он ғаҳ ба зонуи иззат нишаст,
Забон баркушоду даҳонро бибаст.
Ба килки фасоҳатбаёне, ки дошт,
Ба дилҳо чу нақши нигин барнигошт.
Сар аз кӯи сурат ба маъно кашид,
Қалам бар сари ҳарфи даъво кашид.
Бигуфтандаш аз ҳар канор офарин,
Ки бар ақлу табъат ҳазор офарин!
Саманди сухан то ба ҷое биронд,
Ки қозӣ чу хар дар вахал[1] бозмонд.
Бурун омад аз тоқу дастори хеш
Ба икрому лутфаш фиристод пеш,

---

[1] Вахал – гил.

Ки, ҳайҳот, қадри ту нашнохтам,
Ба шукри қудумат напардохтам.
Дареғ оядам бо чунин мояе,
Ки бинам туро дар чунин пояе.
Муарриф ба дилдорӣ омад бараш,
Ки дастори қозӣ ниҳад бар сараш.
Ба дасту забон манъ кардаш, ки «Дур!
Манеҳ бар сарам пойбанди ғурур,
Ки фардо шавад бар куҳан мезарон,
Ба дастори панҷаҳгазам сар гарон.
Чу мавлом хонанду садри кабир,
Намоянд мардум ба чашмам ҳақир,
Тафовут кунад ҳаргиз оби зулол,
Гараш кӯза зарин бувад ё сафол?
Хирад бояд андар сари марду мағз,
Набояд маро чун ту дастори нағз.
Кас аз сарбузургӣ набошад бачиз,
Каду сарбузург асту бемағз низ.
Маяфроз гардан ба дастору риш,
Ки дастор пунба-сту сиблат[1] ҳашиш.
Ба сурат касоне, ки мардумвашанд,
Чу сурат ҳама беҳ, ки дам даркашанд.
Ба қадри ҳунар ҷуст бояд маҳал,
Баландию наҳсӣ макун чун Зуҳал.
Найи бурёро баландӣ накӯст,
Ки хосияти найшакар худ дар ӯст.
Бад-ин ақлу ҳиммат нахонам касат
В-агар меравад сад ғулом аз пасат.
Чӣ хуш гуфт хармуҳрае дар гиле,
Чу бардошташ пуртамаъ ҷоҳиле:

---

[1] Сиблат – мӯйлаб.

«Маро кас нахоҳад харидан ба ҳеч,
Ба девонагӣ дар ҳарирам мапеч».
Гиё худ ҳамон қадр дорад, ки ҳаст
В-агар дар миёни шақоиқ нишаст.
На мунъим ба мол аз касе беҳтар аст,
Хар ар ҷулли атлас бипӯшад, хар аст».
Бад-ин шева марди сухангӯй чуст
Ба оби сухан кина аз дил бишуст.
Дилозурдаро сахт бошад сухун,
Чу хасмат бияфтод, сустӣ макун.
Чу дастат расад, мағзи душман барор,
Ки фурсат фурӯ шӯяд аз дил ғубор.
Чунон монд қозӣ ба ҷавраш асир,
Ки гуфт: инна ҳозо лаявмун асир.
Ба дандон газид аз тааҷҷуб ядайн[1].
Бимондаш дар ӯ дида чун фарқадайн[2].
В-аз он ҷо ҷавон рӯи ҳиммат битофт,
Бурун рафту бозаш нишон кас наёфт.
Ғирев аз бузургони маҷлис бихост,
Ки гӯӣ чунин шӯхчашм аз куҷост?
Нақиб[3] аз паяш рафту ҳар сӯ давид,
Ки марде бад-ин наъту сурат кӣ дид?
Яке гуфт: «Аз ин навъ ширинафас
Дар ин шаҳр Саъдӣ шиносему бас».
Бар он сад ҳазор офарин, к-ин бигуфт
Ҳақи талх бин, то чӣ ширин бигуфт.

---

[1] Ядайн – дастон.
[2] Фарқадайн – ду ситораи равшан аз Дубби Асъар.
[3] Нақиб – нигаҳбон.

ҲИКОЯТ

Яке подшаҳзода дар Ганҷа буд,
Ки дур аз ту нопоксарпанҷа буд.
Ба масҷид даромад сароёну маст,
Май андар сару соткине[1] ба даст.
Ба мақсура[2] – дар порсое муқим,
Забоне диловезу қалбе салим.
Тане чанд бар гуфти ӯ муҷтамеъ,
Чу олим набошӣ кам аз мустамеъ.
Чу беиззатӣ пеша кард он ҳарун[3],
Шуданд он азизон хароб андарун.
Чу мункар бувад подшаҳро қидам,
Кӣ ёрад зад аз амри маъруф дам?
Таҳаккум кунад сайр бар бӯи гул,
Фурӯ монад овози чанг аз дуҳул.
Гарат наҳйи мункар бароянд зи даст,
Нашояд чу бе дасту поён нишаст.
В-агар дасти қудрат надорӣ, бигӯй,
Ки покиза гардад ба андарз хӯй.
Чу дасту забонро намонад маҷол,
Ба ҳиммат намоянд мардӣ риҷол[4].
Яке пеши донои хилватнишин
Биноледу бигрист сар бар замин,
Ки боре бар ин ринди нопоки маст
Дуо кун, ки мо безабонему даст.
Даме сӯзнок аз диле бохабар
Қавитар, ки ҳафтод теғу табар.
Баровард марди ҷаҳондида даст,
Бигуфт: «Эй Худованди болову паст,

---

[1] Соткин – қадаҳи бузург...
[2] Мақсура – меҳроби ибодат.
[3] Ҳарун – саркаш.
[4] Риҷол – мардон.

Хуш аст ин писар вақташ аз рӯзгор,
Худоё, ҳама вақти ӯ хуш бидор!»
Касе гуфташ: «Эй қудваи[1] ростӣ,
Бар ин бад чаро накуӣ хостӣ?
Чу бадаҳдро нек хоҳӣ зи баҳр?
Чӣ бад хостӣ бар сари халқи шаҳр?»
Чунин гуфт бинандаи тезҳуш:
«Чу сирри сухан дарнаёбӣ, маҷӯш.
Ба томот маҷлис наёростам,
Зи додофарин тавбааш хостам,
Ки ҳар гаҳ, ки боз ояд аз хӯи зишт,
Ба айше расад ҷовидон дар биҳишт.
Ҳамин панҷ рӯз аст айши мудом,
Ба тарк-андараш айшҳои мудом».
Ҳадисе, ки марди сухансоз гуфт,
Касе з-он миён бо малик бозгуфт.
Зи ваҷд об дар чашмаш омад чу меғ[2],
Биборид бар чеҳра сели дареғ.
Ба нирони[3] шавқ андарунаш бисӯхт,
Ҳаё дида бар пушти пояш бидӯхт.
Бари некмаҳзар фиристод кас,
Дари тавба кӯбон, ки фарёд рас!
Қадам ранҷа фармой, то сар ниҳам,
Сари ҷаҳлу заростӣ барниҳам.
Дурӯя ситоданд бар дар сипоҳ,
Суханпарвар омад дар айвони шоҳ.
Шакар диду уннобу шамъу шароб,
Деҳ аз неъмат ободу мардум хароб.
Яке ғоиб аз худ, яке ниммаст,
Яке шеъргӯён сурохӣ ба даст.

---

[1] Қудва – пешво.
[2] Мег – абр.
[3] Нирон – оташҳо.

Зи сӯе баровварда мутриб хурӯш,
Зи дигар сӯ овози соқӣ, ки «Нӯш!»
Ҳарифон хароб аз майи лаълранг,
Сари чангӣ аз хоб дар бар чу чанг.
Набуд аз надимони гарданфароз
Ба ҷуз наргис он ҷо касе дидабоз.
Дафу чанг бо якдигар созгор,
Баровварда зер аз миён нола зор.
Бифармуду дарҳам шикастанд хурд,
Мубаддал шуд он айши софӣ ба дурд.
Шикастанд чангу гусастанд руд,
Бадар кард гӯянда аз сар суруд.
Ба майхона – дар санг бурдан заданд,
Кадуро нишонданду гардан заданд.
Майи лолагун аз бати сарнигун
Равон ҳамчунон, к-аз бати кушта хун.
Хум обастани хамри нуҳмоҳа буд,
Дар он фитна духтар бияндохт зуд.
Шикам то ба нофаш дариданд машк,
Қадаҳро бар ӯ чашми хунин пурашк.
Бифармуд, то санги саҳну сарой
Биканданду карданд нав боз ҷой,
Ки гулгунаи хамри ёқутфом
Ба шустан намешуд зи рӯи рухом.
Аҷаб нест, болуъа[1] гар шуд хароб,
Ки хӯрд андар он рӯз чандон шароб.
Дигар ҳар кӣ барбат гирифтӣ ба каф,
Қафо хӯрдӣ аз дасти мардум чу даф.
В-агар фосиқе чанг бурдӣ ба дӯш,
Бимолидӣ ӯро чу танбӯр гӯш.
Ҷавоне сар аз кибру пиндор маст,
Чу пирон ба кунҷи ибодат нишаст.

---

[1] Болуъа - чоҳи сартанг дар хона ё рӯи ҳавлӣ, ҷои дастурӯшӣ

Падар борҳо гуфта будаш ба ҳавл,
Ки шоистарӯ бошу боистақавл.
Ҷафои падар бурду зиндону банд,
Чунон судмандаш наёмад, ки панд.
Гараш сахт гуфтӣ сухангӯй саҳл,
Ки берун кун аз сар ҷавонию ҷаҳл.
Хаёлу ғурураш бар он доштӣ,
Ки дарвешро зинда нагзоштӣ.
Сипар н-афканад шери ғуррон зи ҷанг,
Наяндешад аз теғи буррон паланг.
Ба нармӣ зи душман тавон кард дӯст,
Чу бо дӯст сахтӣ кунӣ, душман ӯст.
Чу сандон касе сахтрӯй накард,
Ки хоиски таъдиб[1] бар сар нах(в)ард.
Ба гуфтан дуруштӣ макун бо амир,
Чу бинӣ, ки сахтӣ кунад, суст гир.
Ба ахлоқ бо ҳар кӣ бинӣ, бисоз,
Агар зердаст аст, агар сарфароз.
Ки ин гардан аз нозукӣ баркашад,
Ба гуфтори хуш в-он сар андаркашад?
Ба ширинзабонӣ тавон бурд ғӯй,
Ки пайваста талхӣ барад тундхӯй.
Ту ширинзабонӣ зи Саъдӣ бигир,
Турушрӯйро гӯ: Ба талхӣ бимир!

ҲИКОЯТ

Шакархандае ангабин мефурӯхт,
Ки дилҳо зи ширинияш мебисӯхт.
Наботе миёнбаста чун найшакар,
Бар ӯ муштарӣ аз магас бештар.
Гар ӯ заҳр бардоштӣ, филмасал,
Бихӯрдандӣ аз дасти ӯ чун асал.

---

[1] Таъдиб – адаб омӯзондан.

Гароне назар кард дар кори ӯ,
Ҳасад бурд бар гарм бозори ӯ.
Дигар рӯз шуд гирди гетӣ давон
Асал бар сару сирка бар абрувон.
Басе гашт фарёдхон пешу пас,
Ки наншаст бар ангабинаш магас.
Шабонгаҳ чу нақдаш наёмад ба даст,
Ба дилтангрӯӣ ба кунҷе нишаст.
Чу осӣ туруш карда рӯй аз ваид[1],
Чу абрӯи зиндониён рӯзи ид.
Зане гуфт бозикунон шӯйро:
«Асал талх бошад турушрӯйро»
Ба дӯзах барад мардро хӯи зишт,
Ки ахлоқи нек омадаст аз биҳишт.
Бирав, оби гарм аз лаби ҷӯй хур,
На ҷуллоби сарди турушрӯй хур.
Ҳаромат бувад нони он кас чашид,
Ки чун суфра абрӯ ба ҳам даркашид.
Макун, хоҷа бар хештан кор сахт,
Ки бадхӯй бошад нигунсорбахт.
Гирифтам, ки симу зарат чиз нест,
Чу Саъдӣ забони хушат низ нест?

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки фарзонае ҳақпараст
Гиребон гирифташ яке ринди маст.
Аз он тирадил марди софидарун
Қафо хӯрду сар барнакард аз сукун.
Яке гуфташ: «Охир, на мардӣ ту низ,
Таҳаммул дареғ аст аз ин бетамиз».

---

[1] Ваид – ваъдаи азоб.

Шунид ин сухан марди покизахӯй,
Бад-ӯ гуфт: «Аз ин навъ бо ман магӯй.
Дарад масти нодон гиребони мард,
Кӣ бо шери ҷангӣ сиголад набард?
Зи ҳушёри оқил назебад, ки даст
Занад дар гиребони нодони маст.
Ҳунарвар чунин зиндагонӣ кунад,
Ҷафо бинаду меҳрбонӣ кунад.

ҲИКОЯТ

Саге пои саҳронишине газид
Ба хашме, ки заҳраш зи дандон чакид.
Шаб аз дард бечора хобаш набурд,
Ба хайл-андараш духтаре буд хурд.
Падарро ҷафо карду тундӣ намуд,
Ки охир туро низ дандон набуд?
Пас аз гиря марди парокандарӯз
Бихандид, к-эй бобаки дилфурӯз,
Маро гарчи ҳам салтанат буду неш,
Дареғ омадам кому дандони хеш.
Муҳол аст, агар теғ бар сар х(в)арам,
Ки дандон ба пои саг-андар барам.
Тавон кард бо нокасон бадрагӣ,
Валекин наёяд зи мардум сагӣ.

ҲИКОЯТ

Бузурге ҳунарманди офоқ буд,
Ғуломаш никӯҳидаахлоқ буд.

Аз ин хафрагӣ[1] мӯйколидае[2].
Будӣ сирка дар рӯй молидае
Чу суъбонаш[3] олуда дандон ба захр,
Гарав бурда аз зиштрӯёни шаҳр.
Мудомаш ба рӯи оби чашми сабал[4]
Давидӣ зи бӯи пиёзи бағал.
Гиреҳ вақти пухтан бар абрӯ задӣ,
Чу пухтанд, бо хоҷа зону задӣ.
Дамодам ба нон хӯрданаш ҳамнишаст,
В-агар марде обаш надодӣ ба даст.
На гуфт андар ӯ кор кардӣ, на чӯб,
Шабу рӯз аз ӯ хона дар канду кӯб
Гаҳе хору хас дар раҳ андохтӣ,
Гаҳе мокиён дар чаҳ андохтӣ.
Зи симош ваҳшат фароз омадӣ,
Нарафтӣ ба коре, ки боз омадӣ.
Касе гуфт: «Аз ин бандаи бадхисол
Чӣ хоҳӣ? Адаб, ё ҳунар, ё ҷамол?
Наярзад вуҷуде бад-ин нох(в)ашӣ,
Ки ҷавраш писандию бораш кашӣ.
Манат бандаи хубу некӯсияр,
Ба даст орам, инро ба наххос[5] бар.
В-агар як пашиз оварад, сар мапеч,
Гарон аст, агар рост хоҳӣ, ба ҳеч».
Шунид ин сухан марди некӯниҳод,
Бихандид, к-эй ёри фаррухнажод,
Бад аст ин писар табъу хӯяш, валек
Маро з-ӯ табиат шавад хӯй нек,

---

[1] Хафрагӣ – аҳмақӣ.
[2] Колида – дарҳамшуда.
[3] Суъбон – аждаҳо.
[4] Сабал – пардае, ки дар чашм пайдо мешавад.
[5] Нахос – бардафурӯш.

Чу з-ӯ карда бошам таҳаммул басе,
Тавонам ҷафо бурдан аз ҳар касе.
Таҳаммул чу захрат намояд нахуст,
Вале шаҳд гардад, чу дар табъ руст.

ҲИКОЯТ

Касе роҳи Маъруфи Кархӣ биҷуст,
Ки бинҳод маъруфӣ аз сар нахуст.
Шунидам, ки меҳмонаш омад яке
Зи беморияш то ба марг андаке.
Сараш мӯю рӯяш сафо рехта,
Ба мӯеш ҷон дар тан овехта.
Шаб он ҷо бияфканду болиш ниҳод,
Равон даст дар бонгу нолиш ниҳод.
На хобаш гирифта шабон як нафас,
На аз дасти фарёди ӯ хоби кас.
Ниҳоде парешону табъе дурушт
Намемурду халқе ба ҳуҷҷат бикушт.
Зи фарёду нолидану хуфту хез
Гирифтанд аз ӯ халқ роҳи гурез.
Зи дайёр мардум дар он буқъа кас
Ҳамон нотавон монд Маъруфу бас.
Шунидам, ки шабҳо зи хидмат нахуфт,
Чу мардон миён басту кард, он чӣ гуфт.
Шабе бар сараш лашкар овард хоб,
Ки чанд оварад мард нохуфта тоб?
Ба як дам, ки чашмон-ш хуфтан гирифт,
Мусофир пароканда гуфтан гирифт,
Ки лаънат бар ин насли нопок бод,
Ки номанду номусу зарқанду бод.
Палидэътиқодони покизапӯш,
Фиребандаи порсоифурӯш.

Чӣ донад латанбоне[1] аз хоби маст,
Ки бечорае дида бар ҳам набаст?
Суханҳои мункар ба Маъруф гуфт,
Ки як дам чаро ғофил аз вай бихуфт?
Фурӯ хӯрд шайх ин ҳадис аз карам,
Шуниданд пӯшидагони ҳарам.
Яке гуфт Маъруфро дар ниҳуфт:
«Шунидӣ, ки дарвеши нолон чӣ гуфт?
Бирав з-ин сипас, гӯ, сари хеш гир.
Гаронӣ макун, ҷои дигар бимир.
Накӯию раҳмат ба ҷои х(в)ад аст.
Вале бо бадон некмардӣ бад аст.
Сари сифларо гирдболиш манеҳ,
Сари мардумозор бар санг беҳ.
Макун бо бадон некӣ, эй некбахт,
Ки дар шӯра нодон нишонад дарахт.
Нагӯям, мурооти мардум макун,
Карам пеши номардумон гум макун.
Ба ахлоқ нармӣ макун бо дурушт,
Ки сагро намоланд чун гурба пушт.
Гар инсоф хоҳӣ, саги ҳақшинос
Ба сират беҳ аз мардуми носипос.
Ба барф оби раҳмат макун бо хасис,
Чу кардӣ, мукофот бар ях навис.
Надидам чунин печ дар печ кас,
Макун ҳеч раҳмат бар ин ҳечкас».
Бихандиду гуфт: «Эй дилором ҷуфт,
Парешон машав з-ин парешон, ки гуфт.
Гар аз нохушӣ кард бо ман хурӯш,
Маро нохуш аз вай хуш омад ба гӯш.

---

[1] Латанбон - пурхӯр, шикамбора

Ҷафои чунин кас бибояд шунуд,
Ки натвонад аз беқарорӣ ғунуд.
Чу худро қавиҳол бинию х(в)аш,
Ба шукрона бори заифон бикаш.
Агар худ ҳамин суратӣ чун тилисм,
Бимирию исмат бимирад чу ҷисм.
В-агар парваронӣ дарахти карам,
Бари некномӣ хурӣ лоҷарам.
Набинӣ, ки дар Карх турбат басест,
Ба ҷуз гӯри Маъруф маъруф нест.
Ба давлат касоне сар афрохтанд,
Ки тоҷи такаббур бияндохтанд.
Такаббур кунад марди ҳашматпараст,
Надонад, ки ҳашмат ба ҳилм-андар аст.

ҲИКОЯТ

Тамаъ бурд шӯхе ба соҳибдиле,
Набуд он замон дар миён ҳосиле.
Камарбанду дасташ тиҳӣ буду пок,
Ки зар барфишондӣ ба рӯяш чу хок.
Бурун тохт хоҳандаи тирагӯй,
Никӯҳидан оғоз кардаш ба кӯй,
Ки зинҳор аз ин каждумони хамӯш,
Палангони даррандаи суфпӯш,
Ки чун гурба зону ба дил барниҳанд,
В-агар сайде афтад, чу саг дарҷаҳанд.
Суи масҷид оварда дуккони шайд,
Ки дар хона камтар тавон ёфт сайд.
Раҳи корвон шермардон зананд,
Вале ҷомаи мардум инон кананд.
Сапеду сияҳпора бардӯхта
Ба солусу пинҳон зар андӯхта.
Зиҳӣ, ҷавфурӯшони гандумнамой,
Ҷаҳонгарди шабкӯки хирмангадой.

Мабин дар ибодат, ки пиранду суст,
Ки дар рақсу ҳолат ҷавонанду чуст.
Чаро кард бояд намоз аз нишаст,
Чу дар рақс барметавонанд ҷаст?
Асои Калиманду бисёрхор,
Ба зоҳир чунин зардрӯю низор.
На парҳезгору на донишваранд,
Ҳамин бас, ки дунё ба дин мех(в)аранд.
Абое балилона дар тан кунанд,
Ба дахли Ҳабаш ҷомаи зан кунанд.
Зи суннат набинӣ дар эшон асар,
Магар хоби пешину нони саҳар.
Шикам то сар оганда аз луқма танг,
Чу занбили дарюза ҳафтодранг.
Нахоҳам дар ин васф аз ин беш гуфт,
Ки шунъат[1] бувад сирати хеш гуфт.
Фурӯ гуфт аз ин шева нодидагӯй,
Набинад ҳунар дидаи айбҷӯй.
Яке карда беобрӯӣ басе,
Чӣ ғам дорадаш з-обрӯи касе?
Мурида ба шайх ин сухан нақл кард,
Гар инсоф пурсӣ, на аз ақл кард.
Баде дар қафо айби ман карду хуфт,
Батар з-ӯ карине, ки оварду гуфт.
Яке тире афканду дар раҳ фитод,
Вуҷудам наёзурду ранҷам надод,
Ту бардоштӣ в-омадӣ сӯи ман,
Ҳаме дарсипӯзӣ[2] ба паҳлӯи ман.
Бихандид соҳибдили некхӯй,
Ки саҳл аст, ин саъбтар, гӯ, бигӯй.
Ҳанӯз он чӣ гуфт аз бадам, андакест,
Аз онҳо, ки ман донам, аз сад якест.

---

[1] Шунъат – зиштӣ.
[2] Дарсипӯзӣ – фурӯ мебарӣ.

Зи рӯи гумон бар ман инҷо кӣ баст?
Ман аз худ яқин мешиносам, ки ҳаст.
Вай имсол пайваст бо мо висол,
Куҷо донадам айби ҳафтод сол?
Беҳ аз ман кас андар ҷаҳон айби ман
Надонад ба ҷуз олимулғайби[1] ман.
Надидам чунин некпиндор кас,
Ки пиндошт, айби ман ин асту бас.
Ба маҳшар гувоҳи гуноҳам гар ӯст,
Зи дӯзах натарсам, ки корам накӯст.
Гарам айб гӯяд бадандеши ман,
Биё, гӯ, бибар нусха аз пеши ман.
Касон марди роҳи Худо будаанд,
Ки бар ҷон-ш тири бало будаанд.
Забун бош, чун пӯстинат даранд,
Ки соҳибдилон бори шӯхон баранд.
Гар аз хоки мардон сабӯе кунанд,
Ба сангаш маломаткунон бишкананд.

ҲИКОЯТ

Малик Солиҳ - аз подшоҳони Шом
Бурун омадӣ субҳдам бо ғулом.
Бигаштӣ дар атрофи бозору кӯй,
Ба расми араб нима барбастарӯй,
Ки соҳибназар буду дарвешдӯст,
Ҳар он-к ин ду дорад, малик Солиҳ ӯст.
Ду дарвеш дар масҷиде хуфта ёфт,
Парешондилу хотирошуфта ёфт.

---

[1] Олимулғайб – Худованд.

Шаби сардашон дида нобурда хоб,
Чу ҳирбо[1] тааммулкунон з-офтоб.
Яке з-он ду мегуфт бо дигаре,
Ки ҳам рӯзи маҳшар бувад доваре.
Гар ин подшоҳони гарданфароз,
Ки дар лаҳву айшанду бо кому ноз,
Дароянд бо оҷизон дар биҳишт,
Ман аз гӯр сар барнагирам зи хишт.
Биҳишти барин мулку маъвои мост,
Ки банди ғам имрӯз бар пои мост.
Ҳама умр аз инон чӣ диди х(в)ашӣ,
Ки дар охират низ заҳмат кашӣ?
Агар Солиҳ он ҷо ба девори боғ
Барояд, ба кафшаш бидаррам димоғ.
Чу мард ин сухан гуфту Солиҳ шунид,
Дигар будан он ҷо масолиҳ надид.
Даме рафт, то чашмаи офтоб
Зи чашми халоиқ фурӯ шуст хоб.
Давон ҳар ду касро фиристоду хонд,
Ба ҳайбат нишасту ба ҳурмат нишонд.
Бар эшон биборид борони ҷуд,
Фурӯ шусташон гарди зулл аз вуҷуд.
Пас аз ранҷи сармову борону сайл
Нишастанд бо номдорони хайл.
Гадоёни беҷома шаб карда рӯз,
Муаттаркунон ҷома бар удсӯз.
Яке гуфт з-онон маликро ниҳон,
Ки, эй ҳалқадаргӯши ҳукмат ҷаҳон!
Писандидагон дар бузургӣ расанд,
Зи мо бандагонат чӣ омад писанд?
Шаҳаншаҳ зи шодӣ чу гул баршукуфт,
Бихандид дар рӯи дарвешу гуфт:

---

[1] Ҳирбо – ҳайвоне бо номи «офтобпараст», хурпо.

«Ман он кас наям, к-аз гурури ҳашам
Зи бечорагон рӯй дар ҳам кашам.
Ту ҳам бо ман аз сар бинеҳ хӯи зишт,
Ки ноҷозгорӣ кунӣ дар биҳишт.
Ман имрӯз кардам дари сулҳ боз,
Ту фардо бикун дар ба рӯям фароз».
Чунин роҳ, агар муқбилӣ, пеш гир,
Шараф боядат, дасти дарвеш гир.
Бар аз шохи тӯбо касе барнадошт,
Ки имрӯз тухми иродат накошт.
Иродат надорӣ, саодат маҷӯй,
Ба чавгони хидмат тавон бурд гӯй.
Туро кай бувад чун чароғ илтиҳоб[1],
Ки аз худ пурӣ ҳамчу қандил аз об.
Вуҷуде диҳад рӯшноӣ ба ҷамъ,
Ки сӯзеш дар сина бошад чу шамъ.

ҲИКОЯТ

Яке дар нуҷум андаке даст дошт,
Вале аз такаббур саре маст дошт.
Бари Кӯшёр омад аз роҳи дур
Диле беиродат, саре пурғурур.
Хирадманд аз ӯ дида бардӯхтӣ,
Яке ҳарф дар вай наёмӯхтӣ.
Чу бебаҳра азми сафар кард боз,
Бад-ӯ гуфт донои гарданфароз:
Ту худро гумон бурдаӣ пурхирад,
Иноӣ[2], ки пур шуд, дигар чун барад?

---

[1] Илтиҳоб – шӯълаварӣ.
[2] Ино – зарф.

Зи даъвӣ пурӣ, з-он тиҳӣ меравӣ,
Тиҳӣ ой, то пурмаонӣ шавӣ.
Зи ҳастӣ дар офоқ Саъдисифат
Тиҳӣ гарду боз ой пурмаърифат.

ҲИКОЯТ

Ба хашм аз малик бандае сар битофт,
Бифармуд ҷустан, касаш дарнаёфт.
Чу бозомад аз роҳи хашму ситез,
Ба шамшерзан гуфт: -«Хунаш бирез!»
Ба хун ташна ҷаллоди номеҳрбон
Бурун кард чун ташна дашна забон.
Шунидам, ки гуфт аз дили танги реш:
«Худоё, биҳил кардамаш хуни хеш,
Ки пайваста дар неъмату нозу ном
Дар иқболи ӯ будаам дӯстком.
Мабодо, ки фардо ба хуни манаш
Бигиранду хуррам шавад душманаш».
Маликро чу гуфти вай омад ба гӯш,
Дигар деги хашмаш наёвард ҷӯш.
Басе бар сараш доду бар дида бӯс,
Худованди роят шуду таблу кӯс.
Ба рифқ аз чунон саҳмгин ҷойгоҳ
Расонид даҳраш бад-он пойгоҳ.
Ғараз з-ин ҳадис он, ки гуфтори нарм
Чу об аст бар оташи марди гарм.
Тавозуъ кун, эй дӯст, бо хасми тунд,
Ки нармӣ кунад теғи бурранда кунд.
Набинӣ, ки дар маъраки теғу тир
Бипӯшанд хафтони садтӯ ҳарир?

ҲИКОЯТ

Зи вайронаи орифе жандапӯш
Якеро набуҳи[1] саг омад ба гӯш.
Ба дил гуфт: «Кӯи саг ин ҷо чарост?
Даромад, ки дарвеши солиҳ куҷост?
Нишони саг аз пешу аз пас надид,
Ба ҷуз ориф он ҷо дигар кас надид.
Хиҷил бозгардидан огоз кард,
Ки шарм омадаш баҳси ин роз кард.
Шунид аз дарун ориф овози пой
Ҳало, - гуфт, - бар дар чӣ пой, дарой!
Мапиндор, эй дидаи равшанам,
К-аз эдар саг овоз кард, ин манам.
Чу дидам, ки бечорагӣ мехарад,
Ниҳодам зи сар кибру рою хирад.
Чу саг бар дараш бонг кардам басе,
Ки мискинтар аз саг надидам касе.
Чу хоҳӣ, ки дар қадри воло расӣ,
Зи шеби тавозуъ ба боло расӣ.
Дар ин ҳазрат онон гирифтанд садр,
Ки худро фурӯтар ниҳоданд қадр.
Чу сел андаромад ба ҳавлу ниҳеб,
Фитод аз баландӣ ба сар дар нишеб.
Чу шабнам бияфтод мискину хурд,
Ба меҳр остонаш ба айюқ[2] бурд.

ҲИКОЯТ

Гурӯҳе бар онанд аз аҳли сухун,
Ки Ҳотам асам[3] буд, бовар макун.

---

[1] **Нубоҳ** – овоз.
[2] **Айюқ** – номи ситора.
[3] **Асам** – кар.

Баромад танини магас бомдод,
Ки дар чанбари анкабуте фитод.
Ҳама заъфу хомӯшияш кайд буд,
Магас қанд пиндошташ, қайд буд.
Нигаҳ кард шайх аз сари эътибор,
Ки, эй пойбанди тамаъ, пой дор!
На ҳар ҷо шакар бошаду шаҳду қанд,
Ки дар гӯшаҳо дом боз асту банд.
Яке гуфт аз он ҳалқаи аҳли рой:
«Аҷаб дорам, эй марди роҳи Худой,
Магасро ту чун фаҳм кардӣ хурӯш,
Ки моро ба душворӣ омад ба ғӯш?
Ту, к-огоҳ гардӣ ба бонги магас,
Нашояд асам хонданат з-ин сипас».
Табассумкунон гуфташ: «Эй тезҳуш,
Асам беҳ ки гуфтори нохушнююш.
Касоне, ки бо мо ба хилват-даранд,
Маро айбпӯшу саногустаранд.
Чу пӯшида доранд ахлоқи дун,
Кунад ҳастиям зеру табъам забун.
Фаро менамоям, ки менашнавам,
Магар к-аз такаллуф мубарро шавам.
Чу колев[1] донандам аҳли нишаст,
Бигӯянд неку бадам, ҳар чӣ ҳаст.
Агар бад шунидан наёяд х(в)ашам,
Зи кирдори бад доман андаркашам.
Ба ҳабли ситоиш фаро чаҳ машав,
Чу Ҳотам асам бошу ғайбат шунав.

---

[1] Колев – нодон, ин ҷо ба маънои кар аст.

Саодат наҷусту саломат наёфт,
Ки гардан зи гуфтори Саъдӣ битофт.

ҲИКОЯТ

Азизе дар ақсои Табрез буд,
Ки ҳамвора бедору шабхез буд.
Шабе дид ҷое, ки дузде каманд
Бипечиду бар тарфи боме фиканд.
Касонро хабар карду ошӯб хост,
Зи ҳар ҷонибе мард бо чӯб хост.
Чу номардум овози мардум шунид,
Миёни хатар ҷои будан надид.
Ниҳебе аз он гирудор омадаш,
Гурези бавақт ихтиёр омадаш,
Зи раҳмат дили порсо мум шуд,
Ки шаб дузди бечора маҳрум шуд.
Ба торикӣ аз пай фароз омадаш,
Ба роҳи дигар пешбоз омадаш.
Ки, ёро, марав, к-ошнои туам,
Ба мардонагӣ хоки пои туам.
Надидам ба мардонагӣ чун ту кас,
Ки ҷанговарӣ бар ду навъ асту бас:
Яке пеши хасм омадан мардвор,
Дувум ҷон бадар бурдан аз корзор.
Бар ин ҳар ду хислат ғуломи туам!
Чӣ номӣ, ки мавлои номи туам.
Гарат рой бошад ба ҳукми карам,
Ба ҷое, ки медонамат, раҳ барам.
Сароест кӯтоҳу дар баста сахт,
Напиндорам он ҷо худованди рахт.
Кулӯхе ду болои ҳам барниҳем,
Яке пой бар дӯши дигар ниҳем.

Ба чандон ки дар даст афтад, бисоз,
Аз он беҳ, ки гардӣ тиҳидаст боз.
Ба дилдорию чоплусию фан
Кашидаш суи хонаи хештан.
Ҷавонмарди шабрав фурӯ дошт дӯш,
Ба китфаш баромад худованди ҳуш.
Ба ғалтоқу[1] дастору рахте, ки дошт,
Зи боло ба домони ӯ даргузошт.
В-аз он ҷо баровард ғавғо, ки дузд
Савоб, эй ҷавонону ёрию музд.
Бадар ҷаст аз ошӯб дузди дағал,
Давон ҷомаи порсо дар бағал.
Дилосуда шуд марди некэътиқод,
Ки саргаштаеро баромад мурод.
Хабисе, ки бар кас тараҳҳум накард,
Бибахшид бар вай дили некмард.
Аҷаб н-ояд аз сирати бихрадон,
Ки некӣ кунанд аз карам бо бадон.
Дар иқболи некон бадон мезиянд,
В-агарчи бадон аҳли некӣ наянд.

ҲИКОЯТ

Якеро чу Саъдӣ диле сода буд,
Ки бо содарӯе дарафтода буд.
Ҷафо бурдӣ аз душмани сахтгӯй,
Зи чавгони сахтӣ бихастӣ чу гӯй.
Ба кин чин бар абрӯ наяндохтӣ,
Зи ёрӣ ба тундӣ напардохтӣ.

---

[1] Ғалтоқ – порчаи кӯҳна.

Яке гуфташ: «Охир, туро нанг нест,
Хабар з-ин ҳама силию санг нест.
Тани хештан суғба[1] дунон кунанд,
Зи душман таҳаммул забунон кунанд.
Нашояд зи душман хато даргузошт,
Ки гўянд: «Ёрову мардӣ надошт».
Бад-ў гуфт шайдои шўридасар
Ҷавобе, ки шояд набиштан ба зар:
«Дилам хонаи меҳри ёр асту бас,
Аз он менагунҷад дар ў кини кас».
Чӣ хуш гуфт Баҳлули фархундахўй,
Чу бигзашт бар орифе ҷангҷўй:
«Гар ин муддаӣ дўст бишнохтӣ,
Ба пайкори душман напардохтӣ.
Гар аз ҳастии Ҳақ хабар доштӣ,
Ҳама халқро нест пиндоштӣ».

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Луқмон сияҳфом буд,
На танпарвару нозукандом буд.
Яке бандаи хеш пиндошташ,
Забун диду дар кори гил дошташ.
Ҷафо диду бо ҷавру қаҳраш бисохт,
Ба соле сарое зи баҳраш бисохт.
Чу пеш омадаш бандаи рафта боз,
Зи Луқмонаш омад ниҳебе фароз.
Ба пояш дарафтоду пўзиш намуд,
Бихандид Луқмон, ки пўзиш[2] чӣ суд?
Ба соле зи ҷаврат ҷигар хун кунам,
Ба як соат аз дил бадар чун кунам?

---

[1] Суғба – забун.
[2] Пўзиш – бахшоиш хостан.

Вале ҳам бибахшоям, эй некмард,
Ки суди ту моро зиёне накард.
Ту обод кардӣ шабистони хеш,
Маро ҳикмату маърифат гашт беш.
Ғуломест дар хайлам, эй некбахт,
Ки фамоямаш вақтҳо кори сахт.
Дигар раҳ наёзорамаш сахт дил,
Чу ёд оядам сахтии кори гил».
Ҳар он кас, ки ҷаври бузургон набурд,
Насӯзад дилаш бар заифони хурд.
Гар аз ҳокимон сахтат ояд сухун,
Ту бар зердастон дуруштӣ макун.
Накӯ гуфт Баҳромшаҳ бо вазир,
Ки душвор бо зердастон магир.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дар дашти Санъо Ҷунайд
Саге дид барканда дандони сайд.
Зи нерӯи сарпанҷаи шергир
Фурӯ монда оҷиз чу рӯбоҳи пир.
Пас аз азми оҳу гирифтан ба пай
Лагад хӯрдӣ аз гӯсфандони ҳай.
Чу мискину бетоқаташ диду реш,
Бад-ӯ дод як нима аз зоди хеш.
Шунидам, ки мегуфту хуш мегирист,
Кӣ донад, ки беҳтар зи мо ҳар ду кист?
Ба зоҳир ман имрӯз аз ин беҳтарам,
Дигар то чӣ ронад қазо бар сарам.
Гарам пои имон налағзад зи ҷой,
Ба сар барниҳам тоҷи афви Худой.
В-агар кисвати маърифат дар барам
Намонад, ба бисёр аз ин камтарам,

Ки саг бо ҳама зиштномӣ, чу мурд,
Мар ӯро ба дӯзах нахоҳанд бурд.
Раҳ ин аст, Саъдӣ, ки мардони роҳ
Ба иззат накарданд дар худ нигоҳ.
Аз он бар малоик шараф доштанд,
Ки худро беҳ аз саг напиндоштанд.

ҲИКОЯТ

Яке барбате дар бағал дошт маст,
Ба шаб дар сари порсое шикаст.
Чу рӯз омад, он некмарди салим
Бари сангдил бурд як мушт сим,
Ки дӯшина муъзур будию маст,
Турову маро барбату сар шикаст.
Маро беҳ шуд он захму бархост бим,
Туро беҳ нахоҳад шуд, илло ба сим.
Аз ин дӯстони Худо бар саранд,
Ки аз халқ бисёр бар сар х(в)аранд.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дар хоки Вахш аз меҳон
Яке буд дар кунҷи хилват ниҳон.
Муҷаррад ба маънӣ, на ориф ба далқ,
Ки берун кунад дасти хоҷат ба халқ.
Саодат кушода даре сӯи ӯ,
Дар аз дигарон баста дар рӯи ӯ.
Забоноваре бехирад саъй кард
Зи шӯхӣ ба бад гуфтани некмард,
Ки зинҳор аз ин макру дастону рев,
Ба ҷои Сулаймон нишастан чу дев.
Дамодам бишӯянд чун гурба рӯй,
Тамаъ карда дар сайди мушони кӯй.

Риёзат каш аз бахри ному ғурур,
Ки табли тиҳиро равад бонг дур.
Ҳаме гуфту халқе бар ӯ анҷуман,
Бар эшон тафарруҷкунон марду зан.
Шунидам, ки бигрист донои Вахш,
Ки, ё Раб, мар ин бандаро тавба бахш.
В-агар рост гуфт, эй Худованди пок,
Маро тавба деҳ, то нагардам ҳалок.
Писанд омад аз айбҷӯи х(в)адам,
Ки маълуми ман кард хӯи бадам.
Гар онӣ, ки душман-т гӯяд, маранҷ,
В-ар ӯ нестӣ, гӯ, бирав, бод санҷ.
Агар аблаҳе мушкро ганда гуфт,
Ту маҷмӯъ бош, ӯ пароканда гуфт.
В-агар меравад дар пиёз ин сухун,
Чунин аст, гӯ, гандамағзӣ макун.
Нагирад хирадманди равшанзамир
Забонбанди душман зи ҳангомагир.
На оини ақл асту рою хирад,
Ки доно фиреби мушаъбид харад.
Паси кори хеш он кӣ оқил нишаст,
Забони бадандеш бар худ бибаст.
Ту некӯравиш бош, то бадсигол
Наёбад ба нақси ту гуфтан маҷол.
Чу душворат омад зи душман сухун,
Нигар, то чӣ айбат гирифт, он макун.
Ҷуз он кас надонам накӯгӯи ман,
Ки равшан кунад бар ман оҳуи ман.

ҲИКОЯТ

Касе мушкиле бурд пеши Алӣ,
Магар мушкилашро кунад мунҷалӣ,
Амири адӯбанди кишваркушой
Ҷавобаш бигуфт аз сари илму рой.
Шунидам, ки шахсе дар он анҷуман
Бигуфто; «Чунин нест, ё булҳасан!»
Наранҷид аз ӯ Ҳайдари номҷӯй!
Бигуфт: «Ар ту донӣ аз ин беҳ, бигӯй»
Бигуфт, он чӣ донисту боиста гуфт,
Ба гил чашмаи хур нашояд ниҳуфт.
Писандид аз ӯ шоҳи мардон ҷавоб,
Ки ман бар хато будам, ӯ бар савоб.
Беҳ аз мо сухангӯи доно якест,
Ки болотар аз илми ӯ илм нест.
Гар имрӯз будӣ худованди ҷоҳ,
Накардӣ худ аз кибр дар вай нигоҳ.
Бадар кардӣ аз боргаҳ ҳоҷибаш,
Фурӯ кӯфтандӣ ба новоҷибаш,
Ки минбаъд беобрӯӣ макун,
Адаб нест пеши бузургон сухун.
Якеро, ки пиндор дар сар бувад,
Мапиндор ҳаргиз, ки ҳақ бишнавад.
Зи илмаш малол ояд, аз ваъз нанг,
Шақоиқ ба борон нарӯяд зи санг.
Гарат дури дарёи фазл аст, хез,
Ба тазкир дар пои дарвеш рез.
Набинӣ, ки аз хоки афтода хор
Бирӯяд гулу бишкуфад иавбаҳор.
Марез, эй ҳаким, остинҳои дур,
Чу мебинӣ аз хештан хоҷа пур.

Ба чашми касон дарнаёяд касе,
Ки аз худ бузургӣ намояд басе.
Магӯ, то бигӯянд шукрат ҳазор,
Чу худ гуфтӣ, аз кас таваққуъ мадор.

ҲИКОЯТ

Гадое, шунидам, ки дар танг ҷой,
Ниҳодаш Умар пой бар пушти пой.
Надонист дарвеши бечора, к-ӯст,
Ки ранҷида душман надонад зи дӯст.
Барошуфт бар вай, ки кӯрӣ магар?
Бад-ӯ гуфт солори одил Умар:
На кӯрам, валекин хато рафт кор,
Надонистам, аз ман гунаҳ даргузор».
Чӣ мунсиф бузургони дин будаанд,
Ки бо зердастон чунин будаанд.
Бинозанд фардо тавозуъкунон,
Нигун аз хиҷолат сари гарданон.
Агар мебитарсӣ зи рӯзи шумор,
Аз он к-аз ту тарсад, хато даргузор.
Макун хира бар зердастон ситам,
Ки дастест болои дасти ту ҳам.

ҲИКОЯТ

Яке хубкирдору хушхӯй буд,
Ки бадсиратонро накӯгӯй буд.
Ба хобаш касе дид, чун даргузашт,
Ки боре ҳикоят кун аз саргузашт.

Даҳоне ба ханда чу гул боз кард,
Чу булбул ба савте хуш оғоз кард,
Ки бар ман накарданд сахтӣ басе,
Ки ман сахт нагрифтаме бар касе.

ҲИКОЯТ

Чунин ёд дорам, ки саққои Нил,
Накард об бар Миср соле сабил.
Гурӯҳе суи кӯҳсорон шуданд,
Ба фарёд хоҳони борон шуданд.
Гиристанду аз гиря ҷӯе равон
Наёмад магар гиряи осмон.
Ба Зуннун хабар дод аз эшон касе,
Ки бар халқ ранҷ асту сахтӣ басе.
Фурӯмондагонро дуое бикун,
Ки мақбулро рад набошад сухун.
Шунидам, ки Зуннун ба Мадян гурехт,
Басе барнаёмад, ки борон бирехт.
Сабук азми бозомадан кард пир,
Ки пур шуд ба сели баҳорон ғадир[1].
Бипурсид аз ӯ орифе дар ниҳуфт:
«Чӣ ҳикмат дар ин рафтанат буд?» Гуфт:
«Шунидам, ки бар мурғу мӯру дадон
Шавад танг рӯзӣ ба феъли бадон.
Дар ин кишвар андеша кардам басе,
Парешонтар аз худ надидам касе.

[1] Ғадир – гавдоли об.

Бирафтам, мабодо, ки аз шарри ман
Бибандад дари хайр бар анҷуман».
Беҳӣ боядат, лутф кун, к-он беҳон
Надиданди аз худ батар дар ҷаҳон.
Ту он гаҳ шавӣ пеши мардум азиз,
Ки мар хештанро нагирӣ ба чиз.
Бузурге, ки худро ба хурде шумурд,
Ба дунёву уқбо бузургӣ бибурд.
Аз ин хокдон бандае пок шуд,
Ки дар пои камтар касе хок шуд.
Ало, эй, ки бар хоки мо бигзарӣ,
Ба хоки азизон, ки ёд оварӣ,
Ки гар хок шуд Саъдӣ, ӯро чӣ ғам,
Ки дар зиндагӣ хок будаст ҳам.
Ба бечорагӣ тан фаро хок дод,
В-агар гирди олам баромад чу бод.
Басе барнаёяд, ки хокаш х(в)арад,
Дигарбора бодаш ба олам барад.
Нигар, то гулистони маънӣ шукуфт,
Бар ӯ ҳеч булбул чунин хуш нагуфт.
Аҷаб, гар бимирад чунин булбуле,
Ки бар устухонаш нарӯяд гуле!

БОБИ ПАНҶУМ

ДАР РИЗО

Шабе зайти фикрат[1] ҳамесӯхтам,
Чароғи балоғат меафрӯхтам.
Парокандагӯе ҳадисам шунид,
Ҷуз аҳсант гуфтан тарикe надид.
Ҳам аз хубс навъе дар он дарҷ кард,
Ки ночор фарёд хезад зи дард,
Ки фикраш балиғ асту рояш баланд
Дар ин шеваи зуҳду томоту панд.
На дар хишту кӯполу гурзи гарон,
Ки ин шева хатм аст бар дигарон.
Надонам, ки моро сари ҷанг нест
В-агарна маҷоли сухан танг нест.
Тавонам, ки теғи забон баркашам,
Ҷаҳоне суханро қалам даркашам.
Биё, то дар ин шева чолиш кунем,
Сари хасмро санг болиш кунем.

***

Саодат ба бахшоиши довар аст,
На дар ҷангу бозуи зӯровар аст.
Чу давлат набахшад сипеҳри баланд,
Наёяд ба мардонагӣ дар каманд.
На сахтӣ расид аз заифӣ ба мӯр,
На шерон ба сарпанҷа хӯрданду зӯр.
Чу натвон бар афлок даст охтан,
Зарурист бо гардишаш сохтан.

---

[1] Зайти фикрат – равғани андеша.

Гарат зиндагонӣ набиштаст дер,
На морат газояд, на шамшеру шер.
В-агар дар ҳаётат намондаст баҳр,
Чунонат кунад нӯшдору, ки заҳр,
На Рустам чу поёни рӯзӣ бих(в)ард,
Шағод аз ниҳодаш баровард гард.

ҲИКОЯТ

Маро дар Сипоҳон яке ёр буд,
Ки ҷанговару шӯху айёр буд.
Мудомаш ба хун дасту ханҷар хизоб,
Бар оташ дили хасм аз ӯ чун кабоб.
Надидам-ш рӯзе, ки таркаш набаст,
Зи пӯлоди пайконаш оташ наҷаст.
Диловар ба сарпанҷае говзӯр,
Зи ҳавлаш ба шерон дарафтода шӯр.
Ба давъӣ чунон навак андохтӣ,
Адӯро ба ҳар як-як андохтӣ.
Чунон хор дар гул надидам, ки рафт,
Ки пайкони ӯ дар сипарҳои зафт[1].
Назад тораки ҷангҷӯе ба даст,
Ки хӯду сарашро на дарҳам шикаст.
Чу гунҷишк рӯзи малах дар набард,
Ба куштан чи гунҷишк пешаш, чи мард.
Гараш бар Фаридун будӣ тохтан,
Амонаш надодӣ ба теғ охтан.
Палангонаш аз зӯри сарпанҷа зер,
Фурӯ бурда чангол дар мағзи шер.

---

[1] Зафт – ғафс.

Гирифтӣ камарбанди ҷангозмой
В-агар кӯҳ будӣ, бикандӣ зи ҷой.
Зиреҳпӯшро чун табарзин задӣ,
Гузар кардӣ аз марду бар зин задӣ.
На дар мардӣ ӯро, на дар мардумӣ
Дувум дар ҷаҳон кас шунид одамӣ?
Маро як дам аз даст нагзоштӣ,
Ки бо росттабъон саре доштӣ.
Сафар ногаҳам з-он замин даррабуд,
Ки бешам дар он буқъа рӯзӣ набуд.
Қазо нақл кард аз Ироқам ба Шом,
Хуш омад дар он хоки покам мақом.
Маалқисса, чанде бибудам муқим
Ба ранҷу ба роҳат, ба уммеду бим.
Дигар пур шуд аз Шом паймонаам,
Кашид орзумандии хонаам.
Қазоро чунон иттифоқ уфтод,
Ки бозам гузар бар Ироқ уфтод.
Шабе сар фурӯ шуд ба андешаам,
Ба дил баргузашт он ҳунарпешаам.
Намак реши деринаам тоза кард,
Ки будам намакхӯрда аз дасти мард.
Ба дидори вай аз Сипоҳон шудам,
Ба меҳраш талабкору хоҳон шудам.
Ҷавон дидам аз гардиши даҳр пир,
Хадангаш камон, арғавонаш зарир.
Чу кӯҳи сапедаш сар аз барф мӯй,
Равон обаш аз барфи пирӣ ба рӯй.
Фалак дасти қувват бар ӯ ёфта,
Сари дасти мардиш бартофта.
Бадар карда гетӣ ғурур аз сараш,
Сари нотавонӣ ба зону-бараш.
Бад-ӯ гуфтам: «Эй сарвари шергир,
Чӣ фарсуда кардат чу рӯбоҳи пир?»

Бихандид, к-аз рӯзи ҷанги татар,
Бадар кардам он ҷангҷӯӣ зи сар.
Замин дидам аз найза чун найситон,
Гирифта аламҳо чу оташ дар он.
Барангехтам гарди ҳайҷо чу дуд,
Чу давлат набошад, таҳаввур[1] чӣ суд?
Ман онам, ки чун ҳамла овардаме,
Ба румҳ[2] аз каф ангуштарӣ бурдаме.
Вале чун накард ахтарам ёварӣ,
Гирифтанд гирдам чун ангуштарӣ.
Ғанимат шумурдам тарики гурез,
Ки нодон кунад бо қазо панҷа тез.
Чӣ ёрӣ кунад миғфару[3] ҷавшанам,
Чу ёрӣ накард ахтари равшанам.
Калиди зафар чун набошад ба даст,
Ба бозу дари фатҳ натвон шикаст.
Гурӯҳе палангафкану пилзӯр,
Дар оҳан сари марду сумми сутур.
Ҳамон дам, ки дидем гарди сипоҳ,
Зиреҳ ҷома кардему миғфар кулоҳ.
Чу абр асби тозӣ барангехтам,
Чу борон балорак[4] фурӯ рехтам.
Ду лашкар ба ҳам барзаданд аз камин,
Ту гуфтӣ заданд осмон бар замин.
Зи боридани тир ҳамчун тагарг[5]
Ба ҳар гӯша бархост тӯфони марг.
Ба сайди ҳужаброни пархошсоз,
Каманд аждаҳои даҳан карда боз.
Замин осмон шуд зи гарди кабуд,
Чу анҷум дар ӯ барқи шамшеру хӯд.

---

[1] Таҳаввур – далерӣ.
[2] Румҳ – найза.
[3] Миғфар – кулаҳхӯд.
[4] Балорак – шамшери ҷавҳардор.
[5] Тагарг – жола.

Саворони душман чу дарёфтем,
Пиёда сипар бар сипар тофтем.
Ба тиру синон мӯй бишкофтем,
Чу давлат набуд, рӯй бартофтем.
Чӣ зӯр оварад панҷаи ҷаҳди мард,
Чу бозуи тавфиқ ёрӣ накард?
На шамшери кундоварон[1] кунд буд,
Ки киновари з-ахтари тунд буд.
Кас аз лашкари мо зи ҳайҷо бурун
Наёмад, ҷуз оғушта хафтон ба хун.
Чу сад дона маҷмӯъ дар хӯшае,
Фитодем ҳар донае гӯшае.
Ба номардӣ аз ҳам бидодем даст,
Чу моҳӣ, ки бо ҷавшан афтад ба шаст.
Касонро нашуд новак андар ҳарир,
Ки гуфтам, бидӯзанд сандон ба тир.
Чу толиъ зи мо рӯй бар печ буд,
Сипар пеши тири қазо ҳеч буд.
Аз ин булаҷабтар ҳадисе шунав,
Ки бе бахт кӯшиш наярзад ду ҷав.

ҲИКОЯТ

Яке оҳанинпанҷа дар Ардабил
Ҳаме бигзаронид белак[2] зи бел.
Намадпӯше омад ба ҷангаш фароз,
Ҷавоне ҷаҳонсӯзу пайкорсоз.
Ба пархош ҷустан чу Баҳроми Гӯр,
Каманде ба китфаш-бар аз хоми гӯр.

---

[1] Кундоварон – далерон.
[2] Белак – навъе пайкон.

Чу дид Ардабилӣ намадпорапӯш,
Камон дар зеҳ оварду зеҳро ба гӯш.
Ба панҷоҳ тири хадангаш бизад,
Ки як чӯба берун нарафт аз намад.
Даромад намадпӯш чун Соми гурд,
Ба хамми камандаш даровард бурд.
Ба лашкаргаҳаш бурду дар хайма даст,
Чу дуздони хунӣ ба гардан бибаст.
Шаб аз ғайрату шармсорӣ нахуфт,
Саҳаргаҳ парасторе аз хайма гуфт:
«Ту, к-оҳан ба новак бидӯзию тир,
Намадпӯшро чун фитодӣ асир?»
Шунидам, ки мегуфту хун мегирист,
Надонӣ, ки рӯзи аҷал кас назист?
Ман онам, ки дар шеваи таъну зарб
Ба Рустам даромӯзам одоби ҳарб.
Чу бозуи бахтам қавиҳол буд,
Ситабрии белам намад менамуд.
Кунунам, ки дар панҷа иқбел нест,
Намад пеши тирам кам аз бел нест.
Ба рӯзи аҷал найза ҷавшан дарад,
Зи пироҳани беаҷал нагзарад.
Киро теғи қаҳри аҷал дар қафост,
Бараҳна-ст, агар ҷавшанаш чанд ло-ст.
В-араш бахт ёвар бувад, даҳр пушт,
Бараҳна нашояд ба сотур кушт.
На доно ба саъй аз аҷал ҷон бибурд,
На нодон ба носозхӯрдан бимурд.

ҲИКОЯТ

Шабе курде аз дарди паҳлӯ нахуфт,
Табибе дар он ноҳият буду гуфт:

«Аз ин даст, к-ӯ барги раз[1] мех(в)арад,
Аҷаб дорам, ар шаб ба поён барад,
Ки дар сина пайкони тири татор
Беҳ аз сиқли[2] маъкули[3] носозгор.
Гар афтад ба як луқма дар рӯда печ,
Ҳама умри нодон барояд ба ҳеч».
Қазоро табиб андар он шаб бимурд,
Чиҳил сол аз ин рафту зинда-аст курд.

ҲИКОЯТ

Яке рустоӣ сақат[4] шуд хараш,
Алам кард бар токи бустон сараш.
Ҷаҳондида пире бар ӯ баргузашт,
Чунин гуфт хандон ба нотури[5] дашт:
Мапиндор ҷони падар, к-ин ҳимор[6]
Кунад дафъ чашми бад аз киштзор.
Ки ин дафъи чӯб аз сару гӯши хеш
Намекард, то нотавон мурду реш.
Чӣ донад табиб аз касе ранҷ бурд,
Ки бечора хоҳад худ аз ранҷ мурд.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки диноре аз муфлисе
Бияфтоду мискин биҷусташ басе.
Ба охир сари ноумедӣ битофт,
Яке дигараш ноталаб карда ёфт.

---

[1] Раз – ток.
[2] Сиқл – сангинӣ.
[3] Маъкул – хӯрданӣ.
[4] Сақат – нобуд.
[5] Нотур – даштбон.
[6] Ҳимор – ҳайвони саворӣ.

Ба бадбахтию некбахтӣ қалам
Бигардиду мо ҳамчунон дар шикам.
На рӯзӣ ба сарпанҷагӣ мех(в)аранд,
Ки сарпанҷагон тангрӯзитаранд.
Басо чорадоно ба сахтӣ бимурд,
Ки бечора гӯи саломат бибурд

ҲИКОЯТ

Фурӯ кӯфт пире писарро ба чӯб,
Бигуфт: «Эй падар, бегуноҳам макӯб.
Тавон бар ту аз ҷаври мардум гирист,
Вале чун ту ҷаврам кунӣ, чора чист?»
Ба довар хӯруш, эй худованди ҳуш,
На аз дасти довар баровар хурӯш.

ҲИКОЯТ

Баландахтаре, номи ӯ Бахтёр
Қавидастгаҳ буду сармоядор.
Ба кӯи гадоён-дараш хона буд,
Зараш ҳамчу гандум ба паймона буд.
Ҳам ӯро дар он буқъа зар буду мол,
Дигар тангдастони баргаштаҳол.
Чу дарвеш бинад тавонгар ба ноз,
Дилаш беш сӯзад ба доғи ниёз.
Зане ҷанг пайваст бо шӯи хеш,
Шабонгаҳ, чу рафташ тиҳидаст пеш,
Ки кас чун ту бадбахту дарвеш нест,
Чу занбӯри сурхат ба ҷуз неш нест.
Биёмӯз мардӣ зи ҳамсоягон,
Ки охир наям қаҳбаи ройгон.

Касонро зару симу мулк асту рахт,
Чаро ҳамчу эшон най некбахт?
Баровард софидили суфпӯш
Чу табл аз тиҳигоҳи холӣ хурӯш,
Ки ман дасти қудрат надорам ба ҳеч,
Ба сарпанҷа дасти қазо бармапеч.
Накарданд дар дасти ман ихтиёр,
Ки мар хештанро кунам бахтёр.
Яке пири дарвеш дар хоки Кеш
Чӣ хуш гуфт бо ҳамсари зишти хеш:
«Чу дасти қазо зиштрӯят сиришт,
Маяндой гулгуна бар рӯи зишт.
Кӣ ҳосил кунад некбахтӣ ба зӯр?
Ба сурма кӣ бино кунад чашми кӯр?»
Наёяд накӯкорӣ аз бадрагон,
Муҳол аст дӯзандагӣ аз сагон,
Ҳама файласуфони Юнону Рум
Надонанд кард ангабин аз зақум.
Зи ваҳшӣ наёяд, ки мардум шавад,
Ба сайъ андар ӯ тарбият гум шавад.
Тавон пок кардан зи занг оина,
Валекин наёяд зи санг оина.
Ба кӯшиш нарӯяд гул аз шохи бед,
На зангӣ ба гармоба гардад сапед.
Чу рад менагардад хаданги қазо,
Сипар нест мар бандаро ҷуз ризо.

ҲИКОЯТ

Чунин гуфт пеши заған каргасе,
Ки набвад зи ман дурбинтар касе.

Заган гуфт: «Аз ин дар нашояд гузашт,
Биё, то чӣ бинӣ бар атрофи дашт?»
Шунидам, ки миқдори якрӯза роҳ
Бикард аз баландӣ ба пастӣ нигоҳ.
Чунин гуфт: «Дидам, гарат бовар аст,
Ки як дона гандум ба ҳомун-дар аст».
Зағанро намонд аз тааҷҷуб шикеб,
Зи боло ниҳоданд сар дар нишеб.
Чу каргас бари дона омад фароз,
Гиреҳ шуд бар ӯ пойбанде дароз.
Надонист аз он донае х(в)арданаш,
Ки даҳр афканад дом дар гарданаш.
На обастани дур бувад ҳар садаф,
На ҳар бор шотир[1] занад бар ҳадаф.
Заған гуфт: «Аз он дона дидан чӣ суд,
Чу биноии доми хасмат набуд?»
Шунидам, ки мегуфт: «Гардан бибанд,
Набошад ҳазар бо қадар судманд,
Аҷал чун ба хунаш бароварад даст,
Қазо чашми борикбинаш бубаст.
Дар обе, ки пайдо нагардад канор,
Ғурури шиновар наёяд ба кор.

ҲИКОЯТ

Чӣ хуш гуфт шогирди мансуҷбоф,
Чу анқо бароварду пилу зуроф:
«Маро сурате барнаёяд зи даст,
Ки нақшаш муаллим зи боло набаст.
Гарат сурати ҳол бад ё накӯст,
Нигорандаи дасти тақдир ӯст.

---

[1] Шотир – чолок, моҳир.

Дар ин навъе аз ширки пӯшида ҳаст,
Ки Зайдам биёварду Амрам бихаст.
Гарат дида бахшад Худованди амр,
Набинӣ дигар сурати Зайду Амр.
Напиндорам, ар банда дам даркашад,
Худояш ба рӯзӣ қалам даркашад.
Ҷаҳонофаринат кушоиш диҳод,
Ки гар вай бибандад, кӣ донад кушод?!

ҲИКОЯТ

Шутурбачча бо модари хеш гуфт:
«Пас аз рафтан охир замоне бихуфт!»
Бигуфт: «Ар ба дасти ман астӣ маҳор,
Надидӣ касам боркаш дар қатор».
Қазо киштӣ он ҷо ки хоҳад, барад,
В-агар ноxудо ҷома бар тан дарад.
Макун, Саъдиё, дида бар дасти кас,
Ки бахшанда Парвардгор асту бас.
Агар ҳақпарастӣ, зи дарҳо басат,
Ки гар вай биронад, нахонад касат.
Гар ӯ некбахтат кунад, сар барор,
В-агарна сари ноумедӣ бихор.

***

Ибодат ба ихлоси нийят накӯст,
В-агарна чӣ ояд зи бемағз пӯст?
Чи зуннори муғ дар миёнат, чи далқ.
Ки дарпӯшӣ аз баҳри пиндори халқ?
Макун, гуфтамат, мардии хеш фош,
Чу мардӣ намудӣ, муханнас мабош.
Ба андозаи буд бояд намуд,
Хиҷолат набурд, он кӣ нанмуду буд,

Ки чун орият барканананд аз сараш,
Бимонад куҳанҷомае дар бараш.
Агар кӯтаҳӣ, пои чӯбин мабанд,
Ки дар чашми тифлон намоӣ баланд.
В-агар нукраандуд бошад нуҳос[1],
Тавон харҷ кардан бари ношинос.
Манеҳ, ҷони ман, оби зар бар пашиз,
Ки саррофи доно нагирад ба чиз.
Зарандудагонро ба оташ баранд,
Падид ояд он гаҳ, ки мис ё заранд.

***

Надонӣ, ки Бобои Кӯҳӣ чӣ гуфт
Ба марде, ки номусро шаб нахуфт:
«Бирав, ҷони бобо, дар ихлос печ,
Ки натвонӣ аз халқ барбаст ҳеч.
Касоне, ки феълат писандидаанд,
Ҳанӯз аз ту нақши бурун дидаанд.
Чӣ қадр оварад бандаи ҳурдес[2],
Ки зери қабо дорад андоми пес.
Нашояд ба дастон[3] шудан дар биҳишт,
Ки бозат равад чодар аз рӯи зишт».

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ноболиғе рӯза дошт,
Ба сад меҳнат овард рӯзе ба чошт.

---

[1] Нуҳос – мисс.
[2] Ҳурдес – ҳурмонанд.
[3] Дастон – макру найранг.

Ба куттобаш он рӯз соиқ[1] набурд.
Бузург омадаш тоат аз тифли хурд.
Падар дида бӯсиду модар сараш,
Фишонданд бодому зар бар сараш.
Чу бар вай гузар кард як нимарӯз,
Фитод андар ӯ з-оташи меъда сӯз.
Ба дил гуфт: «Агар луқма чанде х(в)арам,
Чӣ донад падар ғайб ё модарам?»
Чу рӯи писар дар падар буду қавм,
Ниҳон хӯрду пайдо ба сар бурд савм[2].
Кӣ донад, чу дар банди Ҳақ нестӣ,
Агар бевузӯ дар намоз истӣ.
Пас ин пир аз он тифл нодонтар аст,
Ки аз баҳри мардум ба тоат-дар аст.
Калиди дари дӯзах аст он намоз,
Ки дар чашми мардум гузорӣ дароз.
Агар ҷуз ба Ҳақ меравад ҷодаат,
Дар оташ фишонанд саҷҷодаат.

ҲИКОЯТ

Сияҳкоре аз нардбоне фитод,
Шунидам, ки ҳам дар нафас ҷон бидод.
Писар чанд рӯзе гиристан гирифт,
Дигар бо ҳарифон нишастан гирифт.
Ба хоб-андараш диду пурсид ҳол,
Ки чун растӣ аз ҳашру нашру суол?
Бигуфт: «Эй писар, қисса бар ман махон,
Ба дӯзах дарафтодам аз нардбон».

---

[1] Соиқ – пешбаранда.
[2] Савм – рӯза.

Накӯсирате бетакаллуфбурун
Беҳ аз некноме харобандарун.
Ба наздики ман шабрави роҳзан
Беҳ аз фосиқи порсопираҳан.
Яке бар дари халқ ранҷозмой,
Чӣ муздаш диҳад дар қиёмат Худой?!
Зи Амр, эй писар, чашми уҷрат мадор,
Чу дар хонаи Зайд бошӣ ба кор.
Нагӯям, тавонад расидан ба дӯст,
Дар ин раҳ ҷуз он кас, ки рӯяш дар ӯст.
Раҳи рост рав, то ба манзил расӣ,
Ту бар раҳ наӣ, з-ин қибал вопасӣ.
Чу говӣ, ки ассор[1] чашмаш бибаст,
Давон то ба шаб, шаб ҳамон ҷо ки ҳаст.
Касе гар битобад зи меҳроб рӯй,
Ба куфраш гувоҳӣ диҳанд аҳли кӯй.
Ту ҳам пушт бар қиблаӣ дар намоз,
Гарат дар Худо нест рӯи ниёз.
Дарахте, ки бехаш бувад барқарор,
Бипарвар, ки рӯзе диҳад мева бор.
Гарат бехи ихлос дар бум нест,
Аз ин бар касе чун ту маҳрум нест.
Ҳар он к-афканад тухм бар рӯи санг,
Ҷаве вақти дахлаш наёяд ба чанг.
Манеҳ обрӯи риёро маҳал,
Ки ин об дар зер дорад ваҳал.
Чу дар хуфя бад бошаму хоксор,
Чӣ суд оби номус бар рӯи кор?
Ба рӯю риё хирқа саҳл аст дӯхт,
Гараш бо Худо дартавонӣ фурӯхт.
Чӣ донанд мардум, ки дар ҷома кист?
Нависанда донад, ки дар нома чист.

---

[1] Ассор – ҷувозкаш.

Чӣ вазн оварад ҷое анбони бод,
Ки мизони ақл асту девони дод?
Мурое[1], ки чандин вараъ менамуд,
Бидиданду ҳечаш дар анбон набуд.
Кунанд абра покизатар з-остар,
Ки он дар ҳиҷоб асту ин дар назар.
Бузургон фароғ аз назар доштанд,
Аз он парниён остар доштанд.
В-ар овоз хоҳӣ дар иқлим фош,
Бурун ҳулла кун, гӯ, дарун ҳашв бош.
Ба бозӣ бигуфт ин сухан Боязид,
Ки аз мункар эминтарам, к-аз мурид.
Касоне, ки султону шоҳаншаҳанд,
Саросар гадоёни ин даргаҳанд.
Тамаъ дар гадо марди маънӣ набаст,
Нашояд гирифтан дар афтода даст.
Ҳамон беҳ, гар обастани гавҳарӣ,
Ки ҳамчун садаф сар ба худ дарбарӣ.
Чу рӯи парастиданат дар Худост,
Агар Ҷабраилат набинад, равост.
Туро панди Саъдӣ бас аст, эй писар,
Агар гӯш гирӣ, чу панди падар.
Гар имрӯз гуфтори мо нашнавӣ,
Мабодо, ки фардо пушаймон шавӣ.
Аз ин беҳ насиҳатгарӣ боядат,
Надонам, пас аз ман чӣ пеш оядат!

БОБИ ШАШУМ

ДАР ҚАНОАТ

Худоро надонисту тоат накард,
Ки бар бахту рӯзӣ қаноат накард.

---

[1] Муро – риёкор.

Қаноат тавонгар кунад мардро,
Хабар кун ҳариси ҷаҳонгардро.
Сукуне ба даст овар, эй бесабот,
Ки бар санги гардон нарӯяд набот.
Мапарвар тан, ар марди рою ҳушӣ,
Ки ӯро чу мепарварӣ, мекушӣ.
Хирадманд мардум ҳунар парваранд,
Ки танпарварон аз ҳунар лоғаранд.
Касе сирати одамӣ гӯш кард,
Ки аввал саги нафс хомӯш кард.
Хуру хоб танҳо тариқи дад аст,
Бар ин будан оини нобихрад аст.
Хунук некбахте, ки дар гӯшае
Ба даст орад аз маърифат тӯшае.
Бар онон, ки шуд сирри Ҳақ ошкор,
Накарданд ботил бар ӯ ихтиёр,
Валекин чу зулмат надонад зи нур,
Чи дидори деваш, чи рухсори ҳур.
Ту худро аз он дар чаҳ андохтӣ,
Ки чаҳро зи раҳ бознашнохтӣ.
Бар авҷи фалак чун парад ҷурработ[1],
Ки дар шаҳпараш бастаӣ санги оз?
Гараш доман аз чанги шаҳват раҳо
Кунӣ, рафт то сидратулмунтаҳо.
Ба кам кардан аз одати хеш х(в)ард
Тавон хештанро малакхӯй кард.
Куҷо шери ваҳшӣ расад дар малак?
Нашояд парид аз саро то фалак.
Нахуст одамисиратӣ пеша кун,
Пас он гаҳ малакхӯй андеша кун.

---

[1] Ҷӯрабоз – бози нар, бози сафеди чолок.

Ту бар курраи тавсанӣ бар камар,
Нигар, то напечад зи ҳукми ту сар,
Ки гар полҳанг[1] аз кафат даргусехт,
Тани хештан кушту хуни ту рехт.
Ба андоза хур зод, агар мардумӣ,
Чунин пуршикам, одамӣ ё хумӣ?
Дарун ҷои қут асту зикру нафас,
Ту пиндорӣ, аз баҳри нон асту бас.
Кучо зикр гунчад дар анбори оз?
Ба сахтӣ нафас мекашад по дароз.
Надоранд танпарварон огаҳӣ,
Ки пурмеъда бошад зи ҳикмат тиҳӣ.
Ду чашму шикам пур нагардад ба ҳеч,
Тиҳӣ беҳтар ин рӯдаи печ-печ.
Чу дӯзах, ки сераш кунанд аз вақид[2],
Дигар бонг дорад, ки ҳал ман мазид.
Ҳаме мирадат Исӣ аз логарӣ,
Ту дар банди онӣ, ки хар парварӣ.
Ба дин, эй фурӯмоя, дунё махар,
Ту харро ба «Инҷил»-и Исо махар.
Магар менабинӣ, ки дадрову дом[3]
Наяндохт ҷуз ҳирси хӯрдан ба дом.
Паланге, ки гардан кашад бар вуҳуш,
Ба дом афтад аз баҳри хӯрдан чу муш.
Чу муш он кӣ нону панираш хурӣ,
Ба домаш дарафтию тираш хурӣ.

---

[1] Полҳанг – каманд.
[2] Вақид – ҳезум.
[3] Даду дом – ҳайвоноти ваҳшию хонагӣ.

ҲИКОЯТ

Маро ҳочие шонаи оч дод,
Ки раҳмат бар ахлоқи ҳуччоч бод!
Шунидам, ки боре сагам хонда буд,
Ки аз ман ба навъе дилаш монда буд.
Бияндохтам шона, к-ин устухон
Намебоядам, дигарам саг махон.
Мапиндор, чун сиркаи худ х(в)арам,
Ки ҷаври худованди ҳалво барам.
Қаноат кун, эй нафс, бар андаке,
Ки султону дарвеш бинӣ яке.
Чаро пеши хусрав ба хоҳиш равӣ?
Чу як сӯ ниҳодӣ тамаъ, хусравӣ!
В-агар худпарастӣ, шикам табла кун,
Дари хонаи ину он қибла кун.

ҲИКОЯТ

Яке буртамаъ пеши Хоразмшоҳ
Шунидам, ки шуд бомдоде пагоҳ.
Чу дидаш, ба хидмат дуто гашту рост,
Дигар рӯй бар хок молиду хост.
Писар гуфташ: «Эй бобаки номҷӯй,
Яке мушкилат мебипурсам, бигӯй.
Нагуфтӣ, ки қибла-ст сӯи Ҳиҷоз,
Чаро кардӣ имрӯз аз ин сӯ намоз?»

***

Мабар тоати нафси шаҳватпараст,
Ки ҳар соаташ қиблае дигар аст.
Мабар, эй бародар, ба фармон-ш даст,
Ки ҳар кас, ки фармон набурдаш, бираст.

Қаноат сар афрозад, эй марди ҳуш,
Сари пуртамаъ барнаёяд зи дӯш.
Тамаъ обрӯи ту охир бирехт,
Барои ду ҷав домане дур бирехт.
Чу сероб хоҳӣ шудан з-оби ҷӯй,
Чаро резӣ аз баҳри барф обрӯй?
Магар аз танаъъум шикебо шавӣ,
В-агарна зарурат ба дарҳо шавӣ.
Бирав, хоҷа, кӯтоҳ кун дасти оз,
Чӣ мебоядат з-остини дароз?!»
Касеро, ки дурҷи тамаъ дарнавишт,
Набояд ба кас абду ходим набишт.
Таваққуъ биронад зи ҳар маҷлисат,
Бирон аз худат, то наронад касат.

ҲИКОЯТ

Якеро таб омад зи соҳибдилон,
Касе гуфт: «Шаккар бихоҳ аз фалон!»
Бигуфт: «Эй писар, талхии мурданам
Беҳ аз ҷаври рӯи туруш бурданам!».
Шакар оқил аз дасти он кас нах(в)ард,
Ки рӯй аз такаббур бар ӯ сирка кард.
Марав дар пайи ҳар чӣ дил хоҳадат,
Ки тамкини тан нури ҷон коҳадат.
Кунад мардро нафси аммора хор,
Агар ҳушмандӣ, азизаш мадор.
Агар ҳар чӣ бошад муродат, х(в)арӣ,
Зи даврон басе номуродӣ барӣ.
Танӯри шикам дам ба дам тофтан
Мусибат бувад рӯзи ноёфтан.
Ба тангӣ бирезонадат рӯй ранг,
Чу вақти фарохӣ кунӣ меъда танг.

Кашад марди пурхора бори шикам,
В-агар дарнаёбад, кашад бори ғам.
Шикамбанда бисёр бинӣ хиҷил,
Шикам пеши ман танг беҳтар, ки дил.

ҲИКОЯТ

Чӣ овардам аз Басра, донӣ, аҷаб,
Ҳадисе, ки ширинтар аст аз рутаб:
Тане чанд дар хирқаи ростон
Гузаштем бар тарфи хурмоситон.
Яке дар миён меъдаанбор буд,
Зи пурхории хеш бас хор буд.
Миён баст мискину шуд бар дарахт,
В-аз он ҷо ба гардан дарафтод сахт.
На ҳар бор хурмо тавон хӯрду бурд,
Латанбони бад оқибат хӯрду мурд.
Раиси деҳ омад, ки инро кӣ кушт?
Бигуфтам: «Мазан бонг бар мо дурушт.
Шикам доман андаркашидаш зи шох,
Бувад тангдил рӯдагоне фарох».
Шикам банди даст асту занҷири пой,
Шикамбанда нодир парастад Худой.
Саросар шикам шуд малах, лоҷарам,
Ба пояш кашад мӯри кӯчакшикам.
Бирав, андаруне ба даст ор пок,
Шикам пур нахоҳад шуд, илло ба хок!

ҲИКОЯТ

Шикам сӯфиеро забун карду фарҷ,
Ду динор бар ҳардувон кард харҷ.
Яке гуфташ аз дӯстон дар ниҳуфт:
«Чӣ кардӣ бад-ин ҳар ду динор?» Гуфт:

«Ба диноре аз пушт рондам нишот,
Ба дигар шикамро кашидам симот.
Фурӯмоягӣ кардаму аблаҳӣ,
Ки ин ҳамчунон пур нашуд в-он тиҳӣ».
Ғизо гар латиф асту гар сарсарӣ,
Чу дерат ба даст уфтад, хуш х(в)арӣ.
Сар он гаҳ ба болин ниҳад ҳушманд,
Ки хобаш ба қаҳр оварад дар каманд.
Маҷоли сухан то наёбӣ, магӯй,
Чу майдон набинӣ, нигаҳ дор гӯй.
В-аз андоза берун марав пеши зан,
На девонаӣ, теғ бар худ мазан.
Ба берағбатӣ шаҳват ангехтан
Ба рағбат бувад хуни худ рехтан.

ҲИКОЯТ

Яке найшакар дошт бар табгарӣ[1],
Чапу рост гарданда бар муштарӣ.
Ба соҳибдиле гуфт дар кунҷи деҳ,
Ки бистону чун даст ёбӣ, бидеҳ.
Бигуфт он хирадманди зебосиришт
Ҷавобе, ки бар дида бояд набишт:
«Туро сабр бар ман набошад магар,
Валекин маро бошад аз найшакар.
Ҳаловат набошад шакар дар наяш,
Чу бошад тақозои талх аз паяш».

ҲИКОЯТ

Якеро зи мардони равшанзамир
Амири Хутан дод тоқе ҳарир.

---

[1] Табғарӣ – табақча.

Зи шодӣ чу гулбарги хандон шукуфт,
Бипӯшиду дасташ бибӯсиду гуфт:
«Чӣ хуб аст ташрифи шоҳи Хутан,
В-аз он хубтар хирқаи хештан.
Гар озодаӣ, бар замин хусбу бас,
Макун баҳри қолӣ заминбӯси кас.

ҲИКОЯТ

Яке нонхуриш ҷуз пиёзе надошт,
Чу дигар касон баргу созе надошт.
Пароқандае гуфташ: «Эй хоксор,
Бирав, табхе аз хони яғмо биёр.
Бихоҳу мадор аз кас, эй хоҷа, бок,
Ки мақтӯъ-рӯзӣ бувад шармнок».
Қабо басту чобук навардид даст,
Қабояш дариданду дасташ шикаст.
Шунидам, ки мегуфту хун мегирист,
Ки ин нафси худкардаро чора чист?
Балоҷӯй бошад гирифтори оз,
Ману хони ман буд нону пиёз.
Ҷавине, ки аз саъйи бозу х(в)арам,
Беҳ аз майда бар хони аҳли карам.
Чӣ дилтанг хуфт он фурӯмоя дӯш,
Ки бар суфраи дигарон дошт гӯш.

ҲИКОЯТ

Яке гурба дар хонаи зол буд,
Ки баргаштаайёму бадҳол буд.
Равон шуд ба меҳмонсаройи амир,
Ғуломони султон задандаш ба тир.
Чакон хунаш аз устухон медавид,
Ҳамегуфту аз ҳавли ҷон медавид.

Агар частам аз дасти ин тирзан,
Ману мушу вайронаи пирзан.
Наярзад асал, чони ман, захми неш,
Қаноат накӯтар ба дӯшоби[1] хеш.
Худованд аз он банда хурсанд нест,
Ки розӣ ба қисми Худованд нест.

ҲИКОЯТ

Яке тифл дандон бароварда буд,
Падар сар ба фикрат фурӯ бурда буд,
Ки ман нону барг аз кучо орамаш,
Мурувват набошад, ки бигзорамаш.
Чу бечора гуфт ин сухан назди чуфт,
Нигар, то зан ӯро чӣ мардона гуфт:
«Махур ҳавли Иблис, то чон диҳад,
Ҳам он кас, ки дандон диҳад, нон диҳад.
Тавоност, охир, Худованди рӯз,
Ки рӯзӣ расонад, ту чандин масӯз.
Нигорандаи кӯдак андар шикам
Нависандаи умру рӯзист ҳам.
Худовандгоре, ки абде[2] харид,
Бидорад факайф, он кӣ абд офарид.
Туро нест ин такя бар кирдгор,
Ки мамлукро[3] бар Худовандгор».

---

[1] Дӯшоб – шираи ангур.
[2] Абд – банда.
[3] Мамлук – ғулом, банда.

***

Шунидам, ки дар рӯзгори қадим
Шудӣ санг дар дасти абдол сим.
Напиндорӣ ин қавл маъқул нест,
Чу қонеъ шудӣ, симу сангат якест.
Чу тифл андарун дорад аз ҳирс пок,
Чи муште зараш пеши ҳиммат, чи хок.
Хабар деҳ ба дарвеши султонпараст,
Ки султон зи дарвеш мискинтар аст.
Гадоро кунад як дирам сим сер,
Фаридун ба мулки Аҷам нимсер.
Нигаҳбонии мулку давлат балост,
Гадо подшоҳ асту номаш гадост.
Гадое, ки бар хотираш банд нест,
Беҳ аз подшоҳе, ки хурсанд нест.
Бихусбанд хуш рустоию ҷуфт
Ба завқе, ки султон дар айвон нахуфт.
Агар подшоҳ асту гар пинадӯз,
Чу хуфтанд, гардад шаби ҳар ду рӯз.
Чу селоби хоб омаду мард бурд,
Чи бар тахти султон, чи бар дашти курд.
Чу бинӣ тавонгар сар аз кибр маст,
Бирав, шукри Яздон кун, эй тангдаст!
Надорӣ, биҳамдиллаҳ, он дастрас,
Ки бархезад аз дастат озори кас.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки соҳибдиле некмард
Яке хона бар қомати хеш кард.
Касе гуфт: «Медонамат дастрас,
К-аз ин хона беҳтар кунӣ? Гуфт: «Бас.

Чӣ мехоҳам аз торам афроштан,
Ҳаминам бас аз баҳри бигзоштан».
Макун хона бар роҳи сел, эй ғулом,
Ки касро нагашт ин иморат тамом.
На аз маърифат бошаду ақлу рой,
Ки бар раҳ кунад корвонӣ сарой.

ҲИКОЯТ

Яке салтанатрони соҳибшукӯҳ
Фурӯ хост рафт офтобаш ба кӯҳ.
Ба шайхе дар он букъа кишвар гузошт,
Ки дар дуда қоиммақоме надошт.
Чу хилватнишин кӯси давлат шунид,
Дигар завқ дар кунҷи хилват надид.
Чапу рост лашкар кашидан гирифт,
Дили пурдилон з-ӯ рамидан гирифт.
Чунон сахтбозу шуду тезчанг,
Ки бо ҷангҷӯён талаб кард ҷанг.
Зи қавми пароканда халқе бикушт,
Дигар ҷамъ гаштанд ҳамрою пушт.
Чунон дар ҳисораш кашиданд танг,
Ки оҷиз шуд аз тирборону санг.
Бари некмарде фиристод кас,
Ки саъбам фурӯмонда, фарёд рас!
Ба ҳиммат мадад кун, ки шамшеру тир
На дар ҳар вағое бувад дастгир.
Чу бишнид обид, бихандиду гуфт:
«Чаро нимноне нахӯрду нахуфт?
Надонист Қоруни неъматпараст,
Ки ганҷи саломат ба кунҷ-андар аст.
Камол аст дар нафси марди карим,
Гараш зар набошад, чӣ нуқсону бим.

Мапиндор, агар сифла Қорун шавад,
Ки табъи лаимаш дигаргун шавад.
В-агар дарнаёбад карампеша нон,
Ниҳодаш тавонгар бувад ҳамчунон.
Мурувват замин асту сармоя заръ,
Бидеҳ, к-асл холӣ намонад зи фаръ.
Худое, ки аз хок мардум кунад,
Аҷаб дорам, ар мардумӣ гум кунад.
Зи неъмат ниҳодан баландӣ маҷӯй,
Ки нохуш кунад оби истода бӯй.
Ба бахшандагӣ кӯш, к-оби равон
Ба селаш мадад мерасад з-осмон.
Гар аз ҷоҳу давлат бияфтад лаим,
Дигарбора нодир[1] шавад мустақим.
В-агар қиматигавҳарӣ, ғам мадор,
Ки зоеъ нагардонадат рӯзгор.
Кулӯх арчи афтода бошад ба роҳ,
Набинӣ, ки дар вай кунад кас нигоҳ.
В-агар хурдаи зар ба дандони гоз
Бияфтад, ба шамъаш биҷӯянд боз.
Бадар мекунанд обгина зи санг,
Куҷо монад оина дар зери занг?
Писандидаву нағз бояд хисол,
Ки гаҳ ояду гаҳ равад ҷоҳу мол.

ҲИКОЯТ

Шунидам зи пирони ширинсухан,
Ки буд андар ин шаҳр пире куҳан.
Басе дида шоҳону даврону амр,
Сар оварда умре зи таърихи Амр.

---

[1] Нодир – кам, аҳёнан.

Дарахти куҳан меваe тоза дошт,
Ки шаҳр аз накӯӣ пуровоза дошт.
Аҷаб дар занахдони он дилфиреб,
Ки ҳаргиз набудаст бар сарв себ.
Зи шӯхию мардум харошиданаш
Фараҷ дид дар сар тарошиданаш.
Ба Мӯсо куҳанумри кӯтаҳумед
Сараш кард чун дасти Мӯсо сапед.
Зи сартезӣ он оҳаниндил, ки буд,
Ба айби парирух забон баркушуд.
Ба мӯе, ки кард аз накӯиш кам,
Ниҳоданд ҳолӣ сараш дар шикам.
Чу чанг аз хиҷолат сари хубрӯй
Нигунсору дар пешаш афтода мӯй.
Якеро, ки хотир дар ӯ рафта буд,
Чу чашмони дилбандаш ошуфта буд.
Касе гуфт: «Ҷавр озмудию дард,
Дигар гирди савдои ботил магард.
Зи меҳраш бигардон чу парвона пушт,
Ки миқроз шамъи ҷамолаш бикушт».
Баромад хурӯш аз ҳаводор чуст,
Ки «Тардоманонро бувад аҳд суст.
Писар хушманиш бояду хубрӯй,
Падар, гӯ, ба ҷаҳлаш бияндоз мӯй.
Маро ҷон ба меҳраш баромехтаст,
На хотир ба мӯе даровехтаст».
Чу рӯи накӯ дорӣ, андуҳ мах(в)ар,
Ки мӯй ар бияфтад, бирӯяд дигар.
На пайваста раз хӯшаи тар диҳад,
Гаҳе барг резад, гаҳе бар диҳад.
Бузургон чу худ дар ҳиҷоб уфтанд,
Ҳасудон чу ахгар дар об уфтанд.
Бурун ояд аз зери абр офтоб
Ба тадриҷу ахтар бимирад дар об.

Зи зулмат матарс, эй писандида дӯст,
Ки мумкин бувад, к-оби ҳайвон дар ӯст.
На гетӣ пас аз ҷунбиш ором ёфт?
На Саъдӣ сафар кард, то ком ёфт?
Дил аз бемуродӣ ба фикрат масӯз,
Шаб обастан аст, эй бародар, ба рӯз.

БОБИ ҲАФТУМ

ДАР ОЛАМИ ТАРБИЯТ

Сухан дар салоҳ асту тадбиру хӯй.
На дар асбу майдону чавгону гӯй.
Ту бо душмани нафс ҳамхонаӣ,
Чӣ дар банди пайкори бегонаӣ?
Инон бозпечон нафас аз ҳаром,
Ба мардӣ зи Рустам гузаштанду Сом.
Ту худро чу кӯдак адаб кун ба чӯб,
Ба гурзи гарон мағзи мардон макӯб.
Кас аз чун ту душман надорад ғаме,
Ки бо хештан барнаёӣ ҳаме.
Вуҷуди ту шаҳрест пурнеку бад,
Ту султону дастури[1] доно хирад.
Ҳамоно, ки дунони гарданфароз
Дар ин шаҳр гиранд савдову оз.
Ризову вараъ некномони ҳур,
Ҳавову ҳавас раҳзану кисабур.
Чу султон иноят кунад бо бадон,
Куҷо монад осоиши бихрадон?
Туро шаҳвату ҳирсу кину ҳасад
Чу хун дар рагонанду ҷон дар ҷасад.
Гар ин душманон тарбият ёфтанд,
Сар аз ҳукми рои ту бартофтанд.

---

[1] Дастур – вазир.

Ҳавову ҳавасро намонад ситез,
Чу бинанд сарпанҷаи ақли тез.
Набинӣ, ки шаб дузду авбошу хас
Нагарданд ҷое, ки гардад асас[1].
Раисе, ки душман сиёсат накард,
Ҳам аз дасти душман риёсат накард.
Нахоҳам дар ин навъ гуфтан басе,
Ки ҳарфе бас, ар кор бандад касе.

***

Агар пой дар доман орӣ чу кӯҳ,
Сарат з-осмон бигзарад дар шукӯҳ.
Забон даркаш, эй марди бисёрдон,
Ки фардо қалам нест бар безабон.
Садафвор гавҳаршиносони роз
Даҳан ҷуз ба лӯълӯ накарданд боз.
Фаровонсухан бошад огандагӯш,
Насиҳат нагирад, магар дар хамӯш.
Чу хоҳӣ, ки гӯӣ нафас бар нафас
Ҳаловат наёбӣ зи гуфтори кас,
Набояд сухан гуфт носохта,
Нашояд паридан наяндохта.
Тааммулкунон дар хатову савоб
Беҳ аз жожхоёни ҳозирҷавоб.
Камол аст дар нафси инсон сухун,
Ту худро ба гуфтор ноқис макун.
Камовоз ҳаргиз набинӣ хиҷил,
Ҷаве мушк беҳтар, ки як тӯда гил.
Ҳазар кун зи нодони даҳмардагӯй,
Чу доно яке гӯю парварда гӯй.
Сад андохтӣ тиру ҳар сад хатост,
Агар ҳушмандӣ, як андозу рост.

---

[1] Асас – посбони шабгард, миршаб.

Чаро гӯяд он чиз дар хуфя мард,
Ки гар фош гардад, шавад рӯйзард?
Макун пеши девор ғайбат басе,
Бувад, к-аз пасаш гӯш дорад касе.
Даруни дилат шаҳрбанд аст роз,
Нигар, то набинад дари шаҳр боз.
Аз он марди доно даҳон дӯхтаст,
Ки бинад, ки шамъ аз забон сӯхтаст.

ҲИКОЯТ

Такиш бо ғуломон яке роз гуфт,
Ки инро набояд ба кас бозгуфт.
Ба як солаш омад зи дил бар даҳон,
Ба як рӯз шуд мунташир дар ҷаҳон.
Бифармуд ҷаллодро бедареғ,
Ки бардор сарҳои инон ба теғ.
Яке з-он миён гуфту зинҳор хост,
Макуш бандагон, к-ин гуноҳ аз ту хост.
Ту аввал набастӣ, ки сарчашма буд,
Чу селоб шуд, пеш бастан чӣ суд?
Ту пайдо макун рози дил бар касе,
Ки ӯ худ бигӯяд бари ҳар касе.
Ҷавоҳир ба ганҷинадорон супор,
Вале розро хештан пос дор.
Сухан, то нагӯӣ, бар ӯ даст ҳаст,
Чӣ гуфта шавад, ёбад ӯ бар ту даст.
Сухан девбанд аст дар чоҳи дил,
Ба болои кому забонаш маҳил.
Тавон боздодан раҳи наррадев,
Вале бознатвон гирифтан ба рев.
Ту донӣ, ки чун дев рафт аз қафас,
Наёяд ба «лоҳавл»-и кас бозпас.
Яке тифл бардорад аз Рахш банд,
Наёяд ба сад Рустам андар каманд.

Магӯ он, ки гар бар мало уфтад,
Вуҷуде аз он дар бало уфтад.
Ба деҳқони нодон чӣ хуш гуфт зан:
«Ба дониш сухан гӯй, ё дам мазан.
Магӯй, он чӣ тоқат надорӣ шунуд,
Ки ҷав кишта, гандум нахоҳӣ даруд»
Чӣ некӯ задаст ин масал барҳаман:
«Бувад ҳурмати ҳар кас аз хештан».
Набояд, ки бисёр бозӣ кунӣ,
Ки мар қимати хешро бишканӣ.
Чу дашном гӯӣ, дуо нашнавӣ,
Ба ҷуз киштаи хештан надравӣ.
Магӯю манеҳ, то тавонӣ, қадам
Аз андоза берун в-аз андоза кам.
Агар тунд бошӣ ба якбору тез,
Ҷаҳон аз ту гиранд роҳи гурез.
На кӯтоҳдастию бечорагӣ,
На заҷру татовул ба якборагӣ.

ҲИКОЯТ

Яке хубхулқу халақпӯш[1] буд,
Ки дар Миср якчанд хомӯш буд.
Хирадманд мардум зи наздику дур
Ба гирдаш чу парвона ҷӯёи нур.
Тафаккур шабе бо дили хеш кард,
Ки пӯшида зери забон аст мард.
Агар ҳамчунин сар ба худ дарбарам,
Чӣ донанд мардум, ки донишварам?
Сухан гуфту душман бидонисту дӯст,
Ки дар Миср нодонтар аз вай ҳамуст.
Ҳузураш парешон шуду кор зишт,
Сафар карду бар тоқи масҷид набишт:

[1] Халақпӯш – кулаҳпӯш, жандапӯш.

«Дар оина гар хештан дидаме,
Ба бедонишӣ парда надридаме.
Чунин зишт аз он парда бардоштам,
Ки худро накуруӣ пиндоштам.
Камовозро бошад овоза тез,
Чу гуфтию равнақ намондат, гурез!
Туро хомушӣ, эй худованди ҳуш,
Виқор асту ноаҳлро пардапӯш.
Агар олимӣ, ҳайбати худ мабар
В-агар ҷоҳилӣ, пардаи худ мадар.
Замири дили хеш манмой зуд,
Ки ҳар гаҳ ки хоҳӣ, тавонӣ намуд.
Валекин чу пайдо шавад рози мард,
Ба кӯшиш нашояд ниҳон боз кард.
Қалам сирри султон чӣ некӯ ниҳуфт,
Ки то корд бар сар набудаш, нагуфт.
Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Забон баста беҳтар, ки гӯё ба шар.
Чу мардум сухан гуфт бояд баҳуш,
В-агарна шудан чун баҳоим хамӯш.
Ба нутқ асту ақл одамизода фош,
Чу тӯтӣ сухангӯи нодон мабош.
Ба нутқ одамӣ беҳтар аст аз давоб[1],
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯӣ савоб.

ҲИКОЯТ

Яке носазо гуфт дар вақти ҷанг,
Гиребон дариданд вайро ба ҷанг.
Қафо хӯрда урёну гирён нишаст,
Ҷаҳондидае гуфташ: «Эй худпараст,
Чу ғунча гарат баста будӣ даҳан,
Дарида надидӣ чу гул пираҳан».

---

[1] Давоб – чорпоён.

Саросема гӯяд сухан бар гизоф
Чу танбӯри бемағзи бисёрлоф.
Набинӣ, ки оташ забон асту бас,
Ба обе тавон куштанаш дар нафас.
Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,
Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар.
Агар мушки холис надорӣ, магӯй
В-арат ҳаст, худ фош гардад ба бӯй.
Ба савганд гуфтан, ки зар мағрибист,
Чӣ ҳоҷат, маҳак худ бигӯяд, ки чист.
Бигӯянд аз ин ҳарфгирон ҳазор,
Ки Саъдӣ на аҳл асту омезгор[1].
Раво бошад, ар пӯстинам даранд,
Ки тоқат надоранд мағзаш баранд.

ҲИКОЯТ

Азудро писар сахт ранҷур буд,
Шикеб аз ниҳоди падар дур буд.
Яке порсо гуфт аз рӯи панд,
Ки бигзор мурғони ваҳшӣ зи банд.
Қафасҳои мурғи саҳархон шикаст,
Кӣ дар банд монад, чу зиндон шикаст?
Нигаҳ дошт бар тоқи бустонсарой
Яке номвар булбули хушнавой.
Писар субҳдам сӯи бустон шитофт,
Ҷуз он мурғ бар тоқи айвон наёфт.
Бихандид, к-эй булбули хушнафас,
Ту аз гуфти худ мондаӣ дар қафас.
Надорад касе бо ту ногуфта кор,
Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр.
Чу Саъдӣ, ки чанде забон баста буд,
Зи таъни забоноварон раста буд.

---

[1] Омезгор – аҳли муошират.

Касе гирад ороми дил дар канор,
Ки аз суҳбати халқ гирад канор.
Макун айби халқ, эй хирадманд, фош,
Ба айби худ аз халқ машғул бош.
Чу ботил сароянд, магмор гӯш,
Чу беситр бинӣ, назарро бипӯш.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дар базми турконӣ маст
Муриде дафу чанги мутриб шикаст.
Чу чангаш кашиданд ҳолӣ ба мӯй
Ғуломону чун даф задандаш ба рӯй.
Шаб аз дарди чавгону силӣ нахуфт,
Дигар рӯз пираш ба таълим гуфт:
«Нахоҳӣ, ки бошӣ чу даф рӯйреш,
Чу чанг, эй бародар, сар андоз пеш».

***

Ду кас гард диданду ошӯбу ҷанг,
Пароканда наълайну парранда санг.
Яке фитна дид аз тараф бар шикаст,
Яке дар миён омаду сар шикаст.
Касе хуштар аз хештандор нест,
Ки бо хубу зишти касаш кор нест.
Туро дида дар сар ниҳоданду гӯш,
Даҳон ҷои гуфтору дил ҷои ҳуш.
Магар боздонӣ нишеб аз фароз,
Нагӯӣ, ки он кӯтаҳ аст, ин дароз.

ҲИКОЯТ

Чунин гуфт пире писандидаҳуш,
Хуш ояд суханҳои пирон ба гӯш,

Ки дар Ҳинд рафтам, ба кунҷе фароз
Чӣ дидам? Чу ялдо сиёҳе дароз.
Ту гуфтӣ, ки ифрити Билқис буд,
Ба зиштӣ намудори Иблис буд.
Дар огӯши вай духтаре чун қамар
Фурӯ бурда дандон ба лабҳош-дар.
Чунон тангаш оварда андар канор,
Ки пиндорӣ, аллайлу яғшаннаҳор
Маро амри маъруф доман гирифт,
Фузул оташе гашту дар ман гирифт.
Талаб кардам аз пешу пас чӯбу санг,
Ки, эй нохудотарси беному нанг!
Ба ташнеъу дашному ошӯбу заҷр
Сапед аз сияҳ фарқ кардам чу фаҷр.
Шуд он абри нохуш зи болои боғ,
Падид омад он байза аз зери зоғ.
Зи «лоҳавл»-ам он девпайкар бичаст,
Парипайкар андар ман овехт даст,
Ки, эй зарқсаҷҷодаи далқпӯш,
Сияҳкори дунёхари динфурӯш!
Маро рӯзҳо дил зи каф рафта буд.
Бар ин шахсу ҷон бар вай ошуфта буд.
Кунун пухта шуд луқмаи хоми ман,
Ки гармаш бадар кардӣ аз коми ман.
Тазаллум[1] бароварду фарёд хонд,
Ки шавқат барафтоду раҳмат намонд.
Намонд аз ҷавонон касе дастгир,
Ки бистонадам дод аз ин марди пир,
Ки шармаш наёяд зи пирӣ ҳаме,
Задан даст дар ситри номаҳраме.
Ҳаме кард фарёду доман ба чанг,
Маро монда сар дар гиребон зи нанг..

---

[1] Тазаллум – фарёди додхоҳӣ.

Фурӯ гуфт ақлам ба гӯши замир,
Ки аз ҷома берун равам ҳамчу сир,
Бараҳна давон рафтам аз пеши зан,
Ки дар дасти ӯ ҷома беҳтар, ки ман.
Пас аз муддате кард бар ман гузор,
Ки медониям? Гуфтамаш: «Зинҳор,
Ки ман тавба кардам ба дасти ту-бар,
Ки гирди фузулӣ нагардам дигар».
Касеро наёяд чунин кор пеш,
Ки оқил нишинад паси кори хеш.
Аз он шунъат ин панд бардоштам,
Дигар дида нодида ангоштам.
Забон даркаш, ар ақл дорию ҳуш,
Чу Саъдӣ сухан гӯй, в-арна хамӯш.

ҲИКОЯТ

Яке пеши Довуди Тоӣ нишаст,
Ки дидам фалон сӯфӣ афтода маст.
Қайолуда дастору пироҳанаш,
Гурӯҳе сагон ҳалқа пироманаш.
Чу фархундахӯй ин ҳикоят шунид,
Зи гӯянда абрӯ ба ҳам даркашид.
Замоне барошуфту гуфт: «Эй рафиқ,
Ба кор ояд имрӯз ёри шафиқ.
Бирав, з-он мақоми шанеъаш биёр,
Ки дар шаръ наҳӣ асту дар хирқа ор.
Ба пушташ даровар, ки мардони маст
Инони тариқат надорад ба даст».
Нишанда шуд з-ин сухан тангдил,
Ба фикрат фурӯ рафт чун хар ба гил.
На заҳра, ки фармон нагирад ба гӯш,
На ёро, ки маст андар орад ба дӯш.
Замоне бипечиду дармон надид,
Раҳи сар кашидан зи фармон надид.

Миён басту беихтиёраш ба дӯш
Дароварду шаҳре бар ӯ ом ҷӯш.
Яке таъна мезад, ки дарвеш бин,
Зиҳӣ, порсоёни покизадин!
Яке сӯфиён бин, ки май х(в)ардаанд,
Мураққаъ ба секӣ[1] гарав кардаанд.
Ишораткунон ину онро ба даст,
Ки он саргарон асту он ниммаст.
Ба гардан-бар аз ҷаври душман ҳусом
Беҳ аз шунъати шаҳру ҷӯши авом.
Бало диду рӯзе ба меҳнат гузошт,
Ба ноком бурдаш ба ҷое, ки дошт.
Шаб аз шармсорию фикрат нахуфт,
Бихандид Тоӣ дигар рӯзу гуфт:
«Марез обрӯи бародар ба кӯй,
Ки даҳрат бирезад ба шаҳр обрӯй».
Бад андар ҳақи мардуми неку бад
Магӯй, эй ҷавонмарди соҳибхирад.
Ки бадмардро хасми х(в)ад мекунӣ,
В-агар некмард аст, бад мекунӣ.
Туро ҳар кӣ гӯяд, фалон кас бад аст,
Чунон дон, ки дар пӯстини х(в)ад аст,
Ки феъли фалонро бибояд баён,
В-аз ин феъли бад мебарояд аён.
Ба бад гуфтани халқ чун дам задӣ,
Агар рост гӯӣ сухан ҳам, бадӣ.
Забон кард шахсе ба ғайбат дароз,
Бад-ӯ гуфт донандае сарфароз,
Ки ёди касон пеши ман бад макун,
Маро бадгумон дар ҳақи х(в)ад макун.
Гирифтам, зи тамкини ӯ кам ба буд,
Нахоҳад ба ҷоҳи ту-андар фузуд.

---

[1] Секӣ – шароби мусаллас.

Касе гуфту пиндоштам тибат[1] аст,
Ки дуздӣ басомонтар аз ғайбат аст.
Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри ошуфтаҳуш,
Шигифт омад ин достонам ба гӯш.
Ба нотостӣ-дар чӣ бинӣ беҳӣ,
Ки дар ғайбаташ мартабат мениҳӣ?»
«Бале, - гуфт, - duздон таҳаввур кунанд,
Ба бозуи мардӣ шикам пур кунанд.
На ғайбаткун он носазовор мард,
Ки девон сияҳ карду чизе нах(в)ард».

ҲИКОЯТ

Маро дар «Низомия» идрор буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд.
Мар устодро гуфтам: «Эй пурхирад,
Фалон ёр бар ман ҳасад мебарад.
Чу ман доди маънӣ диҳам дар ҳадис,
Барояд ба ҳам андаруни хабис».
Шунид ин сухан пешвои адаб,
Ба тундӣ барошуфту гуфт: «Эй аҷаб,
Ҳасудӣ писандат наёмад зи дӯст,
Чӣ маълум кардат, ки ғайбат накӯст?
Гар ӯ роҳи дӯзах гирифт аз хасӣ,
Аз ин роҳи дигар ту дар вай расӣ».

ҲИКОЯТ

Касе гуфт: «Ҳаҷҷоҷ хунхораест,
Дилаш ҳамчу санги сияҳпораест.
Натарсад ҳаме з-оҳу фарёди халқ,
Худоё, ту бистон аз ӯ доди халқ».

---

[1] Тибат – шӯхӣ.

Ҷаҳондидае пири дериназод
Ҷавонро яке панди пирона дод,
К-аз ӯ доди мазлуми мискини ӯ
Бихоҳанду аз дигарон кини ӯ.
Ту даст аз ваю рӯзғораш бидор,
Ки худ зердасташ кунад рӯзгор.
На бедод аз ӯ баҳраманд омадам,
На низ аз ту ғайбат писанд омадам.
Ба дӯзах барад мудбиреро гуноҳ,
Ки паймона пур карду девон сиёҳ.
Дигар кас ба ғайбат пояш медавад,
Мабодо, ки танҳо ба дӯзах равад.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки аз порсоён яке
Ба тибат бихандид бо кӯдаке.
Дигар порсоёни хилватнишин
Ба айбаш фитоданд дар пӯстин.
Ба охир намонд ин ҳикоят ниҳуфт,
Ба соҳибназар бозгуфтанду гуфт:
«Мадар парда бар ёри шӯридаҳол,
На тибат ҳаром асту ғайбат ҳалол».

ҲИКОЯТ

Ба тифлӣ - дорам рағбати рӯза хост,
Надонистаме чап кадом асту рост.
Яке обид аз порсоёни кӯй
Ҳаме шустан омӯхтам дасту рӯй.
Ки «бисмиллаҳ» аввал ба суннат бигӯй,
Дувум нийят овар, севум каф бишӯй,

Пас он гаҳ даҳан шӯю бинӣ се бор,
Манохир[1] ба ангушти кӯчак бихор.
Ба саббоба[2] дандони пешин бимол,
Ки наҳӣ аст дар рӯза баъд аз завол.
В-аз он пас се мушт об бар рӯй зан,
Зи рустангаҳи мӯи сар то закан.
Дигар дастҳо то ба мирфақ[3] бишӯй,
Зи тасбеҳу зикр он чӣ донӣ, бигӯй,
Дигар масҳи сар, баъд аз он ғусли пой,
Ҳамин асту хатмаш ба номи Худой.
Кас аз ман надонад дар ин шева беҳ,
Набинӣ, ки фартут шуд пири деҳ?
Шунид ин сухан деҳхудои қадим,
Бишӯриду гуфт: «Эй хабиси раҷим[4],
На мисвок дар рӯз гуфтӣ хатост,
Банӣ одами мурда хӯрдан равост?
Даҳан, гӯ, зи ногуфтаниҳо нахуст
Бишӯй, он гаҳ аз хӯрданиҳо бишуст!»

ҲИКОЯТ

Касеро, ки ном омад андар миён,
Ба некӯтарин ному наъташ бихон.
Чу ҳамвора гӯӣ, ки мардум харанд,
Мабар зан, ки номат чу мардум баранд.
Чунон гӯй сират ба кӯй - андарам,
Ки гуфтан тавонӣ ба рӯй - андарам.
В-агар шармат аз дидаи нозир аст,
Наӣ бебасар, ғайбдон ҳозир аст.

---

[1] Манохир – сӯрохҳои бинӣ.
[2] Саббоба – ангушти ишора.
[3] Мирфақ – оринҷ.
[4] Раҷим – рондашуда.

Наёяд ҳаме шармат аз хештан,
К-аз ӯ фориғу шарм дорӣ зи ман.

ҲИКОЯТ

Тариқатшиносони собитқадам
Ба хилват нишастанд чанде ба ҳам.
Яке з-он миён ғайбат оғоз кард,
Дари зикри бечорае боз кард.
Касе гуфташ: «Эй ёри шӯридаранг,
Ту ҳаргиз ғазо кардаӣ дар Фаранг?»
Бигуфт: «Аз паси чордевори хеш
Ҳама умр нанҳодаам пой пеш».
Чунин гуфт дарвеши содиқнафас:
«Надидам чунин бахтбаргашта кас,
Ки кофар зи пайкораш эмин нишаст,
Мусулмон зи ҷаври забонаш нараст».
Чӣ хуш гуфт девонаи Марғазӣ
Ҳадисе, к-аз он лаб ба дандон газӣ:
«Ман ар номи мардум ба зиштӣ барам,
Нагӯям ба ҷуз ғайбати модарам,
Ки донанд парвардагони хирад,
Ки тоат ҳамон беҳ, ки модар барад.
Рафиқе, ки ғоиб шуд, эй некном,
Ду чиз аст аз ӯ бар рафиқон ҳаром: -
Яке он ки молаш ба ботил х(в)аранд,
Дувум он ки номаш ба зиштӣ баранд.
Ҳар он к-ӯ барад номи мардум ба ор,
Ту чашми накӯгӯӣ аз вай мадор,
Ки андар қафои ту гӯяд ҳамон,
Ки пеши ту гуфт аз паси мардумон.
Касе пеши ман дар ҷаҳон оқил аст,
Ки машғули худ в-аз ҷаҳон ғофил аст».

***

Се касро, шунидам, ки ғайбат равост,
В-аз ин даргузаштӣ, чаҳорум хатост:
Яке подшохе маломатписанд,
К-аз ӯ бар дили халқ бинӣ газанд.
Ҳалол аст аз ӯ нақл кардан хабар,
Магар халқ бошанд аз ӯ барҳазар.
Дувум, парда бар беҳаёе матан,
Ки худ медарад пардаи хештан.
Зи ҳавзаш мадор, эй бародар, нигоҳ,
Ки ӯ медарафтад ба гардан ба чоҳ.
Севум, кажтарозуи норостхӯй,
Зи феъли бадаш ҳар чӣ донӣ, бигӯй.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дузде даромад зи дашт,
Ба дарвозаи Систон баргузашт.
Бидуздид баққол аз ӯ ним донг,
Баровард дузди сияҳкор бонг.
Худоё, ту шабрав ба оташ масӯз,
Ки раҳ мезанад систонӣ ба рӯз.

ҲИКОЯТ

Яке гуфт бо сӯфие дар сафо:
«Надонӣ, фалонат чӣ гуфт аз қафо?»
Бигуфто: «Хамӯш, эй бародар, бихуфт,
Надониста беҳтар, ки душман чӣ гуфт».
Касоне, ки пайғоми душман баранд,
Зи душман ҳамоно, ки душмантаранд.
Касе қавли душман наёрад ба дӯст
Ҷуз он кас, ки дар душманӣ ёри ӯст.

Наёраст душман ҷафо гуфтанам,
Чунон, к-аз шунидан биларзад танам.
Ту душмантарӣ, к-оварӣ дар даҳон,
Ки душман чунин гуфт андар ниҳон.
Суханчин кунад тоза ҷанги қадим,
Ба хашм оварад некмарди салим.
Аз он ҳамнишин, то тавонӣ, гурез,
Ки мар фитнаи хуфтаро гуфт: «Хез!»
Сияҳчолу мард андар ӯ баста пой,
Беҳ аз фитна аз ҷой бурдан ба ҷой.
Миёни ду тан ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.

ҲИКОЯТ

Фаридун вазире писандида дошт,
Ки равшан дилу дурбин дида дошт.
Ризои Ҳақ аввал нигаҳ доштӣ,
Дигар поси фармони шаҳ доштӣ.
Ниҳад омили сифла бар халқ ранҷ,
Ки тадбири мулк асту тавфири ганҷ.
Агар ҷониби Ҳақ надорӣ нигоҳ,
Газандат расонад ҳам аз подшоҳ.
Яке рафт пеши малик бомдод,
Ки ҳар рӯзат осоишу ком бод!
Ғараз машнав аз ман, насиҳат пазир,
Туро дар ниҳон душман аст ин вазир.
Кас аз хоси лашкар намондасту ом,
Ки симу зар аз вай надорад ба вом.
Ба шарте, ки чун шоҳи гарданфароз
Бимирад, диҳанд он зару сим боз.
Нахоҳад туро зинда ин худпараст,
Мабодо, ки нақдаш наёяд ба даст.

Яке сӯи дастури давлатпаноҳ
Ба чашми сиёсат нигаҳ кард шоҳ,
Ки дар сурати дӯстон пеши ман,
Ба хотир чарой бадандеши ман?
Замин пеши тахташ бибӯсиду гуфт:
«Нашояд, чу пурсидӣ, акнун ниҳуфт.
Чунин хоҳам, эй номвар подшоҳ,
Ки бошанд халқат ҳама некхоҳ,
Чу маргат бувад ваъдаи сими ман,
Бақо беш хоҳандат аз бими ман?
Нахоҳӣ, ки мардум ба сидқу ниёз
Сарат сабз хоҳанду умрат дароз?
Ғанимат шуморанд мардум дуо,
Ки ҷавшан бувад пеши тири бало».
Писандид аз ӯ шаҳрёр, он чӣ гуфт,
Гули рӯяш аз тозагӣ баршукуфт.
Зи қадру маконе, ки дастур дошт,
Маконаш бияфзуду қадраш фарошт.
Бадандешро зачру таъдиб кард,
Пушаймонӣ аз гуфтаи хеш х(в)ард.
Надидам зи ғаммоз[1] саргаштатар,
Нигунтолиъу бахтбаргаштатар.
Зи нодонию тирарой, ки ӯст,
Хилоф афканад дар миёни ду дӯст.
Кунанд ину он хуш дигарбора дил,
Вай андар миён кӯрбахту хиҷил.
Миёни ду кас оташ афрӯхтан
На ақл асту худ миён сӯхтан.
Чу Саъдӣ касе завқи хилват чашид,
Ки ӯ аз ду олам забон даркашид.
Бигӯй, он чӣ донӣ, сухан судманд,
В-агар ҳеч касро наёяд писанд,

[1] Ғаммоз – суханчин.

Ки фардо пушаймон барорад хурӯш,
Ки овах, чаро ҳақ накардам ба гӯш?!

***

Зани хуби фармонбари порсо
Кунад марди дарвешро подшо.
Бирав, панҷ навбат бизан бар дарат,
Чу ёре мувофиқ бувад дар барат.
Ҳама рӯз агар ғам хурӣ, гам мадор,
Чу шаб ғамгусорат бувад дар канор.
Киро хона ободу ҳамхоба дӯст,
Худоро ба раҳмат назар сӯи ӯст.
Чу мастур бошад зани хубрӯй,
Ба дидори ӯ дар биҳишт аст шӯй.
Касе баргирифт аз ҷаҳон коми дил,
Ки якдил бувад бо вай ороми дил.
Агар порсо бошаду хушсухун,
Нигаҳ дар накӯию зиштӣ макун.
Зани хушманиш дилнишинтар, ки хуб,
Ки омезгорӣ бипӯшад уюб.
Бибурд аз парichеҳраи зиштхӯй
Зани девсимои хуштабъ гӯй.
Чу ҳалво хурад сирка аз дасти шӯй,
На ҳалво хурад сиркаандуда рӯй.
Дилором бошад зани некхоҳ,
Валекин зани бад, Худоё, паноҳ!
Чу тӯтӣ калоғаш бувад ҳамнафас,
Ғанимат шуморад халос аз қафас.
Сар андар ҷаҳон беҳ ба оворагӣ
В-агарна бинеҳ дил ба бечорагӣ.
Тиҳипой рафтан беҳ аз кафши танг,
Балои сафар беҳ, ки дар хона ҷанг.
Ба зиндони қозӣ гирифтор беҳ,
Ки дар хона будан ба абрӯ гиреҳ.

Сафар ид бошад бар он кадхудой,
Ки бонуи зишташ бувад дар сарой.
Дари хуррамӣ бар сарое бибанд,
Ки бонги зан аз вай барояд баланд.
Чу зан роҳи бозор гирад, бизан
В-агарна ту дар хона биншин чу зан.
Агар зан надорад суи мард гӯш,
Саровили[1] кухлеш дар мард пӯш.
Занеро, ки ҷаҳл асту норостӣ,
Бало бар сари худ, на зан хостӣ.
Ки дар кайлаи ҷав амонат шикаст,
Аз анбори гандум фурӯ шӯй даст.
Бар он банда Ҳақ некуӣ хостаст,
Ки бо ӯ дилу дасти зан рост аст.
Чу дар рӯи бегона хандид зан,
Дигар мард, гӯ, лофи мардӣ мазан.
Зани шӯх чун даст дар қаля кард,
Бар ӯ гӯ: Бинеҳ панҷа бар рӯи мард.
Зи бегонагон чашми зан кӯр бод,
Чу берун шуд аз хона, дар гӯр бод.
Чу бинӣ, ки зан пойбарҷой нест,
Сабот аз хирадмандию рой нест,
Гурез аз кафаш дар даҳони наҳанг,
Ки мурдан беҳ аз зиндагонӣ ба нанг.
Бипӯшонаш аз чашми бегона рӯй,
В-агар нашнавад, чи зан он гаҳ, чи шӯй.
Зани хуби хуштабъ ганҷ асту ёр,
Раҳо кун зани зишти носозгор.
Чӣ нағз омад ин як сухан з-он ду тан,
Ки буданд саргашта аз дасти зан.
Яке гуфт: «Касро зани бад мабод»,
Дигар гуфт: «Зан дар ҷаҳон х(в)ад мабод!»

---

[1] Саровил – шалвор.

Зани нав кун, эй дӯст, ҳар навбаҳор,
Ки тақвими порӣ наёяд ба кор.
Касеро, ки бинӣ гирифтори зан,
Макун, Саъдиё, таъна бар вай мазан.
Ту ҳам ҷавр бинию бораш кашӣ,
Агар як саҳар дар канораш кашӣ.

ҲИКОЯТ

Ҷавоне зи носозгории ҷуфт
Бари пирмарде бинолиду гуфт:
«Гаронборӣ аз дасти ин хасми чир
Чунон мебарам, к-осиёсанги зер».
Ба сахтӣ бинеҳ, гуфташ, эй хоҷа, дил,
Кас аз сабр кардан нагардад хиҷил.
Ба шаб санги болоӣ, эй хонасӯз,
Чаро санги зерин набошӣ ба рӯз.
Чу аз гулбуне дида бошӣ х(в)ашӣ,
Раво бошад, ар бори хораш кашӣ.
Дарахте, ки пайваста бораш хурӣ,
Таҳаммул кун, он гаҳ ки хораш хурӣ

***

Писар чун зи даҳ баргузашташ синин,
Зи номаҳрамон, гӯ, фаротар нишин.
Бари пунба оташ нашояд фурӯхт,
Ки то чашм бар ҳам занӣ, хона сӯхт.
Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Чу фарҳангу рояш набошад басе,
Бимирию аз ту намонад касе.
Басо рӯзгоре, ки сахтӣ барад
Писар чун падар нозукаш парварад.

Хирадманду парҳезгораш барор,
Гараш дӯст дорӣ, ба нозаш мадор.
Ба хурдӣ - дараш зачру таълим кун,
Ба неку бадаш ваъдаву бим кун.
Навомӯзро зикру таҳсину зиҳ
Зи тавбиху таҳдиди устод беҳ.
Биёмӯз парвардаро дастранҷ
В-агар даст дорӣ чу Қорун ба ганҷ.
Макун такя бар дастгоҳе, ки ҳаст,
Ки бошад, ки неъмат намонад ба даст.
Ба поён расад кисаи симу зар,
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.
Чӣ донӣ, ки гардидани рӯзгор
Ба гурбат бигардонадаш дар диёр.
Чу бар пешае бошадаш дастрас,
Куҷо дасти ҳоҷат барад пеши кас?
Надонӣ, ки Саъдӣ мурод аз чӣ ёфт?
На ҳомун наваашту на дарё шикофт.
Ба хурдӣ бихӯрд аз бузургон қафо,
Худо додаш андар бузургӣ сафо.
Ҳар он кас, ки гардан ба фармон ниҳад,
Басе барнаёяд, ки фармон диҳад.
Ҳар он тифл, к-ӯ ҷаври омӯзгор
Набинад, ҷафо бинад аз рӯзгор.
Писарро накӯ дору роҳат расон,
Ки чашмаш намонад ба дасти касон.
Ҳар он кас, ки фарзандро ғам наҳ(в)ард,
Дигар кас ғамаш хӯрду бадном кард.
Нигаҳ дор аз омезгори бадаш,
Ки бадбахту бераҳ кунад чун х(в)адаш.

ҲИКОЯТ

Шабе даъвате буд дар кӯи ман,
Зи ҳар ҷинс мардум дар ӯ анҷуман.
Чу овози мутриб даромад зи кӯй,
Ба гардун шуд аз ошиқон ҳою ҳуй.
Паричеҳрае буд маҳбуби ман,
Бад-ӯ гуфтам: «Эй луъбати хуби ман,
Чаро бо рафиқон наёӣ ба ҷамъ,
Ки равшан кунӣ базми моро чу шамъ?»
Шунидам сиҳиқомати симтан,
Ки мерафту мегуфт бо хештан:
«Маҳосин[1] чу мардон надорам ба даст,
На мардӣ бувад, пеши мардон нишаст».
Сияҳноматар з-он муханнас маҳоҳ,
Ки пеш аз хаташ рӯй гардад сиёҳ.
Аз он беҳамийят бибояд гурехт,
Ки номардияш оби мардон бирехт.
Писар, к-ӯ миёни қаландар нишаст,
Падар, гӯ, зи хайраш фурӯ шӯй даст.
Дареғаш махур, бар ҳалоку талаф,
Ки пеш аз падар мурда беҳ нохалаф.

***

Харобат кунад шоҳиди хонакан,
Бирав, хона обод гардон ба зан.
Нашояд ҳавас бохтан бо гуле,
Ки ҳар бомдодаш бувад булбуле.
Чу худро ба ҳар маҷлисе шамъ кард,
Ту дигар чу парвона гирдаш магард.

---

[1] Маҳосин – риш.

Зани хуби хушхӯи ороста
Чӣ монад ба нодони навхоста?
Дар ӯ дам чу ғунча даме аз вафо,
Ки аз ханда афтад чу гул дар қафо.
На чун кӯдаки печдарпечи шанг,
Ки чун мукл натвон шикастан ба санг.
Мабин дилфиребаш чу ҳури биҳишт,
К-аз он рӯи дигар чу ғӯл аст зишт.
Гараш пой бӯсӣ, надорад сипос.
В-араш хок бошӣ, надорад-т пос.
Сар аз мағзу даст аз дирам кун тиҳӣ,
Чу хотир ба фарзанди мардум ниҳӣ.
Макун бад ба фарзанди мардум нигоҳ,
Ки фарзанди хешат барояд табоҳ.

ҲИКОЯТ

Дар ин шаҳр боре ба самъам расид,
Ки бозоргоне ғуломе харид.
Шабонгаҳ магар даст бурдаш ба себ,
Ки симинзанах буду хотирфиреб.
Паричеҳра ҳар-ч уфтодаш ба даст,
Ба кин дар сару мағзи хоҷа шикаст.
На ҳар ҷо ки бинӣ хате дилфиреб,
Тавонӣ тамаъ карданаш дар китеб.
Гуво кард бар худ Худову расул,
Ки дигар нагардам ба гирди фузул.
Раҳил[1] омадаш ҳам дар он ҳафта пеш,
Дилафғору сарбаставу рӯйреш.
Чу берун шуд аз Козарун як-ду мил,
Ба пеш омадаш санглохе муҳил[2].
Бипурсид, к-ин қулларо ном чист,

---

[1] Раҳил – саҳар.
[2] Муҳил – тарснок.

Ки бисёр бинад аҷаб, ҳар кӣ зист?
Чунин гуфташ аз корвон ҳамдаме:
Магар Танги Туркон надонӣ ҳаме?
Биранҷид, чун Танги Туркон шунид,
Ту гуфтӣ, ки дидори душман бидид.
Сияҳро[1] яке бонг бардошт сахт,
Ки дигар марон хар, бияндоз рахт.
На ақл асту на маърифат як ҷавам,
Агар ман дигар Танги Туркон равам.
Дари шаҳвати нафси кофар бибанд,
В-агар ошиқӣ, лат хуру сар бибанд.
Чӣ мар бандаеро ҳамепарварӣ,
Ба ҳайбат барораш, к-аз ӯ бар х(в)арӣ.
В-агар саййидаш лаб ба дандон газад,
Димоғи худовандгорӣ пазад.
Ғулом обкаш бояду хиштзан,
Бувад бандаи нозанин муштзан.

***

Гурӯҳе нишинанд бо хушписар,
Ки мо покбоземуу соҳибназар.
Зи ман пурс фарсудаи рӯзгор,
Ки бар суфра ҳасрат хурад рӯзадор.
Аз он тухми хурмо хурад гӯсфанд,
Ки қуфл аст бар танги хурмову банд.
Сари гови ассор аз он дар каҳ аст,
Ки аз кунҷидаш ресмон кӯтаҳ аст.

ҲИКОЯТ

Яке сурате дид соҳибҷамол,
Бигардидаш аз шӯриши ишқ ҳол.

---

[1] Сияҳро – ғуломи сиёҳ.

Барандохт бечора чандон арақ,
Ки шабнам барорад биҳиштӣ варақ.
Гузар кард Буқрот бар вай савор,
Бипурсид, к-инро чӣ афтод кор?
Касе гуфташ: «Ин обиде порсост,
Ки ҳаргиз хатое зи دасташ нахост.
Равад рӯзу шаб дар биёбону кӯҳ,
Зи суҳбат гурезон, зи мардум сутӯҳ.
Рабудаст хотирфиребе дилаш,
Фурӯ рафта пои назар дар гилаш.
Чу ояд зи халқаш маломат ба гӯш,
Бигиряд, ки чанд аз маломат, хамӯш!
Магӯй, ар бинолам, ки маъзур нест,
Ки фарёдам аз иллате дур нест.
На ин нақши дил мерабояд зи даст,
Дил он мерабояд, ки ин нақш баст».
Шунид ин сухан марди корозмой,
Куҳан солпарвардаи пухтарой.
Бигуфт: «Арчи сити накӯӣ равад,
На бо ҳар касе ҳар чӣ гӯӣ, равад.
Нигорандаро худ ҳамин нақш буд,
Ки шӯридаро дил ба яғмо рабуд.
Чаро тифли якрӯза ҳушаш набурд,
Ки дар сунъ дидан чи болиғ, чи хурд?
Муҳаққиқ ҳамон бинад андар ибил[1]
Ки дар хубруёни Чину Чигил»
Ниқобест ҳар сатри ман з-ин китеб,
Фурӯҳишта бар оразе дилфиреб.
Маонист дар зери ҳарфи сиёҳ,
Чу дар парда маъшуқу дар мег моҳ.
Дар авроқи Саъдӣ нагунҷад малол,
Ки дорад паси парда чандин ҷамол.

---

[1] Ибил – шутур.

Маро, к-ин суханҳост маҷлисфурӯз,
Чу оташ дар ӯ рӯшноию сӯз.
Наранҷам зи хасмон, агар бартапанд,
К-аз ин оташи порсӣ дар табанд.

***

Агар дар ҷаҳон аз ҷаҳонрастаест,
Дар аз халқ бар хештан бастаест,
Кас аз дасти ҷаври забонҳо нараст,
Агар худнамоясту гар ҳақпараст.
Агар барпарӣ чун малак з-осмон,
Ба доман даровезадат бадгумон.
Ба кӯшиш тавон Даҷларо пеш баст,
Нашояд забони бадандеш баст.
Фароҳам нишинанд тардоманон,
Ки ин зуҳди хушк асту он доми нон.
Ту рӯй аз парастидани Ҳақ мапеч,
Биҳил, то нагиранд халқат ба ҳеч.
Чу розӣ шуд аз банда Яздони пок,
Гар инҳо нагарданд розӣ, чӣ бок?
Бадандеши халқ аз Ҳақ огоҳ нест,
Зи ғавғои халқаш ба Ҳақ роҳ нест.
Аз он раҳ ба ҷое наёвардаанд,
Ки аввалқадам пай галат кардаанд.
Ду кас бар ҳадисе гуморанд гӯш,
Аз ин то бад-он, з-Аҳриман то Суруш.
Яке панд гирад, дигар нописанд,
Напардозад аз ҳарфгирӣ ба панд.
Фурӯ монда дар кунҷи торик ҷой,
Чӣ дарёбад аз ҷоми гетинамой?
Мапиндор, агар шеру гар рӯбаҳӣ,
К-аз инон ба мардию ҳилат раҳӣ.
Агар кунҷи хилват гузинад касе,
Ки парвои суҳбат надорад басе,

Музаммат кунандаш, ки зарқ асту рев,
Зи мардум чунон мегурезад, ки дев.
В-агар хандарӯясту омезгор,
Афифаш[1] надонанду парҳезгор.
Ғаниро ба ғайбат биканд пӯст,
Ки Фиръавн агар ҳаст дар олам, ӯст.
В-агар бенавое бигиряд басӯз,
Нигунбахт хонандашу тираруз.
В-агар комроне дарояд зи пой,
Ғанимат шуморанду фазли Худой,
Ки то чанд аз ин ҷоху гарданкашӣ?
Хуширо бувад дар қафо нох(в)ашӣ.
В-агар тангдасте, тунукмояе
Саодат баландаш кунад пояе,
Бихояндаш аз кина дандон ба заҳр,
Ки дунпарвар аст ин фурӯмоя даҳр.
Чу бинанд, коре ба дастат-дар даст,
Ҳарисат шуморанду дунёпараст.
В-агар дасти ҳиммат надорӣ ба кор,
Гадопеша хонандату пухтакор.
Агар нотиқӣ, табли пурёвай
В-агар хомушӣ, нақши гармовай.
Таҳаммулкунонро нахонанд мард,
Ки бечора аз бим сар барнакард.
В-агар дар сараш ҳавли мардонагист,
Гурезанд аз ӯ, к-ин чӣ девонагист?!
Тааннут кунандаш, гар андакх(в)арест,
Ки молаш магар рӯзии дигарест.
Агар нағзу покиза бошад х(в)араш,
Шикамбанда хонанду танпарвараш.
В-агар бе такаллуф зияд молдор,
Ки зинат бар аҳли тамиз аст ор.

---

[1] Афиф – пок.

Забон дарниҳандаш ба изо[1] чу теғ,
Ки бадбахт зар дорад аз худ дареғ.
В-агар коху айвон мунаққаш кунад,
Тани хешро кисвате х(в)аш кунад,
Ба ҷон ояд аз дасти таъназанон,
Ки худро биёрост ҳамчун занон.
Агар порсое саёҳат накард,
Сафаркадагонаш нахонанд мард,
Ки норафта берун зи оғӯши зан,
Кадомаш ҳунар бошаду рою фан?
Ҷаҳондидаро ҳам бидарранд пӯст,
Ки саргаштаи бахтбаргашта ӯст.
Гараш хат аз иқбол будию бахр,
Замона нарондӣ зи шаҳраш ба шаҳр.
Азабро[2] никӯҳиш кунад хурдабин,
Ки меларзад аз хуфту хезаш замин.
В-агар зан кунад, гӯяд: «Аз дасти дил
Ба гардан дарафтод чун хар ба гил.
На аз ҷаври мардум раҳад зиштрӯй,
На шоҳид зи номардуми зиштгӯй.
Ғуломе ба Миср - андарам банда буд,
Ки чашм аз ҳаё дар бар афканда буд».
Касе гуфт: - «Ҳеч ин писар ақлу ҳуш
Надорад, бимолаш ба таълим гӯш».
Шабе барзадам бонг бар вай дурушт,
Ҳам ӯ гуфт мискин ба ҷавраш бикушт.
Ғарат барканад хашм рӯзе зи ҷой,
Саросема хонандату тирарой.
В-агар бурдборӣ[3] кунӣ аз касе,
Бигӯянд ғайрат надорад басе.

---

[1] Изо – озор, азият.
[2] Азаби – марди безан ва зани бешавҳар.
[3] Бурдборӣ – сабру таҳаммул.

Сахиро ба андарз гӯянд: «Бас,
Ки фардо ду дастат бувад пешу пас».
В-агар қониъу хештандор гашт,
Ба ташнеъи халқе гирифтор гашт,
Ки ҳамчун падар хоҳад ин сифла мурд,
Ки неъмат раҳо карду ҳасрат бибурд.
Кӣ ёрад ба кунҷи саломат нишаст,
Ки пайғамбар аз хубси мардум нараст?
Худоро, ки монанду анбозу ҷуфт
Надорад, шунидӣ,ки тарсо чӣ гуфт? –
Раҳоӣ наёбад кас аз дасти кас,
Гирифторро чора сабр асту бас.

ҲИКОЯТ

Ҷавоне ҳунарманду фарзона буд,
Ки дар ваъз чолоку мардона буд.
Накӯному соҳибдилу ҳақпараст,
Хати оразаш хуштар аз хатти даст.
Магар лакнате будаш андар забон,
Ки таҳқиқи муъҷам накардӣ баён.
Қавӣ дар балоғоту дар наҳв чуст,
Вале ҳарфи абҷад нагуфтӣ дуруст
Якеро бигуфтам зи соҳибдилон,
Ки дандони пешин надорад фалон.
Баромад зи савдои ман сурхрӯй,
К-аз ин ҷинс беҳуда дигар магӯй.
Ту дар вай ҳамон айб дидӣ, ки ҳаст,
Зи чандон ҳунар чашми ақлат бибаст.
Яқин бишнав аз ман, ки рӯзи яқин
Набинанд бад мардуми некбин
Якеро, ки фазл асту фарҳангу рой,
Гараш пои исмат билағзад зи ҷой,
Ба як хурда мапсанд бар вай ҷафо,
Бузургон чӣ гуфтанд: - «Худ мо сафо»

Бувад хору гул бо ҳам, эй ҳушманд,
Чӣ дар банди хорӣ? Ту гулдаста банд.
Гарат зиштхӯӣ бувад дар сиришт,
Набинӣ зи товус ҷуз пои зишт.
Сафое ба даст овар, эй хираруй,
Ки нанмояд оинаи тира рӯй.
Тарикe талаб, к-аз уқубат раҳӣ,
На ҳарфе, ки ангушт бар вай ниҳӣ.
Манеҳ айби халқ, эй фурӯмоя, пеш,
Ки чашмат фурӯ дӯзад аз айби хеш.
Чаро доманолударо ҳад занам,
Чу дар худ шиносам, ки тардоманам.
Нашояд, ки бар кас дуруштӣ кунӣ,
Чу худро ба таъвил[1] пуштӣ[2] кунӣ.
Чу бад нописанд оядат, х(в)ад макун,
Пас он гаҳ ба ҳамсоя гӯ: - «Бад макун,
Ман ар ҳақшиносам в-агар худнамой,
Бурун бо ту дорам, дарун бо Худой.
Чу зоҳир ба иффат биёростам,
Тасарруф макун дар кажу ростам.
Агар сиратам хубу гар мункар аст,
Худоям ба сирр аз ту донотар аст.
Ту хомӯш, агар ман беҳам ё бадам,
Ки ҳаммоли суду зиёни х(в)адам.
Касеро ба кирдори бад кун азоб,
Ки чашм аз ту дорад ба некӣ савоб.
Накӯкорӣ аз мардуми некрой
Якеро ба даҳ менависад Худой».
Ту низ, эй аҷаб, ҳар киро як ҳунар
Бибинӣ, зи даҳ айбаш андаргузар.
На як айби ӯро бар ангушт печ,
Ҷаҳоне фазилат баровар ба ҳеч,

---

[1] Таъвил – дигаргуна ҷилва додан.
[2] Пуштӣ – пуштибонӣ.

Чу душман, ки дар айби Саъдӣ нигоҳ
Ба нафрат кунад з-андаруни табоҳ,
Надорад ба сад нуктаи нағз гӯш,
Чу зафъе бибинад, барорад хурӯш.
Ҷуз ин иллаташ нест, к-он худписанд
Ҳасад дидаи некбинаш биканд.
На мар халқро сунъи борӣ сиришт,
Сиёҳу сапед омаду хубу зишт?
На ҳар чашму абрӯ, ки бинӣ, накӯст,
Бихур мағзи писта, биёндоз пӯст.

БОБИ ҲАШТУМ

ДАР ШУКР БАР ОФИЯТ

Нафас менаёрам зад аз шукри дӯст,
Ки шукре надонам, ки дархурди ӯст.
Атоест ҳар мӯй аз ӯ бар танам,
Чӣ гуна ба ҳар мӯй шукре кунам?
Ситоиш Худованди бахшандаро,
Ки мавҷуд кард аз адам бандаро.
Киро қуввати васфи эҳсони ӯст,
Ки авсоф мустағриқи шони ӯст.
Бадеъе, ки шахс офаринад зи гил,
Равону хирад бахшаду ҳушу дил.
Зи пушти падар то ба поёни шайб,[1]
Нигар, то чӣ ташриф додат зи ғайб?
Чу пок офаридат, баҳуш бошу пок,
Ки нанг аст, нопок рафтан ба хок.
Паёпай биёфшон аз оина гард,
Ки мисқал[2] нагирад, чу зангор х(в)ард.

---

[1]Шайб – пирӣ.
[2] Мисқал – олати сайқалу ҷуло.

На дар ибтидо буди оби мани,
Агар марди, аз сар бадар кун мани[1].
Чу рӯзӣ ба саъй овари сӯи хеш,
Макун такя бар зӯри бозуи хеш.
Чаро ҳақ намебинӣ, эй худпараст,
Ки бозу ба гардиш даровард даст.
Чу ояд ба кӯшиданат хайр пеш,
Ба тавфиқи Ҳақ дон, на аз саъйи хеш.
Ба сарпанҷаги кас набурдаст гӯй,
Сипоси Худованди тавфиқ гӯй.
Ту қоим ба худ нестӣ як қадам,
Зи ғайбат мадад мерасад дам ба дам.
На тифли забонбаста буди зи лоф,
Ҳаме рӯзӣ омад ба ҷавфаш зи ноф.
Чу нофаш буриданду рӯзӣ гусаст,
Ба пистони модар деровехт даст.
Ғарибе, ки ранҷ орадаш даҳр пеш,
Ба дору диҳанд обаш аз шаҳри хеш.
Пас ӯ дар шикам парвариш ёфтаст,
Зи анбути[2] меъда х(в)ариш ёфтаст.
Ду пистон, ки имрӯз дилхоҳи ӯст,
Ду чашма ҳам аз парваришгоҳи ӯст.
Канору бари модари дилпазир
Биҳишт асту пистон дар ӯ ҷӯи шир.
Дарахтест болои ҷонпарвараш,
Валад[3] меваи нозанин дар бараш.
На рагҳои пистон даруни дил аст?
Пас, ар бингарӣ, шир хуни дил аст.
Ба хунаш фурӯ бурда дандон чу неш,
Сиришта дар ӯ меҳри хунхори хеш.

---

[1] Мани – такаббуру худхоҳӣ.
[2] Анбут – лӯла.
[3] Валад – фарзанд.

Чу бозу қавӣ карду дандон ситабр,
Биронд аз лабаш доя пистон ба сабр.
Чунон сабраш аз шир хомуш кунад,
Ки пистони ширин фаромуш кунад.
Ту низ, эй ки дар тавбаӣ, тифли роҳ,
Ба сабрат фаромӯш гардад гуноҳ.

ҲИКОЯТ

Ҷавоне сар аз ройи модар битофт,
Дили дардмандаш ба озар битофт.
Чу бечора шуд, пешаш овард маҳд[1],
Ки, эй сустмеҳри фаромӯшаҳд!
На гирёну дармонда будию хурд,
Ки шабҳо зи дасти ту хобам набурд!?
Ки дар маҳд нерӯю ҳолат набуд,
Магас рондан аз худ маҷолат набуд?
Ту онӣ, ки аз як магас ранҷаӣ,
Ки имрӯз солору сарпанҷаӣ.
Ба ҳоле шавӣ боз дар қаъри гӯр,
Ки натвонӣ аз хештан дафъи мӯр.
Дигар дида чун барфурӯзад чароғ,
Чу кирми лаҳад хӯрд пиҳи димоғ?
Чу пӯшидачашме бибинӣ, ки роҳ
Надонад ҳаме вақти рафтан зи чоҳ,
Ту гар шукр кардӣ, ки бодидаӣ,
В-агарна ту ҳам чашмпӯшидаӣ.
Муаллим наёмӯхтат фаҳму рой,
Сиришт ин сифат дар ниҳодат Худой.
Гарат манъ кардӣ дили ҳақниюш,
Ҳақат айни ботил набудӣ ба гӯш.

---

[1] Маҳд – гаҳвора.

Бибин, то як ангушт аз чанд банд
Ба сунъи илоҳӣ ба ҳам дарфиканд.
Пас, ошуфтагӣ бошаду аблаҳӣ,
Ки ангушт бар ҳарфи сунъаш ниҳӣ.
Тааммул кун аз баҳри рафтори мард,
Ки чанд устухон пай заду васл кард,
Ки бе гардиши каъбу зонуву пой
Нашояд қадам баргирифтан зи ҷой.
Аз он саҷда бар одамӣ сахт нест,
Ки дар салби ӯ муҳра яклахт нест.
Дусад муҳра бар якдигар сохтаст,
Ки гилмуҳрае чун ту пардохтаст.
Рагат бар тан аст, эй писандидахӯй,
Замине дар ӯ сесаду шаст ҷӯй.
Басар дар сару рою фикру тамиз
Ҷаворих[1] ба дил, дил ба дониш азиз.
Баҳоим бар ӯ - андар афтода хор,
Ту ҳамчун алиф бар қадамҳо савор.
Нигун карда эшон сар аз баҳри х(в)ар,
Ту орӣ ба иззат хуриш пеши сар.
Назебад тур бо чунин сарварӣ,
Ки сар ҷуз ба тоат фуруд оварӣ.
Ба инъоми худ дона додат, на коҳ,
Накардат чу анъом[2] сар дар гиёҳ.
Валекин бад-ин сурати дилпазир
Фиребо машав, сирати хуб гир.
Раҳи рост бояд, на болои рост,
Ки кофар ҳам аз рӯи сурат чу мост,
Туро он кӣ чашму даҳон доду гӯш,
Агар оқилӣ, дар хилофаш макӯш.
Гирифтам, ки душман бикӯбӣ ба санг,
Макун боре аз ҷаҳл бо дӯст ҷанг.

---

[1] Ҷаворих – узвҳои муҳими бадан.
[2] Анъом – чаҳорпоён.

Хирадмандтабъони миннатшинос
Бидўзанд неъмат ба мехи сипос.

ҲИКОЯТ

Маликзодае з-асби адҳам фитод,
Ба гардан-дараш муҳра барҳам фитод.
Чу пилаш фурў рафт гардан ба тан,
Нагаштӣ сараш, то нагаштӣ бадан.
Пизишкон бимонданд ҳайрон дар ин,
Магар файласуфе зи Юнонзамин.
Шунидам,ки саъяш фаромўш кард,
Забон аз муроот хомўш кард.
Сараш бозпечиду раг рост шуд
В-агар вай набудӣ, зи ман хост шуд.
Дигар навбат омад ба наздики шоҳ,
Накард он фурўмоя дар вай нигоҳ.
Хирадмандро сар фурў шуд ба шарм,
Шунидам, ки мерафту мегуфт нарм:
«Агар дӣ напечидаме гарданаш,
Напечидӣ имрўз рўй аз манаш.
Фиристод тухме ба дасти раҳӣ,
Ки бояд бари удсўзаш ниҳӣ».
Фиристода омад бари шаҳрёр,
Бикард, он чӣ гуфташ худовандвор.
Маликро яке атса омад зи дуд,
Сару гарданаш ҳамчунон шуд, ки буд.
Ба узр аз пайи мард биштофтанд,
Бичустанд бисёру кам ёфтанд.
Макун, гардан аз шукри мунъим мапеч,
Ки рўзи пасин сар барорӣ ба ҳеч.

***

Яке гӯши кӯдак бимолид сахт,
Ки эй булъаҷаброи баргаштабахт,
Туро теша додам, ки ҳезум шикан,
Нагуфтам, ки девори масҷид бикан.
Забон омад аз баҳри шукру сипос,
Ба ғайбат нагардонадаш ҳақшинос.
Гузаргоҳи «Қуръон»-у панд аст гӯш,
Ба буҳтону ботил шунидан макӯш.
Ду чашм аз паи сунъи борӣ накӯст,
Зи айби бародар фурӯ гиру дӯст.

***

Шаб аз баҳри осоиши тусту рӯз,
Маҳи равшану меҳри гетифурӯз.
Сипеҳр аз барои ту фаррошвор
Ҳамегустаронад бисоти баҳор.
Агар боду барф асту борону мег
В-агар раъд чавгон занад, барқ тег,
Ҳама кордорони фармонбаранд,
Ки тухми ту дар хок мепарваранд.
Агар ташна монӣ, зи сахтӣ маҷӯш,
Ки саққои абр обат орад ба дӯш,
Зи хок оварад рангу бӯи таом,
Тамошогаҳи дидаву мағзу ком.
Асал додат аз наҳлу ман аз ҳаво
Рутаб додат аз нахлу тал аз наво.
Ҳама нахлбандон бихоянд даст
Зи ҳайрат, ки нахле чунин кас набаст.
Хуру моҳу парвин барои туанд,
Қанодили[1] сақфи сарои туанд.

---

[1] Қанодил – қандилҳо.

Зи хорат гул оварду аз нофа мушк,
Зар аз кону барги тар аз чӯби хушк.
Ба дасти худат чашму абрӯ нигошт,
Ки маҳрам ба ағёр натвон гузошт.
Тавоно, ки ӯ нозанин парварад,
Ба алвони неъмат чунин парварад.
Ба ҷон гуфт бояд нафас бар нафас,
Ки шукраш на кори забон асту бас.
Худоё, дилам хун шуду дида реш,
Ки мебинам инъомат аз гуфт беш.
Нагӯям, даду дому мӯру самак,
Ки фавҷи малоик ба авҷи фалак.
Ҳанӯзат сипос андаке гуфтаанд,
Зи бевар[1] ҳазорон яке гуфтаанд.
Бирав, Саъдиё, дасту дафтар бишӯй,
Ба роҳе ки поён надорад, мапӯй.

***

Надонад касе қадри рӯзи х(в)ашӣ.
Магар рӯзе афтад ба сахтикашӣ.
Зимистони дарвеш дар тангсол
Чи саҳл аст пеши худованди мол.
Салиме, ки якчанд нолон нахуфт,
Худовандро шукри сиҳҳат нагуфт.
Чу мардонарав бошию тезпой,
Ба шукрона бо кундпоён бипой.
Ба пири куҳан - бар бибахшад ҷавон,
Тавоно кунад раҳм бар нотавон.
Чӣ донанд ҷайҳуниён қадри об,
Зи вомондагон пурс дар офтоб.
Арабро, ки дар Даҷла бошад қуъуд[2],
Чӣ ғам бошад аз ташнагони Зуруд.

---

[1] Бевар – даҳ ҳазор.
[2] Қуъуд – нишастан.

Касе қимати тандурустӣ шинохт,
Ки якчанд бечора дар таб гудохт.
Туро тирашаб кай намояд дароз,
Ки ғалтӣ зи паҳлӯ ба паҳлӯи ноз.
Барандеш аз афтону хезони таб,
Ки ранҷур донад дарозии шаб.
Ба бонги duҳул хоҷа бедор гашт,
Чӣ донад, шаби посбон чун гузашт?

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Туғрул шабе дар хазон
Гузар кард бар ҳиндуи посбон.
Зи боридани барфу борони сайл
Ба ларзиш дарафтода ҳамчун суҳайл[1].
Дилаш бар вай аз раҳмат овард ҷӯш,
Ки инак қабопӯстинам, бипӯш.
Даме мунтазир бош бар тарфи бом,
Ки берун фиристам ба дасти ғулом.
Дар ин буду боди сабо дарвазид,
Шаҳаншаҳ дар айвони шоҳӣ хазид.
Вушоқе паричеҳра дар хайл дошт,
Ки табъаш бад-ӯ андаке майл дошт.
Тамошои туркаш чунон хуш фитод,
Ки ҳиндуи мискин бирафташ зи ёд.
Қабопӯстине гузашташ ба гӯш,
Зи бадбахтияш дарнаёмад ба дӯш.
Магар ранҷи сармо бар ӯ бас набуд,
Ки ҷаври сипеҳр интизораш фузуд.
Нигаҳ кун, чу султон ба ғафлат бихуфт,
Ки чӯбакзанаш бомдодон чӣ гуфт:

---

[1] Суҳайл – номи ситора.

«Магар некбахтат фаромӯш шуд,
Чу дастат дар оғӯши оғӯш[1] шуд?
Туро шаб ба айшу тараб меравад,
Чӣ донӣ, ки бар мо чӣ шаб меравад?»
Фурӯ бурда сар корвоне ба дег,
Чӣ аз по фурӯ рафтагонаш ба рег?
Бидор, эй Худованд, заврақ бар об,
Ки бечорагонро гузашт аз сар об.
Таваққуф кунед, эй ҷавонони чуст,
Ки дар корвонанд пирони суст.
Ту хуш хуфта дар ҳавдаҷи корвон,
Миҳори шутур дар кафи сорвон,
Чи ҳомуну кӯҳак, чи сангу римол[2],
Зи раҳбозпасмондагон пурс ҳол.
Туро кӯҳпайкар ҳаюн[3] мебарад,
Пиёда чӣ донӣ, ки хун ме(х)варад?
Ба ороми дил хуфтагон дар буна,
Чӣ донанд ҳоли шикамгурусна?

ҲИКОЯТ

Якеро асас даст барбаста буд,
Ҳама шаб парешону дилхаста буд.
Ба гӯш омадаш дар шаби тиранг,
Ки шахсе ҳаменолад аз дасти танг.
Шунид ин сухан дузди мискину гуфт:
«Зи бечорагӣ чанд нолӣ? Бихуфт!
Бирав, шукри Яздон кун, эй тангдаст,
Ки дастат асас танг бар ҳам набаст.
Макун нола аз бенавоӣ басе,
Чу бинӣ зи худ бенавотар касе».

---

[1] Оғӯш – ғуломи турк.
[2] Римол – рег.
[3] Ҳаюн – асб ё шутури тундрав.

ҲИКОЯТ

Бараҳнатане як дирам вом кард,
Тани хешро кисвати хом кард.
Бинолид, к-эй толиъи бадлигом,
Ба гармо бипухтам дар ин зери хом.
Чу нопухта омад зи сахтӣ ба ҷӯш,
Яке гуфташ аз чоҳи зиндон: «Хамӯш,
Ба ҷой овар, эй хом, шукри Худой,
Ки чун мо най хом бар дасту пой».

ҲИКОЯТ

Яке кард бар порсое гузар,
Ба сурат ҷуҳуд омадаш дар назар.
Қафое фурӯ кӯфт бар гарданаш,
Бибахшид дарвеш пироҳанаш.
Хиҷил гуфт, к-он-ч аз ман омад, хатост,
Бибахшой бар ман, чӣ ҷои атост?
Ба шукрона гуфто: «Ба сар бистам,
Ки онам, ки пиндоштӣ, нестам.
Накӯсирати бетакаллуф бурун
Беҳ аз некноми харобандарун.
Ба наздики ман шабрави роҳзан
Беҳ аз фосиқи порсопираҳан.

***

Зираҳбозпасмондае мегирист,
Ки мискинтар аз ман дар ин дашт кист?
Ҷаҳондидае гуфташ: «Эй ҳушёр,
Агар мардӣ, ин як сухан гӯш дор,
Бирав шукр кун, чун ба хар - бар най,
Ки охир банӣ Одамӣ, хар най.

ҲИКОЯТ

Фақеҳе бар афтода масте гузашт,
Ба мастурии хеш мағрур гашт.
Зи нахват[1] ба ӯ илтифоте накард,
Ҷавон сар баровард, к-эй пирмард!
Бирав, шукр кун, чун ба неъмат-дарӣ,
Ки маҳрумӣ ояд зи мустакбирӣ.
Якеро, ки дар банд бинӣ, маханд,
Мабодо, ки ногаҳ дарафтӣ ба банд.
На охир дар имкони тақдир ҳаст,
Ки фардо чу ман бошӣ афтода маст.
Туро осмон хат ба масҷид навишт,
Мазан таъна бар дигаре дар куништ.
Бибанд, эй мусулмон, ба шукрона даст,
Ки зуннори муғ дар миёнат набаст.
На худ меравад, ҳар кӣ ҷӯёни ӯст,
Ба унфаш кашон мебарад лутфи дӯст.
Нигар, то қазо аз куҷо сайр кард,
Ки кӯрӣ бувад, такя бар гайр кард.

***

Сириштаст борӣ шифо дар асал,
Начандон ки зӯр оварад бо аҷал.
Асал хуш кунад зиндагонро мизоҷ,
Вале дарди мурдан надорад илоҷ.
Рамақмондаеро, ки ҷон аз бадан
Баромад, чӣ суд ангабин дар даҳан?
Яке гурзи пӯлод бар мағз х(в)ард,
Касе гуфт: - Сандал бимолаш ба дард.
Зи пеши хатар, то тавонӣ, гурез,
Валекин макун бо қазо панҷа тез.

---

[1] Нахват – такаббур.

Дарун то бувад қобили шурбу акл[1],
Бадан тозарӯясту покизашакл.
Хароб он гаҳ ин хона гардад тамом,
Ки бо ҳам насозанд табъу таом.
Мизоҷат тару хушку гарм асту сард,
Мураккаб аз ин чор табъ аст мард.
Яке з-ин чу бар дигаре ёфт даст,
Тарозуи адли табиат шикаст.
Агар боди сарди нафас нагзарад,
Тафи меъда ҷон дар хурӯш оварад.
В-агар деги меъда наҷӯшад таом,
Тани нозанинро шавад кор хом.
Дар инон набандад дил аҳли шинохт,
Ки пайваста бо ҳам нахоҳанд сохт.
Тавоноии тан мадон аз х(в)ариш,
Ки лутфи ҳақат медиҳад парвариш.
Ба ҳаққаш, ки гар дида бар теғу корд
Ниҳӣ, ҳаққи шукраш нахоҳӣ гузорд.
Чу рӯе ба хидмат ниҳӣ бар замин,
Худоро сано гӯю худро мабин.
Гадоист тасбеҳу зикру ҳузур,
Гадоро набояд, ки бошад ғурур.
Гирифтам, ки худ хидмате кардаӣ,
На пайваста иқтоъи[2] ӯ х(в)ардаӣ?

***

Нахуст ӯ иродат ба дил дарниҳод,
Пас ин банда бар остон сар ниҳод.
Гар аз ҳақ на тавфиқи хайре расад,
Кай аз банда хайре ба ғайре расад?
Забонро чӣ бинӣ, ки иқрор дод?
Бибин, то забонро кӣ гуфтор дод?

---

[1] Шурбу акл – нӯшидану хӯрдан.
[2] Иқтоъ – ризқу рӯзӣ.

Дари маърифат дидаи одамист,
Ки бикшуда бар осмону замист.
Каят фаҳм будӣ нишебу фароз,
Гар ин дар накардӣ ба рӯи ту боз?
Сар оварду даст аз адам дар вуҷуд
Дар ин ҷуд бинҳоду дар он суҷуд.
В-агарна кай аз даст ҷуд омадӣ?
Муҳол аст, к-аз сар суҷуд омадӣ.
Ба ҳикмат забон доду гӯш офарид,
Ки бошанд сандуқи дилро калид.
Агар на забон қисса бардоштӣ,
Кас аз сирри дил кай хабар доштӣ?
В-агар нестӣ саъйи ҷосуси гӯш,
Хабар кай расидӣ ба султони ҳуш?
Маро лафзи ширини хонанда дод,
Туро самъу идроки донанда дод.
Мудом ин ду чун ҳоҷибон[1] бар даранд,
Зи султон ба султон хабар мебаранд.
Чӣ андеша аз худ, ки феълам накӯст?
Аз он дар нигаҳ кун, ки тавфиқи ӯст.
Барад бӯстонбон бар айвони шоҳ
Ба навбова гул ҳам зи бустони шоҳ.

ҲИКОЯТ

Буте дидам аз оҷ дар Суманот
Мурассаъ чу дар ҷоҳилият Манот[2].
Чунон сураташ баста тимсолгар,
Ки сурат набандад аз он хубтар.
Зи ҳар ноҳият корвонҳо равон,
Ба дидори он сурати беравон.

---

[1] Ҳоҷиб – дарбон.
[2] Манот – номи яке аз бутҳои араб.

Тамаъ карда ройони Чину Чигил
Чу Саъдӣ вафо з-он бути сангдил.
Забоноварон рафта аз ҳар макон
Тазарруъкунон пеши он безабон.
Фурӯ мондам аз кашфи он моҷаро,
Ки ҳайййе ҷамоде парастад чаро?
Муғеро, ки бо ман сару кор буд,
Накӯгӯю ҳамҳуҷраву ёр буд.
Ба нармӣ бипурсидам: «Эй барҳаман,
Аҷаб дорам аз кори ин букъа ман,
Ки мадҳуши ин нотавон пайкаранд,
Муқайяд ба чоҳи залолат[1] - даранд.
На нерӯи дасташ, на рафтори пой
В-араш бифканӣ, барнахезад зи ҷой.
Набинӣ, ки чашмонаш аз каҳрабост,
Вафо ҷустан аз сангчашмон хатост.
Бар ин гуфтам, он дӯст душман гирифт,
Чу оташ шуд аз хашму дар ман гирифт.
Муғонро хабар карду пирони дайр,
Надидам дар он анҷуман рӯи хайр.
Фитоданд габрони позандхон
Чу саг дар ман аз баҳри он устухон.
Чу он роҳи каж пешашон рост буд,
Раҳи рост дар чашмашон каж намуд,
Ки мард арчи донову соҳибдил аст,
Ба наздики бедонишон ҷоҳил[2] аст.
Фурӯ мондам аз чора ҳамчун ғариқ,
Бурун аз мудоро надидам тариқ.
Чу бинӣ, ки ҷоҳил ба кин - андар аст,
Саломат ба таслиму лин[3] андар аст.

---

[1] Залолат – гумроҳӣ.
[2] Ҷоҳил – нодон.
[3] Лин – нармӣ.

Меҳин барҳаманро ситудам баланд,
Ки, эй пири тафсири «Асто» - ву «Занд»,
Маро низ бо нақши ин бут х(в)аш аст.
Ки шакле хушу қомате дилкаш аст.
Бадеъ оядам сураташ дар назар,
Валекин зи маънӣ надорам хабар,
Ки солуки[1] ин манзилам анқариб,
Бад аз нек камтар шиносад ғариб.
Ту донӣ, ки фарзини ин руқъаӣ,
Насиҳатгару шоҳи ин буқъаӣ.
Чу маънист дар сурати ин санам[2],
Ки аввалпарастандагонаш манам?
Ибодат ба тақлид гумроҳияст,
Хунук раҳраверо, ки огоҳияст.
Бараҳман зи шодӣ барафрӯхт рӯй,
Писандиду гуфт: «Эй писандидагӯй,
Суолат савоб асту феълат ҷамил,
Ба манзил расад, ҳар кӣ ҷӯяд далел.
Басе чун ту ғардидам андар сафар,
Бутон дидам аз хештан бехабар.
Ҷуз ин бут, ки ҳар субҳ аз ин ҷо, ки ҳаст,
Барорад ба Яздони додор даст.
В-агар хоҳӣ, имшаб ҳамин ҷо бибош,
Ки фардо шавад сирри ин бар ту фош.
Шаб он ҷо бибудам ба фармони пир,
Чу Бежан ба чоҳи бало - дар асир.
Шабе ҳамчу рӯзи қиёмат дароз,
Муғон гирди ман бевузӯ дар намоз.
Кашишони ҳаргиз наёзурда об
Бағалҳо чу мурдор дар офтоб.
Магар карда будам гуноҳе азим,
Ки бурдам дар ин шаб азобе алим.

---

[1] Солук – солик, раванда.
[2] Санам – бут.

Ҳама шаб дар ин қайду ғам мубтало,
Якам даст бар дил, яке бар дуо,
Ки ногаҳ духулзан фуру кӯфт кӯс,
Бихонд аз фазои бараҳман хурӯс.
Хатиби сияҳпӯши шаб бехилоф
Баровард шамшери рӯз аз гилоф.
Фитод оташи субҳ дар сӯхта,
Ба як дам ҷаҳоне шуд афрӯхта.
Ту ғуфтӣ, ки дар хиттаи Зангбор
Зи як гӯша ногаҳ даромад татор.
Муғони табаҳрои[1] ношустарӯй
Ба дайр омаданд аз дару дашту кӯй.
Кас аз мард дар шаҳру аз зан намонд,
Дар он буткада ҷои дарзан намонд.
Ман аз ғусса ранҷуру аз хоб маст,
Ки ногоҳ тимсол бардошт даст.
Ба якбор аз эшон баромад хурӯш,
Ту гуфтӣ, ки дарё баромад ба ҷӯш.
Чу бутхона холӣ шуд аз анҷуман,
Бараҳман нигаҳ кард хандон ба ман,
Ки донам, туро беш мушкил намонд,
Ҳақиқат аён гашту ботил намонд?!
Чу дидам, ки ҷаҳл андар ӯ муҳкам аст,
Хаёли муҳол андар ӯ мудғам[2] аст,
Наёрастам аз ҳақ дигар ҳеч гуфт,
Ки ҳақ з-аҳли ботил бибояд ниҳуфт.
Чу бинӣ забардастро зӯрдаст,
На мардӣ бувад панҷаи худ шикаст.
Замоне ба солус[3] гирён шудам,
Ки ман з-он чӣ гуфтам, пушаймон шудам.

---

[1] Табаҳрой – бадандеш.
[2] Мудғам – ба ҳам пайваста.
[3] Солус – фиреб.

Ба гиря дили кофарон кард майл,
Аҷаб нест, санг ар бигардад ба сайл.
Давиданд хидматкунон сӯи ман,
Ба иззат гирифтанд бозуи ман.
Шудам узргӯён бари шахси оҷ
Ба курсии заркӯфт бар тахти соҷ.
Бутакро яке бӯса додам ба даст,
Ки лаънат бар ӯ боду бар бутпараст.
Ба таҷлид кофар шудам рӯз чанд,
Бараҳман шудам дар маҷомоти Занд.
Чу дидам, ки дар дайр гаштам амин,
Нагунҷидам аз хуррамӣ дар замин.
Дари дайр муҳкам бибастам шабе,
Давидам чапу рост чун аҷрабе.
Нигаҳ кардам аз зери тахту забар
Яке парда дидам мукаллал[1] ба зар.
Паси парда митрони[2] озарпараст.
Муҷовир сари ресмоне ба даст.
Ба фаврам дар он ҳол маълум шуд,
Чу Довуд, к-оҳан бар ӯ мум шуд,
Ки ночор чун даркашад ресмон,
Барорад санам даст бар осмон.
Бараҳман шуд аз рӯи ман шармсор,
Ки шунъат бувад бахя бар рӯи кор.
Битозиду ман дар паяш тохтам,
Нигунаш ба чоҳе дарандохтам,
Ки донистам, ар зинда он барҳаман
Бимонад, кунад саъй дар хуни ман.
Писандад, ки аз ман барояд димор,
Мабодо, ки розаш кунам ошкор.
Чу аз кори муфсид хабар ёфтӣ,
Зи дасташ баровар, чу дарёфтӣ,

---

[1] Мукаллал – ороста.
[2] Митрон – марди рӯҳонии зардуштӣ.

Ки гар зиндааш монӣ, он беҳунар
Нахоҳад туро зиндагонӣ дигар.
В-агар сар ба хидмат ниҳад бар дарат,
Агар даст ёбад, бибуррад сарат.
Фиребандаро пой дар пай манеҳ,
Чу рафтию дидӣ, амонаш мадеҳ.
Тамомаш бикуштам ба санг он хабис,
Ки аз мурда дигар наёяд ҳадис[1].
Чу дидам, ки гавғое ангехтам,
Раҳо кардам он буму бигрехтам.
Чу андар наистоне оташ задӣ,
Зи шерон бипарҳез, агар бихрадӣ.
Макуш баччаи мори мардумгазой,
Чу куштӣ дар он хона дигар мапой.
Чу занбӯрхона биёшуфтӣ,
Гурез аз маҳаллат, ки гарм уфтӣ.
Ба чобуктар аз худ маяндоз тир,
Чу афтид, доман ба дандон бигир.
Дар авроқи Саъдӣ чунон панд нест,
Ки чун пои девор кандӣ, маист.
Ба Ҳинд омадам баъд аз он растхез
В-аз он ҷо ба роҳи Яман то Ҳиҷез.
Аз он ҷумла сахтӣ, ки бар ман гузашт,
Даҳонам ҷуз имрӯз ширин нагашт.
Дар иқболу таъйиди Бӯбакри Саъд
Ки модар назояд чун ӯ қаблу баъд,
Зи ҷаври фалак додхоҳ омадам,
Дар ин соягустар паноҳ омадам.
Дуогӯи ин давлатам бандавор,
Худоё, ту ин соя поянда дор.
Ки марҳам ниҳодам на дархурди реш,
Ки дархурди икрому инъоми хеш.

---

[1] Ҳадис – сухан.

Кай ин шукри неъмат ба ҷо оварам,
В-агар пой гардад ба хидмат сарам?
Фараҷ ёфтам баъд аз он бандҳо,
Ҳанӯзам ба гӯш аст он пандҳо.
Яке он, ки ҳар гаҳ зи дасти ниёз
Барорам ба даргоҳи донои роз,
Ба ёд ояд он луъбати чиниям,
Кунад хок дар чашми худбиниям.
Бидонам, ки дасте, ки бардоштам,
Ба нерӯи худ барнаяфроштам.
На соҳибдилон даст бармекашанд,
Ки сарришта аз ғайб дармекашанд.
Дари хайр боз асту тоат, валек
На ҳар кас тавоност бар феъли нек.
Ҳамин аст мониъ, ки дар боргоҳ
Нашояд шудан ҷуз ба фармони шоҳ.
Калиди қадар[1] нест дар дасти кас,
Тавонои мутлақ Худоясту бас.
Пас, эй марди пӯянда, бар роҳи рост
Туро нест миннат, Худовандрост.
Чу дар ғайб некӯ ниҳодат сиришт,
Наёяд зи хӯи ту кирдори зишт,
Зи занбӯр кард ин ҳаловат падид,
Ҳамон кас, ки дар мор заҳр офарид.
Чу хоҳад, ки мулки ту вайрон кунад,
Нахуст аз ту халқе парешон кунад.
В-агар бошадаш бар ту бахшоише,
Расонад ба халқ аз ту осоише.
Такаббур макун бар раҳи ростӣ,
Ки дастат гирифтанду бархостӣ.
Сухан судманд аст, агар бишнавӣ,
Ба мардон расӣ, гар тариқат равӣ.

---

[1] Қадар – сарнавишт, қисмат.

Мақоме биёбӣ, гарат раҳ диҳанд,
Ки бар хони иззат симотат ниҳанд.
Валекин набояд, ки танҳо х(в)арӣ,
Зи дарвеши дармонда ёд оварӣ.
Фиристӣ магар раҳмате дар паям,
Ки бар кардаи хеш восиқ[1] наям.

БОБИ НӮҲУМ

ДАР ТАВБА ВА РОҲИ САВОБ

Биё, эй ки умрат ба ҳафтод рафт,
Магар хуфта будӣ, ки бар бод рафт?
Ҳама барги будан ҳамесохтӣ,
Ба тадбири рафтан напардохтӣ.
Қиёмат, ки бозори минӯ ниҳанд,
Манозил ба аъмоли некӯ диҳанд.
Бизоат ба чандон ки орӣ, барӣ
В-агар муфлисӣ, шармсорӣ барӣ,
Ки бозор чандон ки огандатар,
Тиҳидастро дил парокандатар.
Зи панҷаҳ дирам панҷ агар кам шавад,
Дилат реши сарпанҷаи ғам шавад.
Чу панҷоҳ солат бурун шуд зи даст,
Ғанимат шумар панҷ рӯзе, ки ҳаст.
Агар мурда мискин забон доштӣ,
Ба фарёду зорӣ фиғон доштӣ,
Ки, эй зинда, чун ҳаст имкони гуфт,
Лаб аз зикр чун мурда бар ҳам махуфт!
Чу моро ба ғафлат бишуд рӯзгор,
Ту боре даме чанд фурсат шумор.

---

[1] Восиқ – мутмаин.

ҲИКОЯТ

Шабе дар ҷавонию тиби ниам
Ҷавонон нишастем чанде ба ҳам.
Чу булбул сароён, чу гул тозарӯй,
Зи шӯхӣ дарафканда ғулғул ба кӯй.
Ҷаҳондида пире зи мо барканор
Зи даври фалак лайли мӯяш наҳор[1],
Чу фундуқ даҳон аз сухан баста буд,
На чун мо лаб аз ханда чун писта буд.
Ҷавоне фаро рафт, к-эй пирмард,
Чӣ дар кунҷи ҳасрат нишинӣ ба дард?
Яке сар барор аз гиребони ғам,
Ба ороми дил бо ҷавонон бичам[2].
Баровард сар солхӯрд аз ниҳуфт,
Ҷавобаш нигар, то чӣ пирона гуфт:
«Чу боди сабо бар гулистон вазад,
Чамидан дарахти ҷавонро сазад.
Чаман то ҷавон асту сарсабзу хед,
Шикаста шавад, чун ба зардӣ расид.
Баҳорон, ки бед оварад бедмушк,
Бирезад дарахти куҳан барги хушк.
Назебад маро бо ҷавонон чамид,
Ки бар оразам субҳи пирӣ дамид.
Ба қайд - андарам ҷуррабозе, ки буд,
Дамодам сари ришта хоҳад рабуд.
Шуморост навбат бар ин хон нишаст,
Ки мо аз танаъъум бишустем даст.
Чу бар сар нишаст аз бузургӣ ғубор,
Дигар чашми айши ҷавонӣ мадор.
Маро барф борида бар парри зоғ,
Нашояд чу булбул тамошои боғ.

---

[1] Лайлу наҳор – шабу рӯз.
[2] Бичам – гардиш кун.

Кунад ҷилва товуси соҳибҷамол,
Чӣ меҳоҳӣ аз бози барқандабол?
Маро ғалла танг андаромад дарав,
Шуморо кунун медиҳад сабза нав.
Гулистони моро тароват гузашт,
Кӣ гул даста бандад, чу пажмурда гашт?
Маро такя, ҷони падар, бар асост,
Дигар такя бар зиндагонӣ хатост.
Мусаллам ҷавонрост бар пой ҷаст,
Ки пирон баранд истионат ба даст.
Гули сурхи рӯям нигар, зарри ноб,
Фурӯ рафт, чун зард шуд офтоб.
Ҳавас пухтан аз кӯдаки нотамом
Чунон зишт набвад, ки аз пири хом.
Маро мебибояд чу тифлон гирист
Зи шарми гуноҳон, на тифлона зист.
Накӯ гуфт Луқмон, ки нозистан
Беҳ аз солҳо бархато зистан.
Ҳам аз бомдодон дари кулба баст,
Беҳ аз суду сармоя додан зи даст.
Ҷавон то расонад сиёҳӣ ба нур,
Барад пири мискин сиёҳӣ ба гӯр.

ҲИКОЯТ

Куҳансоле омад ба назди табиб,
Зи нолиданаш то ба мурдан қариб,
Ки дастам ба раг барнеҳ, эй некрой,
Ки поям ҳаме барнаёяд зи ҷой.
Бад-он монад ин қомати чафтаам,
Ки гӯӣ ба гил - дар фурӯ рафтаам.
Бар ӯ гуфт: «Даст аз ҷаҳон баргусил,
Ки поят қиёмат барояд зи гил».

Нишоти ҷавонӣ зи пирон маҷӯй,
Ки оби равон боз н-ояд ба ҷӯй.
Агар дар ҷавонӣ задӣ дасту пой,
Дар айёми пирӣ баҳуш бошу рой.
Чу даврони умр аз чиҳил даргузашт,
Мазан дасту по, к-обат аз сар гузашт.
Нишот он гаҳ аз ман рамидан гирифт,
Ки шомам сапеда дамидан гирифт.
Бибояд ҳавас кардан аз сар бадар,
Ки даври ҳавасбозӣ омад ба сар.
Ба сабза куҷо тоза гардад дилам,
Ки сабза бихоҳад дамид аз гилам.
Тафарруҷкунон дар ҳавову ҳавас
Гузаштем бар хоки бисёр кас.
Касоне, ки дигар ба ғайб - андаранд,
Биёянду бар хоки мо бигзаранд.
Дареғо, чунон рӯҳпарвар замон,
Ки бигзашт бар мо чу барқи ямон.
Зи савдои он пӯшаму ин хурам,
Напардохтам, то ғами дин хурам.
Дареғо, ки машғули ботил шудем,
Зи ҳақ дур мондему ғофил шудем.
Чӣ хуш гуфт бо кӯдак омӯзгор,
Ки коре накардему шуд рӯзгор.

***

Ало, эй хирадманди бисёрҳуш,
Агар ҳушмандӣ, ба ман дор гӯш.
Баланд осмон зери пой оварӣ,
Агар панди Саъдӣ ба ҷой оварӣ;
Ҷавоно, раҳи тоат имрӯз гир,
Ки фардо ҷавонӣ наёяд зи пир.

Фароғи дилат ҳасту нерӯи тан,
Чу майдон фарох аст, гӯе бизан.
Қазо рӯзгоре зи ман даррабуд,
Ки ҳар рӯзе аз вай шаби қадр буд.
Ман он рӯзро қадр нашнохтам,
Бидонистам, акнун, ки дарбохтам.
Чу кӯшиш кунад пирхар зери бор,
Ту мерав, ки бар бодпой савор.
Шикаста қадаҳ в-ар бибанданд чуст,
Наёвард хоҳад баҳои дуруст.
Кунун, к-ӯ фитодат ба ғафлат зи даст,
Тариқе надорад магар бозбаст.
Кӣ гуфтам ба Ҷайҳун-дар андоз тан,
Чу афтод, ҳам дасту пое бизан.
Зи ғафлат бидодӣ зи даст оби пок,
Чӣ чора кунун ҷуз таяммум ба хок.
Чу аз чобукон дар давидан ғарав
Набурдӣ, ҳам афтону хезон бирав.
Гар он бодпоён бирафтанд тез,
Ту бе дасту по аз нишастан бихез.

ҲИКОЯТ

Шабе хобам андар биёбони Файд[1]
Фурӯ баст пои давидан ба қайд.
Шутурбоне омад ба ҳавлу ситез,
Зимоми шутур бар сарам зад, ки хез,
Магар дил ниҳодӣ ба мурдан зи пас,
Ки барменахезӣ ба бонги ҷарас?
Маро ҳам чу ту хоби хуш дар сар аст,
Валекин биёбон ба пеш - андар аст.

---

[1] Файд – манзилест дар роҳи Каъба.

Ту к-аз хоби нӯшин ба бонги раҳил
Нахезӣ, дигар кай расӣ дар сабил?
Фуру кӯфт табли шутур сорвон,
Ба манзил расид аввали корвон.
Хунукҳушёрони фархундабахт,
Ки пеш аз духулзан бисозанд рахт,
Бараҳхуфтагон то бароранд сар,
Набинанд раҳрафтагонро асар.
Сабақ бурд раҳрав, ки бархост зуд,
Пас аз нақл бедор будан чӣ суд?
Яке дар баҳорон бияфшонда ҷав,
Чӣ гандум ситонад ба вақти дарав?
Кунун бояд, эй хуфта, бедор буд,
Чу марг андарорад, зи хобат чӣ суд?
Чу шайбат даромад ба рӯи шабоб[1],
Шабат рӯз шуд, дида баркан зи хоб.
Ман он рӯз баркандам аз умр умед,
Ки афтодам андар сиёҳӣ сапед.
Дареғо, ки бигзашт умри азиз,
Бихоҳад гузашт ин даме чанд низ.
Гузашт, он чӣ дар носавобӣ гузашт,
В-ар ин низ ҳам дарнаёбӣ, гузашт.
Кунун вақти тухм аст, агар парварӣ,
Гар уммед дорӣ, ки хирман барӣ.
Ба шаҳри қиёмат марав тангдаст,
Ки ваҷҳе надорад ба ҳасрат нишаст.
Гарат чашми ақл асту тадбири гӯр,
Кунун кун, ки чашмат нахӯрдаст мӯр.
Ба моя тавон, эй писар, суд кард,
Чӣ суд афтад онро, ки сармоя х(в)ард?
Кунун кӯш, к-об аз камар даргузашт,
На вақте ки селоб аз сар гузашт.

---

[1] Шабоб – ҷавонӣ.

Кунунат, ки чашм аст, ашке бибор,
Забон дар даҳон аст, узре биёр.
На пайваста бошад равон дар бадан,
На ҳамвора гардад забон дар даҳан.
Кунун боядат узри тақсир гуфт,
На чун нафси нотиқ зи гуфтан бихуфт.
Зи донандагон бишнав имрӯз қавл,
Ки фардо накират бипурсад ба ҳавл.
Ғанимат шумор ин гиромӣ нафас,
Ки бе мург қимат надорад қафас.
Макун умр зоеъ ба афсӯсу ҳайф,
Ки фурсат азиз аст, ал-вақту сайф

ҲИКОЯТ

Қазо зиндаеро раги ҷон бурид,
Дигар кас ба маргаш гиребон дарид.
Чунин гуфт бинандаи тезҳуш,
Чу фарёду зорӣ расидаш ба гӯш:
«Зи дасти шумо мурда бар хештан
Гараш даст будӣ, даридӣ кафан,
Ки чандин зи тимору дардам мапеч,
Ки рӯзе ду пеш аз ту кардам басич.
Фаромӯш кардӣ магар марги хеш,
Ки марги манат нотавон карду реш?»
Муҳаққиқ, ки бар мурда резад гилаш,
На бар вай, ки бар худ бисӯзад дилаш.
Зи ҳиҷрони тифле, ки дар хок рафт,
Чӣ нолӣ, ки пок омаду пок рафт,
Ту пок омадӣ, барҳазар бошу бок,
Ки нанг аст, нопок рафтан ба хок.
Кунун бояд ин мурғро пой баст,
На он гаҳ ки сарришта бурдат зи даст.

Нишастӣ ба ҷои дигар кас басе,
Нишинад ба ҷои ту дигар касе.
Агар паҳлавонию гар теғзан,
Нахоҳӣ бадар бурдан илло кафан.
Хуруҷаш агар бигсилонад каманд,
Чу дар рег монад, шавад пойбанд.
Туро низ чандон бувад дасти зӯр,
Ки поят нарафтаст дар реги гӯр.
Манеҳ дил бар ин солхӯрда макон,
Ки гунбад напояд бар ӯ гирдакон.
Чу дӣ рафту фардо наёмад ба даст,
Ҳисоб аз ҳамин як нафас кун, ки ҳаст.

ҲИКОЯТ

Фурӯ рафт Ҷамро яке нозанин,
Кафан кард чун кирмаш абрешимин.
Ба дахма даромад пас аз чанд рӯз,
Ки бар вай бигиряд ба зорию сӯз.
Чу пӯшида дидаш ҳарири кафан,
Ба фикрат чунин гуфт бо хештан:
«Ман аз кирм барканда будам ба зӯр,
Биканданд аз ӯ боз кирмони гӯр.
Дар ин боғ сарве наёмад баланд,
Ки боди аҷал беҳаш аз бун наканд».
Қазо нақши юсуфҷамоле накард,
Ки моҳии гӯраш чу Юнус нах(в)ард.
Ду байти ҷигар кард рӯзе кабоб,
Ки мегуфт гӯяндае бо рубоб:
«Дареғо, ки бе мо басе навбаҳор
Бирӯяд гулу бишкуфад лолазор.
Басе тиру даймоҳу урдибиҳишт
Барояд, ки мо хок бошему хишт».

ҲИКОЯТ

Яке порсосирати ҳақпараст
Фитодаш яке хишти заррин ба даст.
Сари ҳушмандаш чунон хира кард,
Ки савдо дили равшанаш тира кард.
Ҳама шаб дар андеша, к-ин ганҷу мол
Дар ӯ, то зиям, раҳ наёбад завол.
Дигар қомати аҷзам аз бахри хост
Набояд бари кас дуто карду рост.
Сарое кунам пойбасташ рухом,
Дарахтони сақфаш ҳама уди хом.
Яке ҳуҷра хос аз паи дӯстон,
Дари ҳуҷра андар саробӯстон.
Бифарсудам аз руқъа бар руқъа дӯхт,
Тафи дигарон чашму мағзам бисӯхт.
Дигар зердастон пазандам х(в)ариш,
Ба роҳат диҳам рӯҳро парвариш.
Ба сахтӣ бикушт ин намадбистарам,
Равам з-ин сипас абқарӣ[1] густарам.
Хаёлаш хариф карду колеваранг
Ба мағзаш фурӯ бурда харчанг чанг.
Фароғи муноҷоту розаш намонд,
Хуру хобу зикри намозаш намонд.
Ба саҳро баромад сар аз ишва маст,
Ки ҷое набудаш қарори нишаст.
Яке бар сари гӯр гил месиришт,
Ки ҳосил кунад з-он гили гӯр хишт.
Ба андеша лахте фурӯ рафт пир,
Ки, эй нафси кӯтаҳназар, панд гир!
Чӣ бандӣ дар ин хишти заррин дилат,
Ки як рӯз хиште кунанд аз гилат?

---

[1] Абқарӣ – навъе фарш ё порчаи абрешимӣ.

Тамаъро начандон даҳон аст боз,
Ки бозаш нишинад ба як луқма оз.
Бидор, эй фурӯмоя, з-ин хишт даст,
Ки Ҷайҳун нашояд ба як хишт баст.
Ту ғофил дар андешаи суду мол,
Ки сармояи умр шуд поймол.
Ғубори ҳаво чашми ғафлат бидӯхт,
Самуми ҳавас кишти умрат бисӯхт.
Бикун сурмаи ғафлат аз чашм пок,
Ки фардо шавӣ сурма дар чашми хок.

ҲИКОЯТ

Миёни ду тан душманӣ буду ҷанг,
Сар аз кибр бар якдигар чун паланг.
Зи дидори ҳам то ба ҳадде рамон,
Ки бар ҳар ду танг омадӣ осмон.
Якеро аҷал дар сар овард ҷайш,
Сар омад бар ӯ рӯзгорони айш.
Бадандеши вайро дарун шод гашт,
Ба гӯраш пас аз муддате баргузашт.
Шабистони гӯраш даранду да дид,
Ки вақте сарояш заранду да дид.
Хиромон ба болинаш омад фароз,
Ҳамегуфт бо худ лаб аз ханда боз:
Хушо вақти маҷмӯи он кас, ки ӯст
Пас аз марги душман дар оғӯши дӯст.
Пас аз марги он кас набояд гирист,
Ки рӯзе пас аз марги душман бизист.
Зи рӯи адоват ба бозуи зӯр
Яке тахта баркандаш аз рӯи гӯр.
Сари тоҷвар дидаш андар мағок,
Ду чашми ҷаҳонбинаш оганда хок.

Вуҷудаш гирифтори зиндони гӯр,
Танаш туъмаи кирму торочи мӯр.
Чунон тангаш оганда хок устухон,
Ки аз оҷ бар тӯтиё сурмадон.
Зи даври фалак бадри рӯяш ҳилол,
Зи ҷаври замон сарви қаддаш хилол.
Кафи дасту сарпанҷаи зӯрманд
Ҷудо карда айём бандаш зи банд.
Чунонаш бар ӯ раҳмат омад зи дил,
Ки бисришт бар хокаш аз гиря гил.
Пушаймон шуд аз кардаву хӯи зишт,
Бифармуд бар санги гӯраш набишт:
«Макун шодмонӣ ба марги касе,
Ки даҳрат намонад пас аз вай басе».
Шунид ин сухан орифе ҳушёр,
Бинолид, к-эй қодири кирдгор!
Аҷаб, гар ту раҳмат наёрӣ бар ӯ,
Ки бигрист душман ба зорӣ бар ӯ.
Тани мо шавад низ рӯзе чунон,
Ки бар вай бисӯзад дили душманон.
Магар дар дили дӯст раҳм оядам,
Чу бинад, ки душман бибахшоядам.
Ба ҷое расад кори сар деру зуд,
Ки гӯӣ, дар ӯ дида ҳаргиз набуд.
Задам теша як рӯз бар талли хок,
Ба гӯш омадам нолаи дарднок,
Ки зинҳор, агар мардӣ, оҳистатар,
Ки чашму баногӯшу рӯясту сар.

ҲИКОЯТ

Шабе хуфта будам ба азми сафар,
Паи корвоне гирифтам саҳар,
Баромад яке саҳмгин боду гард,
Ки бар чашми мардум ҷаҳон тира кард.

Ба раҳ-бар яке духтари хона буд,
Ба миъҷар[1] ғубор аз падар мезудуд.
Падар гуфташ: «Эй нозанинчеҳри ман,
Ки дорӣ дил ошуфтаи меҳри ман,
Начандон нишинад дар ин дида хок,
Ки бозаш ба миъҷар тавон кард пок.
Бар ин хок чандон сабо бигзарад,
Ки ҳар зарра аз мо ба ҷое барад.
Туро нафси раъно чу саркаш сутур
Давон мебарад то ба саршеби гӯр.
Аҷал ногаҳат бигсилонад рикеб,
Инон бознатвон гирифт аз нишеб.

***

Хабар дорӣ, эй устухонӣ қафас,
Ки ҷони ту мурғест, номаш нафас?
Чу мурғ аз қафас рафту бигсаст қайд,
Дигар раҳ нагардад ба саъйи ту сайд.
Нигаҳ дор фурсат, ки олам дамест,
Даме пеши доно беҳ аз оламест.
Сакандар, ки бар оламе ҳукм дошт,
Дар он дам, ки бигзашту олам гузошт,
Муяссар набудаш, к-аз ӯ оламе
Ситонанду муҳлат диҳандаш даме.
Бирафтанду ҳар кас дар ӯ он чӣ кишт,
Намонад ба ҷуз номи некӯву зишт.
Чаро дил бар ин корвонгаҳ ниҳем?
Ки ёрон бирафтанду мо бар раҳем.
Пас аз мо ҳамин гул диҳад бӯстон,
Нишинанд бо якдигар дӯстон.
Дил андар дилороми дунё мабанд,
Ки наншаст бо кас, ки дил барнаканд.

---

[1] Миъҷар – рӯймол, чодар.

Чу дар хокдони лаҳад хуфт мард,
Қиёмат бияфшонад аз мӯй гард.
Сар аз ҷайби ғафлат баровар кунун,
Ки фардо намонад ба ҳасрат нигун.
На чун хоҳӣ омад ба Шероз-дар,
Сару тан бишӯӣ зи гарди сафар.
Пас, эй хоксори гунаҳанқариб,
Сафар кард хоҳӣ ба шаҳри ғариб.
Бирон аз ду сарчашмаи дида ҷӯй
В-ар олоише дорӣ, аз худ бишӯй.

ҲИКОЯТ

Зи аҳди падар ёдам омад ҳаме,
Ки борони раҳмат бар ӯ ҳар даме,
Ки дар хурдиям лавҳу дафтар харид,
Зи баҳрам яке хотами зар харид.
Бадар кард ногаҳ яке муштарӣ
Ба хурмое аз дастам ангуштарӣ.
Чу нашносад ангуштарӣ тифли хурд,
Ба ширинӣ аз вай тавонанд бурд.
Ту ҳам қимати умр нашнохтӣ,
Ки дар айши ширин дарандохтӣ.
Қиёмат, ки некон бар аъло расанд,
Зи қаъри саро бар сурайё расанд,
Туро худ бимонад сар аз нанг пеш,
Ки гирдат бароянд амалҳои хеш.
Бародар, зи кори бадон шарм дор,
Ки дар рӯи некон шавӣ шармсор.
Дар он рӯз, к-аз феъл пурсанду қавл,
Улулазмро тан биларзад зи ҳавл.
Ба ҷое, ки дахшат хуранд анбиё,
Ту узри гунаҳро чӣ дорӣ? Биё!

Замоне, ки тоат ба рағбат баранд,
Зи мардони нопорсо бигзаранд.
Туро шарм н-ояд зи мардии хеш,
Ки бошад занонро қабул аз ту беш.
Занонро ба узре муайён, ки ҳаст,
Зи тоат бидоранд гаҳ-гоҳ даст.
Ту бе узр як сӯ нишинӣ чу зан,
Рав, эй кам зи зан, лофи мардӣ мазан.
«Маро худ чӣ бошад забоноварӣ»,
Чунин гуфт шоҳи сухан Унсурӣ.
Маро худ мабин, эй аҷаб, дар миён,
Бибин, то чӣ гуфтанд пешиниён.
Чу аз ростӣ бигзарӣ, хам бувад,
Чӣ марде бувад, к-аз зане кам бувад?
Ба нозу тараб нафс парварда гир,
Ба айём душман қавӣ карда гир.
Яке баччаи гург мепарварид,
Чу парварда шуд, хоҷа бар ҳам дарид.
Чу бар паҳлуи ҷон супурдан бихуфт,
Забоноваре дар сараш рафту гуфт:
«Ту душман чунин нозанин парварӣ,
Надонӣ, ки ночор захмаш х(в)арӣ?»
На Иблис дар ҳаққи мо таъна зад,
К-аз инон наёяд ба ҷуз кори бад?
Фиғон аз бадиҳо, ки дар нафси мост,
Ки тарсам, шавад таъни Иблис рост.
Чу малъун писанд омадаш қаҳри мо,
Худояш биандохт аз баҳри мо.
Куҷо сар барорем аз ин ору нанг,
Ки бо ӯ ба сулҳему бо ҳақ ба ҷанг?
Назар дӯст то даркунад сӯи ту,
Чу дар рӯи душман бувад рӯи ту?
Гарат дӯст бояд, к-аз ӯ бар х(в)арӣ,
Набояд, ки фармони душман барӣ.

Раво дорад аз дӯст бегонагӣ,
Ки душман гузинад ба ҳамхонагӣ.
Надонӣ, ки камтар ниҳад дӯст пой,
Чу бинад, ки душман бувад дар сарой.
Ба сими сиях то чӣ хоҳӣ харид,
Ки хоҳӣ дил аз меҳри Юсуф бурид.

ҲИКОЯТ

Яке бурд бо подшоҳе ситез,
Ба душман супурдаш, ки хунаш бирез.
Гирифтор дар дасти он кинатӯз
Ҳамегуфт ҳар дам ба зорию сӯз:
Агар дӯст бар худ наёзурдаме,
Кай аз дасти душман ҷафо бурдаме?
Басо ҷаври душман бидаррад-ш пӯст
Рафиқе, ки бар худ биёзурд дӯст.
Ту аз дӯст, гар оқилӣ, бармагард,
Ки душман наёрад нигаҳ дар ту кард.
Ту бо дӯст якдил шаву яксухун,
Ки худ бехи душман барояд зи бун.
Напиндорам, ин зиштномӣ накӯст,
Ба хушнудии душман озори дӯст.

ҲИКОЯТ

Яке моли мардум ба талбис х(в)ард,
Чу бархост, лаънат ба Иблис кард.
Чунин гуфташ Иблис андар раҳӣ,
Ки ҳаргиз надидам чунин аблаҳӣ:
Туро бо ман аст, эй фалон, оштӣ,
Ба ҷангам чаро гардан афроштӣ?
Дареғ аст фармудаи деви зишт,
Ки дасти малак бар ту хоҳад навишт.

Раво дорӣ аз ҷаҳлу нобокият,
Ки покон нависанд нопокият?
Тарикҷе ба даст ору сулҳе бигӯй,
Шафеъе барангезу узре бигӯй,
Ки як лаҳза сурат набандад амон,
Чу паймона пур шуд ба даври замон.
В-агар дасти қудрат надорӣ ба кор,
Чу бечорагон дасти зорӣ барор.
Гарат рафт аз андоза берун бадӣ,
Чу гуфтӣ, ки бад рафт, нек омадӣ.
Фаро шав, чу бинӣ дари сулҳ боз,
Ки ногаҳ дари тавба гардад фароз.
Марав зери бори гунаҳ, эй писар,
Ки ҳаммол оҷиз бувад дар сафар.
Паи некмардон бибояд шитофт,
Ки ҳар к-ин саодат талаб кард, ёфт.
Валекин ту дунболи деви хасӣ[1],
Надонам, дари солиҳон чун расӣ?
Паямбар касеро шафоатгар аст,
Ки бар ҷодаи шаръи пайғамбар аст.
Раҳи рост рав, то ба манзил расӣ,
Ту бар раҳ наӣ, з-ин қибал вопасӣ.
Чу гове, ки ассор чашмаш бибаст,
Давон то ба шаб, шаб ҳамон ҷо, ки ҳаст.

***

Гилолудае роҳи масҷид гирифт,
Зи бахти нигун буд андар шигифт.
Яке заҷр кардаш ба «Таббат ядок»,
Марав доманолуда дар ҷои пок.
Маро риққате дар дил омад бар ин,
Ки пок асту хуррам биҳишти барин.

---

[1] Хасӣ – пасту фурӯмоя.

Дар он ҷои покони уммедвор
Гилолудаи маъсиятро чӣ кор?
Биҳишт он ситонад, ки тоат барад,
Киро накд бояд, бизоат барад.
Макун, доман аз гарди зиллат бишӯй,
Ки ногаҳ зи боло бибанданд ҷӯй.
Мағӯ мурғи давлат зи қайдам биҷаст,
Ҳанӯзаш сари ришта дорӣ ба даст.
В-агар дер шуд, гармрав бошу чуст,
Зи дер омадан ғам надорад дуруст.
Ҳанӯзат аҷал дасти хоҳиш набаст,
Баровар ба даргоҳи додор даст.
Махусб, эй гунаҳкори хушхуфта, хез,
Ба узри гуноҳ оби чашме бирез.
Чу ҳукми зарурат бувад, к-обрӯй
Бирезанд боре бар ин хоки кӯй.
В-ар обат намонад, шафеъ ор пеш
Касеро, ки ҳаст обрӯ аз ту беш.
Ба қаҳр ар биронад Худой аз дарам,
Равони бузургон шафеъ оварам.

ҲИКОЯТ

Ҳаме ёдам омад зи аҳди сиғар[1],
Ки иде бурун омадам бо падар.
Ба бозича машғули мардум шудам,
Дар ошӯби халқ аз падар гум шудам.
Баровардам аз ҳавлу даҳшат хурӯш,
Падар ногаҳонам бимолид гӯш,
Ки, эй шӯхчашм, охират чанд бор
Бигуфтам, ки дастам зи доман мадор.
Ба танҳо надонад шудан тифли хурд,
Ки мушкил бувад роҳи нодида бурд.

---

[1] Сиғар – кӯдакӣ.

Ту ҳам тифли роҳӣ, ба саъй, эй фақир,
Бирав домани роҳдонон бигир.
Макун бо фурӯмоя мардум нишаст,
Чу кардӣ, зи ҳайбат фурӯ шӯй даст.
Ба фитроки покон даровез чанг,
Ки ориф надорад зи дарюза нанг.
Муридон ба қувват зи тифлон каманд,
Машоих[1] чу девори мустаҳкаманд.
Биёмӯз рафтор аз он тифли хурд,
Ки чун истионат ба девор бурд,
Зи занҷири нопорсоён бираст,
Ки дар ҳалқаи порсоён нишаст.
Агар ҳоҷате дорӣ, ин ҳалқа гир,
Ки султон надорад аз ин дар гузир.
Бирав, хӯшачин бош Саъдисифат,
Ки гирд оварӣ хирмани маърифат.
Ало, эй муқимони меҳроби унс,
Ки фардо нишинед бар хони қудс,
Матобед рӯй аз гадоёни хайл,
Ки соҳибмурувват наронад туфайл.
Кунун бо хирад бояд анбоз гашт,
Ки фардо намонад раҳи бозгашт.

ҲИКОЯТ

Яке ғалла мурдодмаҳ тӯда кард,
Зи тимори дай хотир осуда кард.
Шабе маст шуд, оташе барфурӯхт,
Нигунбахти колева хирман бисӯхт.
Дигар рӯз дар хӯшачинӣ нишаст,
Ки як ҷав зи хирман намондаш ба даст.
Чу саргашта диданд дарвешро,
Яке гуфт парвардаи хешро:

---

[1] Машоих – бузургони аҳли ирфон.

«Нахоҳӣ, ки бошӣ чунин тираруз,
Ба девонагӣ хирмани худ масуз!
Гар аз даст шуд умрат андар бадӣ,
Ту онӣ, ки дар хирман оташ задӣ.
Фазеҳат[1] бувад хӯша андӯхтан
Пас аз хирмани хештан сӯхтан.
Макун, ҷони ман, тухми дин варзу дод,
Мадеҳ хирмани некномӣ ба бод».
Чу баргаштабахте дарафтад ба банд,
Аз ӯ некбахтон бигиранд панд.
Ту пеш аз уқубат дари афв кӯб,
Ки суде надорад фиғон зери чӯб.
Барор аз гиребони ғафлат сарат,
Ки фардо намонад хиҷил дар барат.

ҲИКОЯТ

Яке муттафиқ буд бар мункаре,
Гузар кард бар вай накӯмаҳзаре.
Нишаст аз хиҷолат араққарда рӯй,
Ки оё хиҷил гаштам аз шайхи кӯй?
Шунид ин сухан пири равшанравон,
Бар ӯ бар бишӯриду гуфт: «Эй ҷавон,
Наёяд ҳаме шармат аз хештан,
Ки Ҳақ ҳозиру шарм дорӣ зи ман?
Наёсоӣ аз ҷониби ҳеч кас,
Бирав, ҷониби Ҳақ нигаҳ дору бас.
Чунон шарм дор аз Худованди хеш,
Ки шармат зи ҳамсоягон асту хеш».

---

[1] Фазеҳат – расвой.

ҲИКОЯТ

Зулайхо чу гашт аз майи ишқ маст,
Ба домони Юсуф даровехт даст.
Чунон деви шаҳват ризо дода буд,
Ки чун гург дар Юсуф афтода буд.
Буте дошт бонуи Миср аз рухом,
Бар ӯ муътакиф[1] бомдодону шом.
Дар он лаҳза рӯяш бибӯсиду сар,
Мабодо, ки зишт оядаш дар назар.
Ғамолуда Юсуф ба кунҷе нишаст,
Ба сар - бар зи нафси ситамкора даст.
Зулайхо ду дасташ бипӯшиду пой.
Ки, эй сустпаймони саркаш, дарой!
Ба сандондилӣ рӯй дар ҳам макаш,
Ба тундӣ парешон макун вақти х(в)аш.
Равон гашташ аз дида бар чеҳра ҷӯй,
Ки баргарду нопокӣ аз ман маҷӯй.
Ту дар рӯи санге шудӣ шармнок,
Маро шарм бод аз Худованди пок.
Чӣ суд, ар пушаймонӣ ояд ба каф,
Чу сармояи умр кардӣ талаф?
Шароб аз паи сурхрӯӣ х(в)аранд,
В-аз ӯ оқибат зардрӯӣ баранд.
Ба узроварӣ хоҳиш имрӯз кун,
Ки фардо намонад маҷоли сухун.

***

Палидӣ кунад гурба бар ҷои пок,
Чу зишташ намояд, бипӯшад ба хок.
Ту озодӣ аз нописандидаҳо,
Натарсӣ, ки бар вай фитад дидаҳо.

---

[1] Мӯътакиф – пайваста машғули ибодат.

Барандеш аз он бандаи пургунох,
Ки аз хоча обик[1] шавад чанд гох.
Агар бозгардад ба сидку ниёз,
Ба занчиру бандаш наёранд боз.
Ба киноварӣ бо касе барситез,
Ки аз вай гузират бувад, ё гурез.
Кунун кард бояд амалро хисоб,
На вакте ки маншур гардад китоб.
Касе гарчи бад кард, хам бад накард,
Ки пеш аз киёмат ғами худ бих(в)ард.
Гар оина аз ох гардад сиёх,
Шавад равшан оинаи дил ба ох.
Битарс аз гунохони хеш ин нафас,
Ки рӯзи киёмат натарсӣ зи кас.

ХИКОЯТ

Ғариб омадам дар саводи Хабаш,
Дил аз дахр фориғ, сар аз айш х(в)аш.
Ба рах-бар яке дакка дидам баланд,
Тане чанд мискин дар ӯ пойбанд.
Басичи сафар кардам андар нафас,
Биёбон гирифтам чу мурғ аз кафас.
Яке гуфт, к-ин бандиён шабраванд,
Насихат нагиранду хак нашнаванд.
Чу бар кас наёмад зи дастат ситам,
Туро гар чахон шихна гирад, чӣ гам?
Наёварда омил ғаш андар миён,
Наяндешад аз рафъи девониён,
В-агар иффататро фиреб аст зер,
Забони хисобат нагардад далер.

---

[1] Обик – фирорӣ.

Накӯномро кас нагирад асир,
Битарс аз Худову матарс аз амир,
Чу хидмат писандида орам ба ҷой,
Наяндешам аз душмани тирарой.
Агар банда кӯшиш кунад бандавор,
Азизаш бидорад Худовандгор.
В-агар кундрояст дар бандагӣ,
Зи ҷондорӣ афтад ба харбандагӣ.
Қадам пеш неҳ, к-аз малак бизгарӣ,
Ки гар бозмонӣ, зи дад камтарӣ.

ҲИКОЯТ

Якеро ба чавгон маҳи Домғон
Бизад, то чу таблаш баромад фиғон.
Шаб аз беқарорӣ наёраст хуфт,
Бар ӯ порсое гузар карду гуфт:
Ба шаб гар бибурдӣ бари шиҳна сӯз,
Гуноҳ обрӯяш набурдӣ ба рӯз.
Касе рӯзи маҳшар нагардад хиҷил,
Ки шабҳо ба даргаҳ барад сӯзи дил.
Агар ҳушмандӣ, зи довар бихоҳ
Шаби тавба тақсири рӯзи гуноҳ.
Ҳанӯз ар сари сулҳ дорӣ чӣ бим?
Дари узрхоҳон набандад карим.
Кариме, ки овардат аз нест ҳаст,
Аҷаб, гар бияфтӣ, нагирад-т даст.
Агар бандаӣ, дасти ҳоҷат барор,
В-агар шармсор, оби ҳасрат бибор.
Наёмад бар ин дар касе узрхоҳ,
Ки сели надомат нашусташ гуноҳ.
Нарезад Худой обрӯи касе,
Ки резад гуноҳ оби чашмаш басе.

ҲИКОЯТ

Ба Санъо-дарам тифле андаргузашт,
Чӣ гӯям, к-аз онам чӣ бар сар гузашт.
Қазо нақши юсуфҷамоле накард,
Ки моҳии гӯраш чу Юнус наx(в)ард.
Дар ин боғ сарве наёмад баланд,
Ки боди аҷал бехаш аз бун наканд.
Ниҳоле ба сӣ сол гардад дарахт,
Зи бехаш барорад яке боди сахт.
Аҷаб нест бар хок, агар гул шукуфт,
Ки чандин гуландом дар хок хуфт.
Ба дил гуфтам: «Эй нанги мардон, бимир,
Ки кӯдак равад поку олуда пир».
Зи савдову ошуфтагӣ бар қадаш
Барандохтам санге аз марқадаш.
Зи ҳавлам дар он ҷои торику танг
Бишӯрид ҳолу бигардид ранг.
Чу боз омадам з-ин тағайюр ба ҳуш,
Зи фарзанди дилбандам омад ба гӯш:
«Гарат ваҳшат омад зи торик ҷой,
Баҳуш бошу бо рӯшноӣ дарой.
Шаби гӯр хоҳӣ мунаввар чу рӯз,
Аз ин ҷо чароғи амал барфурӯз.
Тани коркун мебиларзад зи таб,
Мабодо, ки нахлаш наёрад рутаб.
Гурӯҳе фаровонтамаъ зан баранд,
Ки гандум наяфшонда хирман баранд.
Бар он хӯрд, Саъдӣ, ки бехе нишонд,
Касе бурд хирман, ки тухме фишонд.

БОБИ ДАҲУМ

ДАР МУНОҶОТ ВА ХАТМИ КИТОБ

Биё, то барорем дасте зи дил,
Ки натвон баровард фардо зи гил.
Ба фасли хазон дарнаёбӣ дарахт,
Ки бебарг монад зи сармои сахт.
Барорад тиҳӣ дастҳои ниёз,
Зи раҳмат нагардад тиҳидаст боз.
Мапиндор, аз он дар, ки ҳаргиз набаст,
Ки навмед гардад бароварда даст.
Қазо хилъате номдораш диҳад,
Қадар мева дар остинаш ниҳад.
Ҳама тоат оранду мискин ниёз,
Биё то ба даргоҳи мискиннавоз.
Чу шохи бараҳна барорем даст,
Ки бе барг аз ин беш натвон нишаст.
Худовандгоро, назар кун ба ҷуд,
Ки ҷурм омад аз бандагон дар вуҷуд.
Гуноҳ ояд аз бандаи хоксор
Ба уммеди афви Худовандгор.
Каримо, ба ризқи ту парвардаем,
Ба инъому лутфи ту хӯ кардаем.
Гадо чун карам бинаду лутфу ноз,
Нагардад зи дунболи бахшанда боз.
Чу моро ба дунё ту кардӣ азиз,
Ба уқбо ҳамин чашм дорем низ.
Азизию хорӣ ту бахшию бас,
Азизи ту хорӣ набинад зи кас.
Худоро ба иззат, ки хорам макун,
Ба зулли[1] гунаҳ шармсорам макун.

---

[1] **Зулл – хорӣ.**

Мусаллат макун чун мане бар сарам,
Зи дасти ту беҳ, гар уқубат барам.
Ба гетӣ набошад барат з-ин баде,
Ҷафо бурдан аз дасти ҳамчун х(в)аде.
Маро шармсорӣ зи рӯи ту бас,
Дигар шармсорам макун пеши кас.
Гарам бар сар афтад зи ту сояе,
Сипеҳрам бувад камтарин пояе.
Агар тоҷбахте сар афрозадам,
Ту бардор, то кас наяндозадам.
Танам мебиларзад, чу ёд оварам
Муноҷоти шӯридае дар ҳарам,
Ки мегуфт шӯридае дилфигор:
Илоҳо, бибахшу ба зуллам мадор.
Ҳаме гуфт бо Ҳақ ба зорӣ басе:
Маяфкан, ки дастам нагирад касе.
Ба лутфам бихону марон аз дарам,
Надорад ба ҷуз остонат сарам.
Ту донӣ, ки мискину бечораем,
Фурӯмондаи нафси аммораем.
Наметозад ин нафси саркаш чунон,
Ки ақлаш тавонад гирифтан инон.
Кӣ бо нафсу шайтон бараояд ба зӯр,
Масофи палангон наёяд зи мӯр.
Ба мардони роҳат, ки роҳе бидеҳ,
В-аз ин душманонам паноҳе бидеҳ.
Худоё, ба зоти худовандият,
Ба авсофи бемислумонандият,
Ба лаббайки ҳуҷҷоҷи байтулҳаром,
Ба мадфуни Ясриб, алайҳиссалом,
Ба такбири мардони шамшерзан,
Ки марди вағоро шуморанд зан.
Ба тоати пирони ороста,
Ба сидқи ҷавонони нахоста,

Ки моро дар он вартае як нафас
Зи нанги ду гуфтан ба фарёд рас.
Умед аст аз онон, ки тоат кунанд,
Ки бетоатонро шафоат кунанд.
Ба покон, к-аз олоишам дур дор,
В-агар заллате[1] рафт, маъзур дор.
Ба пирони пушт аз ибодат дуто,
Зи шарми гунаҳ дида бар пушти по,
Ки чашмам зи рӯи саодат мабанд,
Забонам ба вақти шаҳодат мабанд.
Чароғи яқинам фаро роҳ дор,
Зи бад карданам даст кӯтоҳ дор.
Бигардон зи нодиданӣ дидаам,
Мадеҳ даст бар нописандидаам.
Ман он зарраам дар ҳавои ту нест,
Вуҷуду адам дар заломам[2] якест.
Зи хуршеди лутфат шуое басам,
Ки ҷуз дар шуоат набинад касам,
Бадеро нигаҳ кун, ки беҳтар кас аст,
Гадоро зи шоҳ илтифоте бас аст.
Маро гар бигирӣ ба инсофу дод,
Бинолам, ки лутфат на ин ваъда дод.
Худоё, ба хорӣ марон аз дарам,
Ки сурат набандад дари дигарам.
В-ар аз ҷаҳл ғоиб шудам рӯз чанд,
Кунун, к-омадам, дар ба рӯям мабанд.
Чӣ узр орам аз нанги тардоманӣ,
Магар аҷз пеш оварам, к-эй ғанӣ,
Фақирам, ба ҷурми гуноҳам магир,
Ғаниро тараҳҳум бувад бар фақир.
Чаро бояд аз заъфи ҳолам гирист,
Агар ман заифам, паноҳам қавист.

---

[1] Заллат – лағзиш.
[2] Залом – торикӣ.

Худоё, ба ғафлат шикастим аҳд,
Чӣ зӯр оварад бо қазо дасти ҷаҳд?
Чӣ бархезад аз дасти тадбири мо,
Ҳамин нукта бас узри тақсири мо.
Ҳама, ҳар чӣ кардам, ту барҳам задӣ,
Чӣ қувват кунад бо худоӣ х(в)адӣ.
На ман сар зи ҳукмат бадар мебарам,
Ки ҳукмат чунин меравад бар сарам.

ҲИКОЯТ

Сияҳчардаеро касе зишт хонд,
Ҷавобе бигуфташ, ки ҳайрон бимонд:
«На ман сурати хеш х(в)ад кардаам,
Ки айбам шуморӣ, ки бад кардаам.
Туро бо ман, ар зиштрӯям, чӣ кор,
На охир манам зишту зебонигор?
Аз онам, ки бар сар набиштӣ зи пеш,
На кам кардам, эй бандапарвар, на беш.
Ту доноӣ, охир, ки қодир наям,
Тавонои мутлақ туӣ, ман киям?
Гарам раҳ намоӣ, расидам ба хайр,
В-агар гум кунӣ, бозмонам зи сайр.
Ҷаҳонофарин гар на ёрӣ кунад,
Куҷо банда парҳезгорӣ кунад?».
Чӣ хуш гуфт дарвеши кӯтоҳдаст,
Ки шаб тавба карду саҳаргаҳ шикаст.
Гар ӯ тавба бахшад, бимонад дуруст,
Ки паймони мо бесабот[1] асту суст.
Ба ҳаққат, ки чашмам зи ботил бидӯз,
Ба нурат, ки чашмам зи ботил масӯз.
Зи мискиниям рӯй дар хок рафт,
Ғубори ғуноҳам бар афлок рафт.

---

[1] Бесабот – нопайдо.

Ту як навбат, эй абри раҳмат, бибор,
Ки дар пеши борон напояд ғубор.
Зи ҷурмам дар ин мамлакат ҷоҳ нест,
Валекин ба мулке дигар роҳ нест.
Ту донӣ замири забонбастагон,
Ту марҳам ниҳӣ бар дили хастагон.

ҲИКОЯТ

Муғе дар ба рӯй аз ҷаҳон баста буд,
Бутеро ба хидмат миён баста буд.
Пас аз чанд сол он никӯҳидакеш,
Қазо ҳолате саъбаш[1] овард пеш.
Ба пои бут-андар ба уммеди хайр
Биғалтид бечора бар хоки дайр,
Ки дармондаам, даст гир, эй санам,
Ба ҷон омадам, раҳм кун бар танам.
Бизорид дар хидматаш борҳо,
Ки ҳечаш басомон нашуд корҳо.
Буте чун барорад муҳиммоти кас,
Ки натвонад аз худ биронад магас?
Барошуфт, к-эй пойбанди залол,
Ба ботил парастидамат чанд сол.
Муҳимме, ки дар пеш дорам, барор
В-агарна бихоҳам зи парвардгор.
Ҳанӯз аз бут олуда рӯяш ба хок,
Ки комаш баровард Яздони пок.
Ҳақоиқшиносе дар ин хира шуд,
Сари вақт софӣ бар ӯ тира шуд,

---

[1] Саъб – душвор.

Ки саргаштаи дуни яздонпараст
Ҳанӯзаш сар аз хамри[1] бутхона маст,
Дил аз куфру даст аз хиёнат бишуст,
Худояш баровард коме, ки чуст.
Фурӯ рафт хотир дар ин мушкилаш,
Ки пайғоме омад ба гӯши дилаш,
Ки пеши санам пири нокисуқул
Басе гуфту қавлаш наёмад қабул.
Гар аз даргаҳи мо шавад низ рад,
Пас, он гаҳ чӣ фарқ аз санам то самад?
Дил андар самад бояд, эй дӯст, баст,
Ки оҷизтаранд аз санам ҳар кӣ ҳаст.
Муҳол аст, агар сар бар ин дарниҳӣ,
Ки боз оядат дасти ҳоҷат тиҳӣ.
Худоё, муқассир ба кор омадем,
Тиҳидасту уммедвор омадем.

ҲИКОЯТ

Шунидам, ки масте зи тоби набид
Ба мақсураи масҷиде дардавид.
Бинолид бар остони карам,
Ки, ё раб, ба фирдавси аъло барам.
Муаззин гиребон гирифташ, ки ҳин,
Сагу масҷид, эй фориғ аз ақлу дин!
Чӣ шоиста кардӣ, ки хоҳӣ биҳишт,
Намезебадат ноз бо рӯи зишт.
Бигуфт ин сухан пиру бигрист маст,
Ки мастам, бидор аз ман, эй хоҷа, даст.

---

[1] Хамр – шароб.

Аҷаб дорӣ аз лутфи парвардгор,
Ки бошад гунаҳкоре уммедвор?
Туро менагӯям, ки узрам пазир,
Дари тавба боз асту ҳақ дастгир.
Ҳаме шарм дорам зи лутфи карим,
Ки хонам гунаҳ пеши афваш азим.
Касеро, ки пирӣ дарорад зи пой,
Чу douсташ нагирӣ, нахезад зи ҷой.
Ман онам зипойандарафтода пир,
Худоё, ба фазли худат даст гир.
Нагӯям бузургию ҷоҳам бибахш,
Фурӯмондагию гуноҳам бибахш.
Агар ёре андак залал донадам,
Ба нобихрадӣ шуҳра гардонадам.
Ту бинову мо хоиф[1] аз якдигар,
Ки ту пардапӯшию мо пардадар.
Бароварда мардум зи берун хурӯш,
Ту бинанда дар пардаву пардапӯш.
Ба нодонӣ ар бандагон сар кашанд,
Худовандгорон қалам даркашанд.
Агар ҷурм бахшӣ ба миқдори ҷуд,
Намонад гунаҳкорӣ андар вуҷуд.
В-агар хашм гирӣ ба қадри гуноҳ,
Ба дӯзах фиристу тарозу маҳоҳ,
Гарам даст гирӣ, ба ҷое расам,
В-агар бифканӣ, барнагирад касам.
Кӣ зӯр оварад, гар ту ёрӣ диҳӣ?
Кӣ гирад, чу ту растагорӣ диҳӣ?
Ду хоҳанд будан ба маҳшар фариқ[2],
Надонам, кадомин диҳандам тариқ.

---

[1] Хоиф – тарснок.
[2] Фариқ – даста, гурӯҳ.

Аҷаб, гар бувад роҳам аз дасти рост,
Ки аз дасти ман ҷуз бадӣ барнахост.
Дилам медиҳад вақт - вақт ин умед,
Ки ҳақ шарм дорад зи мӯи сапед.
Аҷаб дорад, ар шарм дорад зи ман,
Ки шармам намеояд аз хештан.
На Юсуф, ки чандон бало диду банд,
Чу ҳукмаш равон гашту қадраш баланд.
Гунаҳ афв кард оли Яъқубро,
Ки маънӣ бувад сурати хубро.
Ба кирдори бадшон муқайяд накард,
Бизооти музҷоташон рад накард.
Зи лутфат ҳаме чашм дорем низ,
Бар ин бебизоат бибахш, эй азиз.
Кас аз ман сияҳноматар дида нест,
Ки ҳеҷам фиоли писандида нест.
Ҷуз ин, к-эътимодам ба ёрии туст,
Умедам ба омурзгории туст.
Бизоат наёвардам илло умед,
Худоё, зи афвам макун ноумед.

МУНДАРИЧА

САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БӮСТОН

Мураттиб: Саҳобиддин Сиддиқов
Ҳозиркунандаи чоп: Мубашшир Акбарзод

Муҳаррир	М. Холов
Муҳаррири техникӣ	А. Камолов
Тарроҳ	З. Ҷӯраева

Ба матбаа 18.03.08 супорида шуд. Ба чопаш 18.06.08 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетии № 1. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 18,25. Супориши № 83\08 . Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев-17. Тел/факс: 233-93-97
E-mail: najmidin 64 @ mail. ru

Дар матбааи ҶДММ «Комрон+П» ба чоп расидааст.
шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров 111/А.
Супориши № 41 «а». Адади нашр 5000 нусха.

28сели

МАОРИФ ВА ФАРХАНГ